**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ТДУ: 336.71**

**ТКБ: 65.262.10**

**Ҳ-15**

**ҲАЁЗОДА ҚИЁМУДДИН АМОНУЛЛО**

# САМТҲОИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲО ДАР ШАРОИТИ НОРАСОИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ

**ДИССЕРТАТСИЯ**

**барои дарёфти дараҷаи илмии**

**доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия**

**(6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз)**

**Роҳбари илмӣ:**

**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент**

**Каримов Баҳодур Ҳасанович**

**Кӯлоб – 2025**

## МУНДАРИҶА


**Саҳ.**

**НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО.............................................................. 3**

**МУҚАДДИМА.............................................................................. 4**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ.......................................................................................... 14**

1.1. Асосҳои илмии таҳқиқи устувории бонкҳои тиҷоратӣ................ 14

1.2. Омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии он............................................................ 28

1.3. Хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ............................................... 44

**БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ УСТУВОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ НОРАСОИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ.......................................................................................... 62**

2.1. Таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон............................................................ 62

2.2. Мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ.... 79

2.3. Арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ............................................................ 94

**БОБИ 3. САМТҲОИ РУШДИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ.......................................... 116**

3.1. Такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ............................................. 116

3.2. Таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ....................................... 132

3.3. Истифодаи воситаҳои маркетинг барои ҷалби захираҳои озоди молиявӣ, таъмини мизоҷон бо қарзҳо ва сармоягузориҳои бонкӣ...... 149

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО............................................................... 163**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ.................................................................... 171**

## НОМГӮИ ИХТИСОРАҲО

| | | |
|---|---|---|
| БМТ | - | Бонки миллии Тоҷикистон |
| ИДМ | - | Иттиҳоди давлатҳои мустақил |
| ИМА | - | Иёлоти Муттаҳидаи Америка |
| КВД БА ҶТ | - | Корхонаи воҳиди давлатии бонки амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ҚНГ | - | Қарз нисбат ба гарав |
| ҚНД | - | Қарз нисбат ба даромад |
| ММД | - | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| СБҲМ | - | Стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ |
| ФПТИ | - | Фонди пӯшонидани талафоти имконпазир |
| ХБА | | Хазинаи Байналмилалии Асъор |
| ҶИЭ | - | Ҷумҳурии Исломии Эрон |
| ҶСК | - | Ҷамъияти саҳомии кушода |
| ҶСП | - | Ҷамъияти саҳомии пӯшида |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Бонкҳо яке аз унсурҳои муҳимтарини иқтисодиёти миллӣ мебошанд. Нақши онҳо дар иқтисодиёт пеш аз ҳама дар фаъолияти миёнаравии молиявӣ, ҷамъоварии захираҳои молиявӣ ва пешниҳод кардани онҳо ба дигар субъектҳои иқтисодӣ зоҳир мегардад. Низоми бонкӣ фаъолияти худро густариш дода, ба ин васила ба фаъолияти тамоми субъектҳои иқтисодӣ таъсир мерасонад, ки дар натиҷа дар мамлакат суботи иқтисодӣ пойдор гардида, мақоми он дар арсаи иқтисодии ҷаҳонӣ баланд мешавад.

Имрӯз устувории молиявии низоми бонкӣ ҳамчун хосияти умумии ифодакунандаи вазъи пойгоҳи молиявӣ, ки тамоми ҷиҳатҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таъмин мекунад, баррасӣ мешавад. Дар шароити таъсири хавфҳои молиявӣ, ки паёмади буҳрони молиявии ҷаҳонӣ мебошанд ва ба норасоии назарраси захираҳои молиявии аксари бонкҳои тиҷоратии мамлакат боис шудаанд, таҳқиқ ва арзёбии устувории бонкҳо аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, ки таъсири он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳануз қатъ нашудааст, фаъолияти муътадили низоми бонкиро халалдор карда, ба бонкҳои тиҷоратӣ зарари калон расонид. Дар паёмади буҳрони молиявӣ якчанд бонкҳои тиҷоратӣ муфлис шуда, ба бонкҳои дигар хатари халалдор шудани устуворӣ таҳдид мекунад. Бинобар ин, имрӯз барои низоми бонкии мамлакат масъалаи нигоҳдорӣ ва таҳкими устувории низоми бонкӣ дар маҷмуъ ва фаъолияти унсури асосии он – бонкҳои тиҷоратӣ муҳим аст.

Ба хотири таҳкими устувории молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ муҳим аст, ки бо истифода аз имконият ва воситаҳои менеҷменти бонкии муосир сифати сармояи худро назорат кунанд, сифати дороиҳои худро бо роҳи таъмини мувофиқати сохтори онҳо нигоҳ доранд, мизоҷони аз ҷиҳати молиявӣ устуворро барои хизматрасонӣ ҷалб кунанд, ҷараёнҳои пулии худро дуруст ба нақша гиранд, таносуби захираҳои ҷалбшуда ва ҷойгиркардашударо дар доираи меъёрҳои мақбуле, ки ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ва ниҳодҳои танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ тавсия кардаанд, нигоҳ доранд. Ҳамаи ин,

албатта дар натиҷаи таҳлил, арзёбӣ ва идоракунии нишондиҳандаҳои устувории бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ба даст оварда мешавад. Вобаста ба ин, имрӯз таҳқиқи самтҳои таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ, аз ҷумла унсури асосии он – бонкҳои тиҷоратӣ масъалаи муҳим буда, зарурати ҳалли мушкилоти таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ мубрамии илмию назариявӣ ва амалии мавзуи диссертатсияро асоснок мекунад.

Дар доираи диссертатсияи мазкур асосҳои назариявии таъмини устувории молиявии низоми бонкии мамлакат дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таҳқиқ карда шуда, омилҳои воқеии таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил ва нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи он арзёбӣ карда мешаванд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Дар адабиёти хориҷӣ доир ба таҳқиқи ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ҷиҳатҳои амалии таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ интишороти зиёд ҳастанд. Аксари онҳо масъалаҳои мазкурро вобаста ба шароити буҳронӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ дар низоми бонкӣ баррасӣ мекунанд. Дар адабиёти ватании солҳои охир низ интишороти зиёди марбут ба таҳқиқи масъалаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ ба назар мерасад.

Масъалаҳои умумии таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар асарҳои олимони ватанӣ И.Қ. Аҳадов, А.Д. Оев, Р. Рустамова, С.З. Сафаров, Х.Р. Улуғхоҷаева, Ҳ. Умаров, Қ.Х. Хушвахтзода, У.С. Ҳикматов, Б.М. Шарифзода, Д.С. Юсупов ва муҳаққиқони хориҷӣ О.А. Антонюк, У.Р. Байрам, Р.С. Вотинтсева, Э.Ҷ. Долан, Л.Ф. Клеппер, М.В. Илюхина, О.И. Лаврушин, А.А. Лимаева, Р.Л. Миллер, П.А. Продолятченко, Е.М. Решулская, А.М. Тавасиев, С.Н. Третякова, Ю.А. Харитонова баррасӣ шудаанд.

Дар асарҳои олимони ватанӣ Ғ.М. Ашуров, Н.Қ. Икромов, Ф.Н. Икромов, С.Ҷ. Махшулов, М.Р. Нуров, Ф.С. Обидов, З.С. Султонов, Ш.К. Хайрзода ва муҳаққиқони хориҷӣ Е.А. Бибикова, Ю.В. Корниенко, И.В. Попова, Д.Я. Родин, М.И. Соломатина, В.В. Софронова, А.А. Хандруев масъалаҳои таъмини

устувории молиявии бонкҳо дар шароити буҳрони молиявӣ ва паёмадҳои он таҳқиқ шудаанд.

Муҳаққиқони ватанӣ Б.Ҳ. Каримов, О.С. Маҳмадов ва олимони хориҷӣ А.Н. Бирюков, Е.Б. Герасимова, М.А. Горский, И.Р. Диакону, О.В. Кабанова, О.В. Ларченко, А.К. Муравёв, В.И. Пухов, Е.Б. Стародубтсева, Л.Ф. Уварова, Г.Г. Фетисов, М.В. Шулгина масъалаҳои таҳлили нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, арзёбӣ ва идоракунии онҳоро баррасӣ кардаанд.

Дар адабиёти ватании соҳаи молия интишороте, ки масъалаи таъмини устувории бонкҳоро дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ мавриди омӯзиш қарор дода бошанд, камшуморанд. Бинобар ин, таъқид бояд кард, ки масъалаҳои таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таҳқиқоти алоҳидаро талаб мекунанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқот бо Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 октябри соли 2016, № 392), Стратегияи миллии фарогирии молиявӣ барои солҳои 2022-2026 (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июли соли 2022, № 314) ва Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 (қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 июни соли 2021, № 441) алоқаманд мебошанд. Диссертатсия мувофиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ иҷро гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади диссертатсия таҳқиқи ҷанбаҳои назариявӣ, масъалаҳои ташкилӣ ва мушкилоти методӣ, таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба такмили низоми таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Ба хотири расидан ба мақсади гузошташуда дар диссертатсия чунин вазифаҳо иҷро карда мешаванд:

1. Омӯзиши асосҳои илмию методии ҳалли мушкилоти таъмини устувории бонкҳо, муфассал кардани мафҳуми устуворӣ ва ифшои муҳтавои иқтисодии он дар муносибат бо бонкҳои тиҷоратӣ.

2. Таҳқиқи омилҳое, ки ба устувории бонкҳои тиҷоратӣ таъсир мерасонанд, арзёбии шароити таъмини устувории молиявӣ, муайян кардани хусусиятҳои таъмини устувории бонк ҳангоми норасоии захираҳои молиявӣ.

3. Таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкӣ, таҳқиқи мушкилоти таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва муайян кардани хавфҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ.

4. Таҳлил ва арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, таҳқиқи пойгоҳи захиравӣ ва таҳлили кифоятии захираҳои молиявии бонкҳо.

5. Таҳияи тадбирҳо оид ба таъмини устувории молиявии бонкҳои мамлакат ва такмили амсилаи танзим ва назорати низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ.

6. Ошкор кардани роҳҳои таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ тавассути ташкили дурусти идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ ҳамчун самти муҳими рушди таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ.

7. Таҳияи пешниҳодҳо оид ба корбурди воситаҳои муосири маркетинги бонкӣ барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии муносиби онҳо.

**Объекти таҳқиқот** низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва унсури муҳими он - бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

**Предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодие мебошанд, ки вобаста ба ташаккули низоми таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ба вуҷуд меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот.** Норасоии захираҳои молиявӣ дар низоми бонкӣ, ки дар паёмади буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва буҳрони бонкӣ дар мамлакат ба миён омадааст, тавассути натиҷагирӣ ва иҷрои амалҳои дахлдор дар асоси таҳлил, арзёбӣ ва идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бартараф карда мешавад. Бо анҷом додани тадбирҳои зарурӣ оид ба таҳлил ва идоракунии нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва суботи молиявии низоми бонкӣ дар мамлакат таъмин мегардад. Ҳамаи ин фарзияи кории таҳқиқотро ифода мекунад.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот.** Диссертатсия ба интишороти илмие, ки ба омӯзиши мушкилоти назариявию методологии таъмини устувории молиявии бонкҳо, таҳлил, арзёбӣ ва идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити буҳронӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ бахшида шудаанд, асос меёбад. Ҳангоми иҷрои таҳқиқот усулҳои илмии мантиқӣ, таҳлилӣ, иқтисодӣ-оморӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, графикӣ, коршиносӣ, истисно, муқоиса ва дигарҳо истифода шудаанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Таҳқиқот ба санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фаъолияти бонкӣ, дастурамалҳои БМТ, тавсияҳои Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ, маълумоти ҳисоботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, иттилооти БМТ оид ба танзим ва назорати низоми бонкӣ, маводи конференсияҳо ва интишороти соҳаи фаъолияти бонкӣ такя мекунад.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар солҳои 2020-2024 дар кафедраи иқтисодиёти корхонаҳо ва соҳибкории Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар асоснок кардани ҷанбаҳои назариявӣ ва коркарди тавсияҳои амалӣ ба хотири ташкили низоми муносиби таъмини

устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти ҳалли мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ ифода меёбад. Ҳамчун натиҷаҳое, ки навгонии илмӣ доранд, чунин ҷиҳатҳои диссертатсия ҷудо карда мешаванд:

1. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявии устувории бонкҳо ва таъмини он мафҳуми «устувории бонкҳои тиҷоратӣ» аниқ карда шуда, муносибати он бо мафҳуми суботи молиявӣ ва дигар мафҳумҳои ба он наздик муайян карда шудааст, муҳтавои иқтисодии устувории молиявӣ ва суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ифшо карда шудааст. Зарурати баррасӣ намудани устувории молиявӣ ҳам аз нуқтаи назари худи бонк, ҳам аз нуқтаи назари мизоҷон, соҳибмулкон ва бонки танзимкунанда собит карда шудааст.

2. Омилҳои берунӣ ва дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва тасниф карда шуда, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ арзёбӣ ва хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян карда шудаанд. Тасдиқ карда мешавад, ки яке аз омилҳои номатлуби ба норасоии захираҳои молиявии бонкҳо боисшаванда ин кам шудани пасандозҳо ва паст шудани қобилияти харидории аҳолӣ мебошад. Вобаста ба ин, ҳангоми ташаккули пойгоҳи захиравӣ зиёд кардани пасандозҳо дар ҳаҷми умумии маблағҳои сафарбаршуда, сарфи назар аз афзоиши хароҷоти фоизӣ тавсия дода мешавад.

3. Раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии мамлакат, нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил карда шуда, дар ин асос хавфҳои низоми бонкӣ ва мушкилоти мавҷудаи таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд. Тасдиқ карда мешавад, ки истифодаи намудҳои гуногуни амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ шарти зарурии ҷалби мизоҷон ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани даромаднокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

4. Методикаҳои мавҷудаи таҳлили вазъ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ таҳқиқ ва гурӯҳбандӣ карда шуда, имконияти истифодаи методикаҳои муносиб барои таҳқиқи пойгоҳи захиравӣ ва таҳлили кифоятии захираҳои

молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муайян ва самаранокии онҳо тасдиқ карда шудааст. Ба хотири анҷом додани таҳлили саҳеҳ ва босифати устувории молиявии бонк истифодаи на як, балки якчанд усул тавсия дода мешавад, масалан, ҳамҷоягии усулҳои коэффитсиентӣ ва рейтингӣ бо мақсади ошкор кардани самтҳои афзалиятноки баланд бардоштани устувории молиявӣ.

5. Самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир муайян гардида, барои таҳким ва такмили амсилаи танзим ва назорати низоми бонкӣ ба хотири таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ тадбирҳо таҳия ва тавсияҳо пешниҳод карда шудаанд. Ба гардиши молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҷалб намудани ҳиссаи бештари пасандозҳо, аз ин ҳисоб зиёд кардани сармояи бонкҳо ва тақсимкунии минбаъдаи захираҳои молиявии онҳо барои рушди иқтисодии мамлакат тавсия дода мешавад.

6. Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои муҳими тавсифкунандаи устувории молиявӣ – пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, инчунин идоракунии муносиби онҳо самтҳои таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратии мушаххас - ҶСК «Бонки Эсхата» муайян карда шудааст. Тасдиқ карда мешавад, ки идоракунии дороиҳо дар асоси пардохтпазирӣ бояд ба тавсияҳои БМТ, таҷрибаи худӣ ва ҷаҳонии таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ такя кунад.

7. Вазъ ва пӯёи пасандозҳои бонкҳои тиҷоратӣ чун манбаи муҳими бартараф кардани норасоии захираҳои молиявии низоми бонкӣ таҳлил шуда, муайян карда шудааст, ки барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ корбурди дурусти унсурҳои сиёсати маркетингӣ омили муҳим аст. Вобаста ба ин пешниҳодҳо оид ба корбурди воситаҳои муосири маркетинги бонкӣ барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии муносиби онҳо таҳия карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**

1. Тасдиқи масъалаи устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва таъмини он ҳамчун мушкилоти муҳими назариявию амалии низоми бонкӣ, аниқ кардани мафҳуми устувории бонк, муайян кардани муносибати он бо мафҳумҳои субот,

эътимоднокӣ ва устувории молиявӣ, устувории низоми бонкӣ, муфассалкунии муҳтавои иқтисодии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ вобаста ба вазъи имрӯзаи низоми бонкӣ дар мамлакат.

2. Муайян кардани омилҳои берунӣ ва дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар марҳилаи кунунии вазъи низоми бонкии мамлакат, таснифи ин омилҳо, арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии бонк, ифшои хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ.

3. Таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии миллӣ, арзёбии нишондиҳандаҳои асосии молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, муайян ва арзёбӣ кардани хавфҳо дар низоми бонкӣ, нишон додани роҳҳои ҳалли мушкилоти таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар мавриди норасоии захираҳои молияви онҳо.

4. Таҳқиқ ва гурӯҳбандии методикаҳои дар амалия истифодашавандаи таҳлили вазъ ва устувории молиявии бонкҳо, дар ин асос муайян кардани имконияти истифодаи методикаҳои муносиб барои таҳқиқи пойгоҳи захиравӣ ва таҳлили кифоятии захираҳои молиявии бонк ва тасдиқи самаранокии корбурди онҳо дар низоми бонкӣ.

5. Муайян кардани самтҳои рушди таъмини устувории молиявии бонкҳо, таҳияи тадбирҳои амалӣ барои таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ, такмили амсилаи танзим ва назорати низоми бонкӣ ба хотири таъмини устувории молиявии бонкҳо.

6. Муайян кардани самтҳои таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратии мушаххас - ҶСК «Бонки Эсхата» дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои баҳодиҳандаи устувории молиявӣ - даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ, рушди идоракунии онҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявии бонк.

7. Тасдиқ кардани муҳимии корбурди дурусти сиёсати маркетингӣ дар ҷалби пасандозҳои бонкӣ ва таҳияи пешниҳодҳо оид ба корбурди воситаҳои муосири маркетинги бонкӣ барои ҷалби бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии муносиби онҳо.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳамияти назариявии таҳқиқот дар таҳкими равишҳои илмӣ ба дарки масъалаи таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва умуман низоми бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ифода меёбад. Омӯзиш ва банизомдарории нуқтаҳои назари гуногун имкон дод, ки мафҳуми устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аниқ карда шуда, хусусиятҳои он дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян карда шаванд. Муқаррар карда шуд, ки таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бештар аз методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кифоятии сармоя, сифати дороиҳо, пардохтпазирӣ ва даромаднокии бонки тиҷоратӣ вобаста аст. Аҳамияти амалии таҳқиқотро тавсияҳои таҳияшуда оид ба такмили методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, идоракунии онҳо ва воситаҳои методии пешниҳодшуда оид ба таҳкими устувории молиявии бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян мекунанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, эътимоднокӣ ва ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ мешавад. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ таҳия шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот дар доираи муҳтавои бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси илмии 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) иҷро карда шудааст: 10.5. Устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва стратегияи рушди он, 10.11. Арзёбии пойгоҳи сармоявии бонк: арзёбии муқоисавии таҷрибаи ватанӣ ва хориҷӣ, роҳҳои инкишоф, 10.12. Такмили низоми идоракунии хавфҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, 10.19. Методология ва механизмҳои ташаккул ва истифодаи захираҳои бонкӣ, 10.21. Захираҳои бонкӣ ва ташкилкунии онҳо. Сиёсати бонкӣ дар соҳаи ҷалби воситаҳо. Проблемаҳои истифодаи самараноки захираҳои бонкӣ.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллиф дар таҳлил ва ҷамъбаст кардан, ба низом даровардан, аниқ ва пурра кардани равишҳои назариявӣ ва амалии таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ифода меёбад. Муҳтавои иқтисодии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ вобаста ба вазъи кунунии низоми бонкӣ ифшо карда шудааст, мушкилоти таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян ва арзёбӣ карда шудаанд, методикаҳои таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва идоракунии онҳо такмил дода шудааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли гузоришҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ пешкаш гардида, дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии «Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт» (Данғара, 2024), «Масъалаҳои мубрами иқтисодиёт» (Пенза, 2023), «Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ» (Кӯлоб, 2023) ва дигарҳо муҳокима шуда, баҳои мусбат гирифтаанд. Муқаррароти диссертатсия дар раванди таълимии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ бо самти ихтисоси «Фаъолияти бонкӣ» истифода мешаванд. Натиҷаҳои алоҳидаи диссертатсия дар фаъолияти филиали ҶСК «Бонки Эсхата» дар шаҳри Кӯлоб ва филиали минтақавии ҶСК «Коммерсбонки Тоҷикистон» дар шаҳри Кӯлоб татбиқ шудаанд, ки бо санадҳои дахлдор тасдиқ шудааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба мавзуи таҳқиқот 10 мақолаи илмӣ бо ҳаҷми 4,6 ҷузъи чопӣ (аз ҷумла 4,0 ҷузъи чопӣ аз муаллиф), аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшаванда ба нашр расонида шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва рӯйхати адабиёт бо 162 номгӯй иборат аст. Матни диссертатсия дар 191 саҳифа дарҷ гардида, 16 расм, 26 ҷадвал ва 26 формуларо дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА МЕТОДОЛОГИИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

## 1.1. Асосҳои илмии таҳқиқи устувории бонкҳои тиҷоратӣ

Устувории фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва умуман низоми бонкӣ устувории тамоми иқтисодиёти мамлакатро муайян мекунад. Ин мусаллам аст, яъне қисми зиёди гардиши пули нақд тавассути амалиёти бонкӣ сурат мегирад, инчунин бонкҳои тиҷоратӣ ношири асосии қоғазҳои қиматнок мебошанд, ки солҳои охир субъектҳои иқтисодӣ ба онҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир мекунанд. Вобаста ба ин, имрӯз таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун унсури асосии низоми бонкӣ дар мамлакат вазифаи муҳимтарини ҷонибҳои дахлдор – давлат, маъмурони низоми бонкӣ ва субъектҳои иқтисодӣ мебошад. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти роҳбарикунандаи низоми бонкӣ ва субъектҳои иқтисодӣ барои худ вазифа гузоштаанд, ки устувории босамари фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро таъмин намоянд. Иҷрои вазифаи мазкур тавассути роҳандозӣ намудани  сиёсати муносиб ва оқилонаи пулию қарзӣ, таҳлил ва пайгирии фаъолияти бахшҳои воқеӣ ва молиявии иқтисодиёти миллӣ, ба ҳадди имкон кам кардани хавфҳо, баланд бардоштани сатҳи даромаднокӣ ва кам кардани хароҷоти субъектҳои иқтисодии бахши воқеӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ ба даст меояд. Мусаллам аст, ки тадбирҳои зикршуда ба беҳтар намудани сифати хизматрасониҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ ба мизоҷон пешниҳод мекунанд, мусоидат мекунанд. Сиёсати бидуни нақшаи пешакӣ тарҳрезишуда ва номуташаккили пулию қарзӣ на танҳо ба суботи молиявии бахши бонкии мамлакат, балки бештар ба корхонаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонии дар бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ фаъолияткунанда таъсири манфӣ мерасонад.

Имрӯз беш аз ҳамаи дигар марҳилаҳои ташаккул ва рушди худ, низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корбурди стратегияи ягонаи рушд, ки ба низоми мутамарказі арзёбии нишондиҳандаҳои асосии вазъи молиявии бонкҳо мувофиқ бошад, инчунин ба методикаҳои аз ҷиҳати меъёрӣ таъминбудаи

таҳлили устувории бонкҳои тиҷоратӣ ниёз дорад. Зеро таъмини устуворӣ яке аз вазифаҳои низоми идоракунии бонкӣ мебошад, ки ҳалли он бартараф намудани мушкилоти марбут ба арзёбии суботи молиявиро дар бар мегирад.

Аҳамияти низоми бонкӣ барои рушди иқтисодиёти миллӣ хеле калон аст, зеро бонкҳо дар пешниҳоди имкониятҳои молиявии иловагӣ ба субъектҳои соҳибкории бахши воқеӣ, дар андухт ва истифодабарии пасандозҳои аҳолӣ ба хотири рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муҳим доранд. Ҳамаи ин ба зиммаи бонкҳои тиҷоратӣ масъулияти баланди ҷамъиятиро вогузор мекунад. Дар ҷомеа набояд барои зери шубҳа гузоштани устувории низоми бонкӣ асос вуҷуд дошта бошад, саҳомон (иштирокдорони сармояи субъектҳои иқтисодӣ), шарикони бозорӣ, пасандозгузорон ва сармоягузорон бояд ба субот ва боэътимодии ҳар як бонки тиҷоратӣ боварии комил дошта бошанд.

Рушди муосири иқтисодиёти ҷаҳонӣ аҳамияти устувории бонкҳои тиҷоратиро боз ҳам зиёд кардааст. Равандҳои ҷаҳонишавии бозорҳои молиявӣ ва густариши муносибатҳои ҳамгироии иқтисодии байналмилалии бонкҳо ва дигар субъектҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо бонкҳо ва ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ ба таҳкими танзими фаъолияти бонкӣ мусоидат мекунад. Агар дар низоми идоракунии бонкҳо унсурҳои пайгирӣ ва назорат муносиб фаъолият накунанд ва вазифаҳои худро ҷиҳати пешгирӣ ё бартараф кардани зуҳуроти номатлуби дар паёмади фаъолияти номуносиби менеҷменти бонкӣ ва омилҳои берунӣ рухдода дуруст иҷро карда натавонанд, танзими фаъолияти бонкӣ ба пайдо шудани амалҳои қаллобӣ боис шуда, «имконияти бонкҳоро барои ба худ гирифтани хавфҳои аз ҳад зиёди бо захираҳои молиявӣ таъмин набуда васеъ кард, ки ин дар ниҳоят ба муфлисшавии ин бонкҳо ва аз даст додани устувории молиявии онҳо оварда мерасонад» [124, с. 158].

Ҳама соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ аз устуворӣ ва суботи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ вобаста мебошанд, аз ин рӯ масъалаи баланд бардоштани устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ «на танҳо барои худи бонкҳо, балки умуман барои тамоми мамлакат масъалаи асосӣ мебошад» [30, с. 44].

Имрӯз амалияи таъмини суботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ яке аз ҳадафҳои асосии стратегии БМТ ва бахши иқтисодию молиявии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун механизми ҳифзи тамоми бахши бонкӣ мебошад. Ба хотири мусоидат кардан дар самти нигоҳ доштани суботи молиявӣ аз ҷониби БМТ пайгирӣ, таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои асосии устувории бонкҳо, сатҳи хавфҳо дар низоми молиявии мамлакат гузаронида шуда, тадбирҳои мушаххас ҷиҳати коҳиш додани ин хавфҳо роҳандозӣ карда мешаванд.

Ҳоло устувории бонкҳои тиҷоратӣ мушкилоти назариявию амалии низоми бонкӣ буда, дар доираи илмҳои иқтисодию молиявӣ вобаста ба мафҳум ва муҳтавои иқтисодии он ақидаи ягона нест. Омӯзиши ақидаҳои илмӣ оид ба устувории бонки тиҷоратӣ имкон фароҳам меорад, ки якчанд тарзҳои тафсири ин мафҳум муайян карда шавад. Вале мо пеш аз омӯзиши ақидаҳои илмӣ оид ба устувории бонкҳои тиҷоратӣ барои муайян кардани худи вожаи «устуворӣ» ба Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ муроҷиат мекунем. Дар он вожаи мазкур бо ду тарз шарҳ дода шудааст: 1) пойдорӣ, мустаҳкамӣ ва 2) собитқадамӣ, суботкорӣ, матонат, истодагарӣ дар аҳди худ ё расидан ба мақсаде [136, с. 385].

Дар адабиёти иқтисодӣ устувории бонки тиҷоратӣ (устувории фаъолияти бонки тиҷоратӣ) ҳамчун унсури таркибии низоми бонкӣ ва устувории низоми бонкӣ ҳамчун унсури иқтисодиёти миллӣ баррасӣ карда мешавад. Устувории низоми бонкӣ тавсифи ҳамаҷонибаи низоми бонкии миллӣ мебошад, дар ҳоле ки устувории бонки тиҷоратӣ хосияти сифатӣ буда, қобилияти рушди муттасил ва амалкунии босамари онро ифода мекунад. Дар робита бо ин, муҳаққиқ Н.Н. Охунов вазъи низоми бонкии мамлакатро таҳқиқ ва устувории онро арзёбӣ намуда, дар ин асос қайд мекунад, ки устувории низоми бонкӣ - «ин мувозинати маблағҳои ҷалбгардида ва додашуда бо мақсади таъмини бозоргирӣ ва риояи дигар меъёрҳои дурандешона, инчунин осебпазир набудани низом ба зарбаҳои молиявӣ мебошад» [93, с. 46].

Муҳаққиқ Г.Г. Фетисов дар асоси арзёбии низомҳои раддабандии бонкҳои тиҷоратӣ ва омӯзиши фаъолияти онҳо устувории бонкро чунин муайян мекунад: «қодир будан барои иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди мизоҷон, қарздиҳандагон

ва амонатгузорон, таъмини эҳтиёҷ ба қарздиҳии кӯтоҳмуҳлат ва дарозмуҳлат дар шароити таъсири омилҳои тағйирёбандаи берунӣ ва дохилӣ» [138, с. 32]. Ба ҳамин монанд ақидаро муҳаққиқ С.З. Сафаров ҷонибдорӣ карда, устувории бонки тиҷоратиро чун қобилияти дар шароити мавҷудаи муҳити иқтисодӣ ба ҳолати мувозинатӣ ноил шудани бонки тиҷоратӣ ва дар давраи тӯлонии таъсири омилҳои тағйирёбандаи беруниву дохилӣ чунин ҳолатро нигоҳ дошта тавонистани он маънидод кардааст. Муҳақиқ қайд мекунад, ки агар бонк ба ҳолати ноустуворӣ гирифтор шавад, «ҳеҷ гоҳ дигар ба ҳолати мувозинатие, ки бо сабабҳои гуногун баромадааст, баргашта наметавонад, баръакс бетанаффус аз он дур мегардад ва дар атрофи он лаппиш мехӯрад» [108, с. 152].

Ба ақидаи Ю.С. Масленченков, «устуворӣ ҳолати бонки тиҷоратӣ дар шароити тағйирёбандаи бозор мебошад, ки ҳадафмандии ҳаракати онро дар замони ҳозира ва ояндаи пешбинишаванда таъмин менамояд» [77, с. 87]. С.А. Уразова устувории бонкро ҳамчун «қобилияти баргаштан ба ҳолати мувозинат пас аз таъсири ноустуворкунанда» шарҳ медиҳад [135, с. 30]. Дар ин маврид нишондиҳандаҳои фаъолияти бонк бояд дар доираи меъёрҳои муайянкунандаи устуворӣ қарор дошта, аз ҳудудҳои қиматҳои иҷозатдодашудаи нишондиҳандаҳои мазкур берун бароянд ва ба бонк имконият диҳанд, ки ба ин ҳудудҳо баргардад. А.М. Тавасиев таъкид мекунад, ки устувории бонк «ба ҳолати мувозинат расидани он дар ҳар як лаҳзаи мушаххас дар натиҷаи худтанзимкунии фаъолияти худ, мутобиқшавӣ ба шароити берунӣ ва дохилии фаъолият» [9, с. 184] мебошад.

Ба ақидаи А.П. Корнаухова уствории бонки тиҷоратӣ мафҳуми маҷмуӣ мебошад ва он ҳолати мувозинат ё наздик ба мувозинати ташкилоти қарзиро ифода мекунад, ки дар мавриди он «ноилгардии нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ дар сатҳи аз ҷониби субъекти иқтисодӣ муқарраргардидаи барои ба ҷо овардани вазифаҳои худ зарурӣ ҳатман иҷро мегардад» [65, с. 9]. Инчунин муаллиф таъкид мекунад, ки устуворӣ аз қодир будани бонк барои рушд дар таҳти таъсири омилҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ гувоҳӣ медиҳад. Муҳаққиқон Н.Н. Семенова, И.А. Иванова ва А.А. Василкина зикр мекунанд, ки «устуворӣ

хосияти сифатии ҳолати бонк дар тамоми давраи рушди он буда, имкон медиҳад, ки он дар ҳолати мувозинат боқӣ монад ва вазифаҳои хоси худро дар шароити тағйирёбии омилҳои муҳити берунӣ ва дохилӣ беист иҷро кунад» [112, с. 124].

Аксаран мафҳуми устуворӣ бо мафҳумҳои субот ва эътимоднокӣ ҳамчун вожаҳои ҳаммаъно баррасӣ мешавад. Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ вожаи субот (сабот) ҳамчун пойдорӣ, қарор, устуворӣ [136, с. 187] ва вожаи эътимоднокӣ – ҳамчун боварибахшӣ ва боваринокӣ [136, с. 708] шарҳ дода шудааст. Бо вуҷуди ин, мафҳумҳои мазкур ҳар кадоме дорои муҳтавои иқтисодии худ буда, аз ҳамдигар тафовут доранд.

Тавре О.И. Лаврушин қайд мекунад, субот бештар ба ҳолати қарор доштан майл дорад, дар ҳоле ки устуворӣ ҳаракат ва рушдро дар назар дорад: «устуворӣ – ҳолати ҳаракат, мафҳуми нисбат ба субот васеътар аст; устуворӣ ва субот дар робитаи сабабию натиҷавӣ қарор дошта, устуворӣ натиҷа аст ва субот – сабаби таъмини устуворӣ» [72, с. 56]. Ба ақидаи Г.Г. Фетисов, «субот – ин чизест, ки дар ин ё он падида (раванд) доимӣ мемонад, устуворӣ – оне ки ба даст оварда мешавад, дар раванди фаъолият ба сӯи рушд тағйир меёбад» [138, с. 12].

Ба андешаи мо устуворӣ дар робита бо эътимоднокӣ аҳамияти афзалиятнок дошта, ба субот асос меёбад: бонки устувор боэътимод аст, вале бонки боэътимод ҳамеша устувор нест; устуворӣ суботи нишондиҳандаҳоро дар назар надорад, бонки устувор на танҳо аломатҳои худро дар таҳти таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ нигоҳ медорад, балки ба хосиятҳои наве ноил мегардад, ки рушди онро таъмин мекунанд. Ҳамин тариқ, таносуби байни мафҳумҳои «устуворӣ», «эътимоднокӣ» ва «субот» дар расми 1.1.1 тасвир шудааст.




**Расми 1.1.1. – Таносуби байни мафҳумҳои «устуворӣ», «эътимоднокӣ» ва «субот»**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Ба андешаи мо, устувории бонки тиҷоратӣ – қобилияти он барои нигоҳ доштани ҳолати ноилгардидаи мувозинати худ дар муддати вақти нисбатан тӯлонӣ бо таъсири шароити тағйирёбандаи муҳити дохилӣ ва берунӣ мебошад. Аммо, қайд бояд кард, ки устувории бонки тиҷоратӣ, ба ақидаи баъзе иқтисоддонҳо мафҳуми нисбатан васеътар буда, аз нигоҳи муҳтавои иқтисодӣ якчанд намудҳои устуворӣ, аз ҷумла устувории молиявиро дар бар мегирад (ҷадвали 1.1.1).

Қобили тазаккур аст, ки ҳам дар адабиёт ва ҳам дар амалияи фаъолияти бонкӣ истилоҳи устувории бонк бештар ҳамчун устувории молиявии он баррасӣ мешавад ва хосияти ҳамаҷониба дорад, он ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам омилҳои берунии фаъолияти бонкиро инъикос мекунад. Аксари муаллифон дар байни мафҳумҳои «устуворӣ» ва «устувории молиявӣ» тафовутро намебинанд, онҳо устувории бонки тиҷоратӣ гуфта, воқеан устувории молиявии онро дар назар доранд. Вале ин тарзи дарки мафҳумҳо бештар бо муҳтавои молиявии фаъолияти бонки тиҷоратӣ ва сифати вазъи молиявии он марбут аст. Устувории молиявӣ дар луғатҳои иқтисодӣ чунин тафсир шудааст: «суботи вазъи молиявӣ, ки дар мутавозӣ будани молия, бозоргирии кифояи дороиҳо, мавҷудияти захираҳои зарурӣ ифода меёбад» [18, с. 770].

Ба андешаи мо, мафҳумҳои «устуворӣ» ва «устувории молиявӣ» набояд як хел шарҳ дода шаванд. Тавре аз ҷадвали 1.1.1 дида мешавад, устуворӣ метавонад нисбат ба омилҳои мушаххаси хавф - устувории сармоя, устувории тиҷоратӣ ва ғайра ба кор бурда шавад. Аммо устувории молиявӣ арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи молиявии бонк ва муайян кардани фаъолияти муътадил ё наздикӣ ба ҳадди вазъи молиявии ногуворро дар назар дорад. Мувофиқи шарҳи маъмултарини дар адабиёт дучоршаванда устувории молиявӣ бештар ҳамчун устувории молиявии бонк дар давраи ояндаи тӯлонӣ баррасӣ мешавад. Бо вуҷуди он ки ин падида солҳои зиёд мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтааст, ҳанӯз таърифи ниҳоии истилоҳи «устувории молиявии бонки тиҷоратӣ» пурра коркард нашудааст. Аз нигоҳи аввал устувории моливии бонки тиҷоратӣ ҳамчун

самаранокии истифодабарӣ, тақсимкунӣ ва бозтақсимкунии захираҳои молиявии он баррасӣ мешавад.

**Ҷадвали 1.1.1. – Намудҳои устувории бонки тиҷоратӣ**

| | |
|---|---|
| Устувории сармоя | Аз рӯи ҳаҷми сармояи худи бонк муайян карда мешавад. Арзиши сармояи худии бонк яке аз манбаъҳо ва омилҳои асосии доимӣ будани қудрати рақобатпазирӣ буда, миқёсҳои фаъолияти он, қобилияти баргардонидани зарар ва кифоя будани ҳаҷми пулро барои қонеъ гардондани талаботи баргардонидани амонатҳо муайян мекунад. |
| Устувории тиҷоратӣ | Бо ҳадди иштироки бонк дар муносибатҳои бозорӣ ва байнибонкӣ, инчунин аҳамияти иҷтимоии он асос меёбад. |
| Устувории вазифавӣ | Бо махсусгардонӣ ё умумияти он алоқаманд аст. Махсусгардонӣ – доираи маҳдуди хизматрасониҳои бонкӣ; умумият – аксари мизоҷони бонк мехоҳанд, ки тамоми эҳтиёҷоти худро дар як бонк қонеъ гардонанд. |
| Устувории ташкилию сохторӣ | Пешбинӣ менамояд, ки сохтори ташкилии бонк ва идоракунии он бояд ба ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти бонк, номгӯйи навъҳои мушаххаси маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ ва вазифаҳое, ки бонк иҷро мекунад, мувофиқат кунанд. |
| Устувории молиявӣ | Чунон вазъи захираҳои молиявиро инъикос мекунад, ки дар мавриди он бонк бо роҳандозии ҳаракати озоди пул, тавассути истифодаи самараноки онҳо қодир аст, ки раванди беисти пешбурди фаъолияти иқтисодии худро таъмин кунад. Асоси муайян кардани устувории молиявии бонки тиҷоратӣ маҳакҳои вазъи сармояи худӣ, фоиданокӣ, сифати дороиҳо, кифоятии захираҳо, менеҷменти бонк мебошанд. |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [60; 96; 122; 125]**

Устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун мафҳуми ҷамъбастӣ устувории молиявии низоми бонкии мамлакатро муайян мекунад. Ректори Донишгоҳи давлатии Данғара, профессор Ш.Қ. Хайрзода дуруст қайд менамояд, ки устувории молиявии низоми бонкӣ «ҳолате мебошад, ки зимни он низом қодир аст ба таъсири номатлуби омилҳои мухталифи берунию дохилӣ истодагарӣ кунад ва ҳолатро дар мавриди инҳироф аз тавсифот ва андозаҳои амниятӣ дубора барқарор созад, инчунин ба таври бемайлон рушд кунад, рисолат ва вазифаҳои худро дар иқтисодиёт бо назардошти вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ба таври муносиб ва самаранок иҷро намояд» [145, с. 142].

Ба андешаи М.Р. Нуров, устувории молиявии бонк масъалаи умумииқтисодӣ буда, ба рушди давлат ва муносибатҳои иқтисодии он

нигаронида шудааст. Муҳаққиқ таъкид мекунад, ки «устуворӣ ҳамчун асоси рушд ба босуботӣ, пардохтпазирӣ ва рақобатпазирӣ дар зери таъсири омилҳои дохилию берунӣ асос меёбад. Босуботии доимӣ дар рушди низоми пешрафта тавассути нигоҳ доштани қобилияти мавқеъгирии бонк дар бозори бонкӣ барои таҷдиди сифатҳои амалиёт ва хизматрасониҳои худ бо роҳи доимӣ мебошад» [89, с. 43].

Муҳаққиқ А.Д. Оев ақидаи муаллифон Ш.Қ. Хайрзода ва М.Р. Нуровро ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки «устувории молиявии низоми бонкӣ дар заминаи суботи он ба даст оварда мешавад. Суботи молиявӣ фаъолнокии бахшҳои низоми молиявӣ ва миёнаравии молиявии босамараро таъмин намуда, барои устувор гардидани рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд». [92, с. 254]

Муҳаққиқ А.И. Азизов қайд мекунад, ки «устувории молиявӣ нишондиҳандаи вазъи молиявии бонк дар санаи муайян набуда, метавонад ҳамчун раванди беисти рушди мутаносиби фаъолияти он баррасӣ шавад» [1, с. 78]. Ба андешаи ӯ бонки аз ҷиҳати молиявӣ устувор – бонке мебошад, ки фаъолияти он пӯёи мусбатро нишон медиҳад. Устувории молиявии бонки тиҷоратӣ танҳо дар ҳолате ба даст меояд, ки агар ин раванди ҳаракати пешраванда беист бошад. Масалан, бо вуҷуди рух додани баъзе ҳолатҳои халалдор шудани фаъолияти муътадили бонк, он чун пештара амнияти иқтисодии худро ҳифз карда метавонад ва аз ҳолати буҳронӣ раҳо мешавад.

Дар рушди фаъолияти бонкӣ зарурати дуруст муайян кардани вазъи молиявӣ, сатҳи устувории молиявӣ дар муқоиса бо дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодӣ тобиши махсус дорад. Зеро бонкҳои тиҷоратӣ ташкилотҳои оммавӣ мебошанд, онҳо «ҳамчун воситаи тамаркузи доираи нисбатан васеи манфиатҳои субъектҳои иқтисодӣ (аҳолӣ, муассисаҳои молиявӣ, корхонаҳои соҳаҳо ва шаклҳои ташкилию ҳуқуқии гуногун) амал мекунанд, бинобар ин, таъсири манфии аз даст додани устувории молиявии онҳо нисбат ба дигар субъектҳои иқтисодӣ бештар аст» [125, с. 43]. Илова бар ин, бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун ташкилоти намуди махсус - муассисаи пулию қарзӣ унсури муҳими

муносибатҳои азнавтақсимкунӣ мебошанд ва дар ин росто манфиатнокии макроиқтисодии ҷомеа аз фаъолияти босамари онҳо вобаста аст.

Профессор И.В. Таранова (ш. Ставропол, Россия) дар асоси баррасии моҳият ва мафҳуми устувории молиявии бонкҳоӣ тиҷоратӣ ва таҳқиқи хосиятҳои фаъолияти онҳо ба хулосае омадааст, ки афзоиши таваҷҷуҳ ба ин масъала аз хосияти фаъолияти худи бонкҳо бармеояд ва «ҳамзамон бо хавфҳои афзоянда ва мутаносибан афзоиши зарурати таҳкими устувории бонкҳо ба паёмадҳо (хароҷот)-и номатлуби равандҳои мазкур ҳамрадиф аст» [124, с. 158].

Ба ақидаи муҳаққиқи рус В.В. Иванов, устувории молиявии бонки тиҷоратӣ метавонад бо сифати дороиҳо, кифоятии сармоя ва натиҷанокии фаъолияти он арзёбӣ карда шавад [48, с. 201]. Ҳамин тариқ, дигар олимон ва муҳаққиқони рус ақидаҳои гуногуни худро доир ба мафҳуми устувории молиявии бонки тиҷоратӣ иброз доштаанд.

Г.Г. Фетисов устувории моливии бонки тиҷоратиро ҳамчун қобилияти он дар шароити доимо дигаршавандаи муҳити бозор барои аниқ ва зуд иҷро намудани вазифаҳо ва уҳдадориҳои худ оид ба хизматрасонӣ ба мизоҷон ва таъмини ҳифзи пасандозҳои шахсони воқеӣ ва корхонаҳо тавсиф мекунад [139, с. 215]. Е.Б. Герасимова устувории молиявии бонки тиҷоратиро чунин тафсир мекунад: «вазъи сифатии низом, мувозинати диалектикӣ дар ҳаракат, ки дар рафти он амалигардонии комёбиҳо ва мустаҳкам гардонидани эътимоднокӣ, боварӣ ва субот чун дар низоми вайроннашаванда сурат мегирад» [31, с. 26].

В.Б. Тиханин тасдиқ мекунад, ки устувории молиявии бонк «қобилияти он барои истодагарӣ кардан ба тағйирёбиҳои харобиовар ҳангоми анҷом додани амалиёт оид ба ҷалби пасандозҳои мизоҷони хусусӣ ва корхонаҳо, кушодан ва пешбурди суратҳисобҳои бонкӣ, инчунин ҷойгир кардани маблағҳои ҷалбшуда аз номи худ ва аз ҳисоби худ бо шартҳои пардохт, муҳлатнокӣ ва баргардонидан мебошад» [126, с. 13]. Ӯ бештар ба қобилияти бонки тиҷоратӣ барои пешниҳоди маҷмуи хизматрасониҳои бонкӣ бо сифати мувофиқ таваҷҷуҳ зоҳир менамояд.

А.Г. Захарян устувории молиявии бонки тиҷоратиро чун «вазъияти молиявии ташкилоти пулию қарзӣ, ки нишондиҳандаҳои молиявии асосии

амалкунии бонк дар доираи тамоюлоти қобили қабул қарор доранд ва худи ташкилоти қарзӣ фаъолияти худро идома дода, уҳдадориҳояшро дар назди мизоҷон иҷро мекунад», тафсир кардааст [45, с. 22].

Г.Г. Меликян мафҳуми устувории молиявии бонкро дар зинаҳои микро-ва макроиқтисодиёт баррасӣ карда, ба хулосае меояд, ки «устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар зинаи микро- ҳамчун қобилияти бонк барои амалисозии ҳадафҳо ва вазифаҳои худ дар муносибат бо мизоҷон, ҳатто дар шароити хеле ногувори халалҳо фаҳмида мешавад. Дар зинаи макро-, устувории молиявӣ ҳамчун қобилияти низоми бонкӣ барои бартараф кардани вазъи буҳронӣ дар соҳаҳои гуногун ва идома додани фаъолият муайян карда мешавад» [81].

Ба андешаи В.В. Софронова, устувории молиявии бонк ин аст «қобилияти нигоҳ доштани суботи молиявӣ новобаста аз омилҳои берунӣ ва дохилӣ (хавфҳо), ки ба вазъи молиявии он таъсири манфӣ мерасонанд, мебошад. Суботи молиявӣ тавассути вокуниши муассир ба тағйирот дар муҳити берунӣ ва дохилии фаъолияти бонк ба даст меояд» [115, с. 24].

Муҳаққиқи қазоқистонӣ С.А. Ибраимова чунин мешуморад, ки устувории молиявии бонки тиҷоратӣ мафҳуми бо вақт вобаста буда, хосияти баргаштан ба ҳолати молиявии мувозинат пас аз баромадан аз онро дар натиҷаи ягон хел таъсир ифода мекунад. Дар асоси устувории молиявии бонк бештар сатҳи коршоямии он муайян карда мешавад, зеро тавре муҳаққиқ қайд кардааст, «барои коршоям будан ва фаъолияти муътадил доштан, бонки тиҷоратӣ бояд ба халалҳои берунии намуди гуногун дар давоми вақти ба қадри кофӣ тӯлонӣ беэътино бошад» [47, с. 196].

Халалдор шудани устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ метавонад бо сабабҳои гуногун ба амал ояд, аз ҷумла: таъсири номатлуби муҳит, вайрон шудани робитаҳои дохилӣ, табдили сохтори низоми бонкӣ, пайдо шудани мушкилот дар кори низомҳои пардохтӣ ва бозори асъор ва ғайра.

Ҳамин тариқ, таърифҳо ва тафсирҳои гуногуни мафҳуми «устувории молиявии бонки тиҷоратӣ»-ро таҳқиқ намуда, хулоса мебарорем, ки онҳо бо ҳам зид нестанд, вале тамоми гуногуншаклии амалиёт ва хусусиятҳои фаъолияти

бонкҳои тиҷоратиро пурра инъикос намекунанд. Дар асоси ҷамъбасти тафсирҳои овардашуда мо метавонем тасдиқ кунем, ки мафҳуми устувории молиявии бонк хосияти маҷмуӣ дорад. Аз нигоҳи методологӣ метавонем иброз кунем, ки идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар алоқамандии се сатҳи асосӣ баррасӣ шавад: 1) якҷоя бо устувории иқтисодиёти миллӣ; 2) алоқамандии устувории бонки тиҷоратии алоҳида бо устувории низоми бонкӣ; 3) аз нигоҳи бонки тиҷоратии алоҳида ҳамчун унсури сохтории низоми бонкии миллӣ.

Ҳамчунин, ба андешаи мо, устувории молиявии бонки тиҷоратиро набояд аз нигоҳи танҳо худи бонк баррасӣ кард. Онро бо истифода аз равиши субъективӣ аз нигоҳи мизоҷон, соҳибмулкон, бонки танзимкунанда – БМТ ва худи бонки тиҷоратӣ бояд баррасӣ кард (расми 1.1.2).

Агар ҳама ҳолатҳои лозимиро барои таҳқиқ ба инобат гирем ва барои тафсири мафҳуми устувории молиявӣ равиши субъективиро ба кор барем, метавонем тасдиқ кунем, ки аз нигоҳи мизоҷ устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ин ҳолатест, ки бонк ҳатто сарфи назар аз дигар шудани шароити фаъолияти худ ҳангоми рух додани зуҳуроти хавф муносибати худро бо ӯ дигар намекунад. Аз нигоҳи кормандони худи бонки тиҷоратӣ, ҳангоми устувории молиявӣ он бояд имкон диҳад, ки кормандон ҳамеша ба таъмини ҷойи кори доимӣ, подоши меҳнати собит ва муносиб аз ҷониби бонк эътимод дошта бошанд. Аз нуқтаи назари соҳибмулкон, устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳамчун ҳолате баррасӣ мешавад, ки дар он бонк сармояи саҳомони худро ҳифз ва андозаи онро зиёд мекунад. Аз нигоҳи БМТ - мақомоти давлатии танзим ва назорати фаъолияти бонкӣ устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳолатест, ки дар он ҳар як бонк вазифаҳои асосии худро дар иқтисодиёт иҷро мекунад ва ба риоя нашудани меъёрҳои муқарраршудаи назоратӣ роҳ намедиҳад. Аз нигоҳи худи бонк, устувории молиявӣ ҳамчун қобилияти бонки тиҷоратӣ барои истодагарӣ кардан дар муқобили зуҳуроти хавф ва барқарор кардани фаъолияти муътадили худ пас аз рух додани онҳо баррасӣ мешавад.




**Расми 1.1.2. – Равиши субъективӣ ба тафсири мафҳуми «устувории молиявии бонки тиҷоратӣ»**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [2; 49; 114; 153]**

Ҳамин тариқ, устувории молиявии бонки тиҷоратӣ – қобилияти он барои баргаштан ба ҳолати мутавозин (субот) ва иҷрои вазифаҳои асосии худ пас аз ҳама гуна таъсири коҳишдиҳандаи пойдорӣ ва субот мебошад. Зимнан, пайгирии вазъи устувории молиявии бонки тиҷоратӣ бояд дар муддати муайяни вақт (на кам аз 1 сол), ки барои аниқ муайян кардани он ки, оё бонк ба ҳолати мутавозин

баргаштааст ё не, гузаронида шавад. Танҳо дар ин сурат метавон оид ба устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ва омодагии он ба вокуниши муносиб ба таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ хулоса баровард.

Акнун дар асоси таҳқиқ ва арзёбии таърифҳои гуногуни мафҳуми устувории молиявии бонки тиҷоратӣ метавон аломатҳои асосии онро ҷудо кард.

Дар адабиёт ақидаҳои гуногун оид ба муайян кардани аломатҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мавҷуд мебошанд. Аз ҷумла муҳаққиқ М.А. Бобрик ба вуҷуд доштани чунин аломатҳои устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ишорат мекунад: васеъшавии мутаносиби захираҳои молиявии бонк; рушди мувозии ҳамаи унсурҳои захираҳои молиявӣ; беҳгардонии сифати фаъолияти ташкилоти қарзӣ; рушди беисти фаъолияти сифатӣ ва миқдорӣ [16, с. 53]. Д.А. Гогол суботи молиявӣ, мувозинати молиявӣ, эътимоднокии молиявӣ ва чандирии молиявиро ҳамчун аломатҳои асосии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҷудо намудааст [34, с. 163]. Мо низ ақидаи Д.А. Гоголро ҷонибдорӣ карда, ба аломатҳои ҷудонамудаи он аломати тавсифкунандаи самаранокии фаъолияти бонки тиҷоратӣ – даромаднокиро илова мекунем (расми 1.1.3).

Дар асоси ҷамъбасти нуқтаҳои назари гуногун ба ҷудокунии аломатҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, мо ду хосияти асосии ҷамъбастии онро ҷудо мекунем. Аввалан, устувории молиявии бонки тиҷоратӣ мафҳумест, ки бештар аз вақт вобаста буда, қобилияти баргаштан ба ҳолати мувозинати молиявиро пас аз дуршавӣ аз он дар натиҷаи таъсири ҳар гуна омилҳои берунӣ ва дохилӣ ифода мекунад. Устувории молиявии бонк коршоямии онро муайян мекунад, зеро барои коршоям будан дар шароити иқтисодии имрӯзаи тағйирёбанда ва фаъолияти тиҷоратии муътадил доштан, бонки тиҷоратӣ бояд ба ҳар гуна халалҳои берунӣ эътино накунад, дар муқобили онҳо истодагарӣ карда, дар давоми муддати тӯлонӣ ин ҳолати худро, ки барои рушди муътадили худ мусоидат мекунад, нигоҳ дошта тавонад. Дуюм, устувории молиявӣ мафҳуми иқтисодии ҷамъиятӣ мебошад, ки дар манфиатнокии ҷомеа ва тамоми унсурҳои иқтисодии он ба рушди устувори бонкҳои тиҷоратӣ зоҳир мегардад. Яъне бонк ҳамчун миёнарави молиявӣ дар байни субъектҳои иқтисодӣ ба рушди иқтисодии

ҳамаи онҳо таъсир мерасонад, бинобар ин, дар навбати худ субъектҳои иқтисодӣ низ ба рушди бонкҳои тиҷоратӣ ҳавасманд мебошанд.




**Расми 1.1.3. Аломатҳои устувории молиявии бонки тиҷоратӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [34; 35]**

Ба қавли дигар, устувории молиявии бонки тиҷоратӣ – маҷмуи аломат ва хосиятҳои фаъолияти он мебошад, ки новобаста аз табдили муҳити иқтисодӣ ва рақобат дар бозор аз иқтидори бонк барои дар ҳар лаҳзаи вақт ба уҳдадориҳои худ ҷавоб додан, тамоми хизматрасониҳои иҷозатшударо ба мизоҷони худ пешниҳод кардан ва аз ин ҳисоб гирифтани фоида шаҳодат медиҳад.

Тамоюл ба густариши рақобат дар тамоми самтҳои фаъолияти бахши бонкии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки солҳои охир ба назар мерасад, зарурати таҳияи равишҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба муайян кардани мушкилоти устувории молиявии онҳоро ба миён овардааст. Мусаллам аст, ки ин барои расидан ба сатҳи сифатан нави фаъолияти низоми бонкӣ дар мамлакат, таъмини афзоиши эътимоднокӣ ва суботи молиявии низоми миллии бонкӣ ва густариши имконияти молиявӣ барои таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ мусоидат мекунад.

## 1.2. Омилҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва нишондиҳандаҳои арзёбии он

Хосияти муҳими марҳилаи кунунии рушди низоми молиявии ҷаҳонӣ афзоиши ноустуворӣ мебошад, ки бо пайдоиши омилҳои нави хавф алоқаманд аст. Дар ин шароит муҳим аст, ки низоми молиявии мамлакат иҷрои вазифаҳои хоси худро идома дода, бо ҳамин фаъолияти муътадили ҳамаи равандҳоро, ки бо ташаккул ва тақсимоти минбаъдаи захираҳои молиявӣ алоқаманданд, таъмин намояд. Яке аз ҷанбаҳои муҳим дар ин самт устувории бонкҳои тиҷоратӣ мебошад, ки баланд бардоштани он тавассути анҷом додани чорабиниҳои ба таҳкими мавқеи он дар низоми умумии бонкии мамлакат равонагардида ноил мегардад.

Дар низоми тадбирҳои назорати бонкӣ афзалият бештар ба арзёбии сифати идоракунии бонки тиҷоратӣ дода мешавад. Ин пеш аз ҳама ба он вобаста аст, ки идоракунии хавфҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ бо онҳо дучор мешаванд, дар доираи салоҳияти худи бонк аст. Бояд қайд кард, ки низоми ягонаи нишондиҳандаҳои арзёбӣ ва механизмҳои назорат, ки аз ҷониби БМТ муқаррар карда шудааст, наметавонад идоракунии бонки тиҷоратиро иваз ва бехатарии фаъолияти худи бонкро таъмин кунад. Таъмини устувории молиявӣ ҳадафи асосии низоми менеҷменти бонкӣ мебошад. Дар робита ба ин, зарурати таҳлил ва арзёбии

омилҳои ба устувории бонки тиҷоратӣ таъсиррасон, пеш аз ҳама, омилҳои бо хавф алоқаманд, эҳтимолияти пайдошавӣ ва таҳияи тадбирҳои муҳофизатӣ барои истодагарӣ кардан дар муқобили онҳо ба миён омадааст. Низоми ин тадбирҳо ва аз ин рӯ, таъмини устувории бонки тиҷоратӣ пеш аз ҳама ба баланд бардоштани сифати идоракунии фаъолияти молиявии он асос ёфтааст. Ҳамин тариқ, устувории бонки тиҷоратӣ аз сабаби менеҷменти бесамар метавонад зери шубҳа бошад.

Стратегияи аниқ андешида ва таҳияшудаи рушди бонки тиҷоратӣ, ки ба ҳадафҳои дуруст муайянгардидаи он асос ёфтааст, гарави устувории бонки тиҷоратӣ мебошад. Аммо сатҳи устувории молиявӣ метавонад дар натиҷаи тамоми фаъолияти бонки тиҷоратӣ тағйир ёбад. Бинобар ин, дар шароити тағйирёбии вазъи иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ дар миқёсҳои миллӣ ва ҷаҳонӣ зарурати идоракунии молиявии бонки тиҷоратӣ ба миён меояд. Идоракунии дурусти молиявии бонк асоси таъмини устувории он мебошад. Таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ имрӯз барои тамоми низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти назаррас дошта, ошкор кардани омилҳои ба он таъсиррасон вазифаи аввалиндараҷаи низоми идоракунии молиявии ҳар як бонки тиҷоратӣ мебошад. Ҳалли ин мушкилот тавассути бунёди механизми муассири таъмини устувории бонки тиҷоратӣ ба даст меояд.

Дар адабиёт интишороти зиёде ба назария ва амалияи таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ бахшида шуда, бо иштироки намояндагони бонкҳои тиҷоратӣ ва мақомоти давлатии танзимкунанда муҳокимаҳо гузаронида мешаванд ва оид ба масъалаҳои таъмини устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияҳои амалӣ таҳия ва пешниҳод карда мешаванд. Масъалаҳои устувории молиявӣ дар таҳқиқоти муосири мутахассисони соҳаи бонк ва олимони ватанӣ инъикос ёфтаанд. Аммо дар самти омӯзиши устувории бонкҳои тиҷоратӣ мушкилоти ҳалношудаи дорои хосияти назариявӣ ва ҳам амалӣ бисёранд.

Солҳои охир масъалаҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон аз ҷониби муҳаққиқон ҳамаҷониба баррасӣ мешаванд. Аз зумраи олимони ватанӣ И.Қ. Аҳадов [4], Н.Қ. Икромов [50; 52; 53], Ф.Н. Икромов

[51; 52; 53], Б.Ҳ. Каримов [58; 59], С.Ҷ. Махшулов [79; 80], Х.Р. Улуғхоҷаева [130], З.А. Холмаҳмадов [150] ва дигарон дар интишороти худ ба таҳқиқи масъалаҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ва омилҳои ба он таъсиррасон таваҷҷуҳ намудаанд.

Албатта, сабаби асосии чунин таваҷҷуҳ ба масъалаҳои таҳқиқи механизми таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ ин рӯйдодҳои бухроние мебошанд, ки аз солҳои 2014-2015 оғоз ёфтаву паёмадҳои онҳо то имрӯз ба вазъи умумии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсир мерасонанд. Муфлисшавии якчанд бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзӣ дар мамлакат, ки дар давраи бухрони низоми бонкӣ ба амал омадааст, иқтидори низоми бонкиро суст карда, сабаби нокомиҳои зиёд дар фаъолияти субъектҳои иқтисодии дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ фаъолияткунанда низ гардидааст. Маҳз ноустувории молиявии бонкҳо боиси муфлисшавии дигар субъектҳои иқтисодӣ гардидааст, ки инро таҳқиқотҳои зиёди солҳои охир дар адабиёт нашршуда тасдиқ мекунанд.

Аз охири асри XX ба шарофати пешрафт дар соҳаи либерализатсияи молиявӣ, бисёр мамлакатҳои ҷаҳон аз рушди босуръати бахши молиявӣ ба натиҷаҳои мусбат ноил гардиданд. Дар баробари ин, онҳо давра ба давра ба таназзул дучор мешаванд, ки бо масрафҳои бузурги иқтисодии дар паёмади бухронҳои молиявӣ пайдошуда ҳамрадиф мебошанд. Дар ин замина ба таъмини устувории молиявӣ таваҷҷуҳ ва кӯшиши зиёд зоҳир карда мешавад. Албатта, солҳои охир таваҷҷуҳ ба ин масъала боз ҳам афзоиш меёбад, зеро омилҳои наве, ки метавонанд сабаби ноустувории молиявӣ шаванд, пайваста ба вуҷуд меоянд, «аз ҷумла таҳкими робитаҳои байни бахшҳои молиявии мамлакатҳои гуногун ва рушди босуръати воситаҳои молиявии ҳосилавӣ» [27, с. 62]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мақомоти ваколатдори соҳа – БМТ барои таъмини устувории молиявӣ дар низоми бонкии мамлакат кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳад. Барои мусоидат ба таъмини устувории молиявӣ дар мамлакат, мутобиқи муқаррароти моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон» [69] ҳамчун яке аз вазифаҳои асосии БМТ таҳия ва назорати иҷрои сиёсати

макропруденсиалӣ (пруденсиалӣ – эҳтиёткорона, дурандешона) дар мамлакат муқаррар карда шудааст. Дар ин маврид сиёсати макропруденсиалӣ тавассути роҳандозӣ намудани амалҳои назорат, арзёбӣ ва идоракунии хавфҳои низоми молиявӣ ва таҳкими устувории молиявӣ таъминкунандаи асосии устувории молиявӣ дар мамлакат мебошад [3].

Сиёсати макропруденсиалӣ мавқеи мобайниро дар байни сиёсати пулию қарзии (монетарии) мақоми ваколатдори танзим ва идоракунии низоми бонкӣ, ки барои ноил гардидан ба ҳадафҳои макроиқтисодии мамлакат равона гардидааст, ишғол менамояд. Ҳадафи ниҳоии сиёсати макропруденсиалӣ маҳдуд кардани хавфи низоми молиявӣ буда, вазифаи баланд бардоштани устувории унсурҳои бахши молиявӣ ва ба эътидол овардани даврҳо (сиклҳо)-и молиявиро иҷро мекунад.

Вобаста ба ин, дар БМТ идораи суботи молиявӣ амал мекунад, ки пайгирии устуворӣ ва суботи молиявӣ аз ҷониби он назорати фаъолияти бонкҳои тиҷоратии мамлакат, ташкилотҳои маблағгузории хурд ва дигар миёнаравҳои молиявӣ, бозорҳои молиявӣ ва низоми пардохтро дар амалисозии фаъолияти ба онҳо хос ва қобилияти иҷрои чунин фаъолиятро дар мавриди таҳдиди хавфҳои дохилию берунӣ ва таҳлили ҳамаҷонибаи омилҳои ба устувории молиявӣ таъсиррасон ифода мекунад [119]. Дар ин маврид, хавфи низоми молиявӣ – хавфе мебошад, ки бо таҳдид ба низоми молиявӣ қисми зиёди бахши молиявиро ғайри қобили пардохт мегардонад. Он аз ду ҷиҳати асосӣ иборат аст: ҷиҳати даврӣ ва ҷиҳати сохторӣ. Ҷиҳати даврии хавфи молиявӣ тақсим кардани хавфро ба давраҳои муайян, ҷиҳати сохторӣ – тақсими онро ба бахшҳои низоми молиявӣ пешбинӣ менамояд. Ҳар яке аз ҷиҳатҳои мазкур таҳия ва роҳандозӣ намудани тадбирҳои хосаро дар доираи сиёсати макропруденсиалӣ талаб менамояд. Хавфҳои даврӣ тавассути фаъол намудани ҳоилҳо (буферҳо - боздорандаҳо, монеъшавандаҳо) ҳангоми тағйирёбиҳои даврӣ танзим шуда, хавфҳои сохторӣ дар асоси ҳиссагузории ниҳодҳои инфиродӣ нисбат ба хавфи низом муқаррар карда мешаванд. Дар баъзе ҳолатҳо дар миқёси муайяни низоми бонкии мамлакат метавонад ҷамъшавии аз меъёр зиёди хавфҳо ба миён ояд, ки ба

устувории гурӯҳи ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳои тиҷоратӣ) ё тамоми бозори молиявӣ таъсир мерасонад.

Ба андешаи мо, омили асосие, ки вазъи умумии низоми бонкии миллиро дар солҳои 2014-2015 ногувор гардонид, ин густариш ва амиқии буҳрони молиявии ҷаҳонӣ мебошад. Вобаста ба ин, ҳам дар миқёси ҷаҳонӣ ва ҳам дар низоми бонкии миллӣ зарурати бозбинии ҳудудҳои устувории молиявӣ, пеш аз ҳама ҳадафҳои танзими молиявӣ ба миён омадааст. Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ нишон дод, ки яке аз омилҳои асосии ба амал омадани он нотавонии субъектҳои бозор барои арзёбии дурусти хавфи молиявии ҳамаҷониба (бонизом) буд. Бинобар ин, ҳамчун камбудиҳои асосии танзими молиявӣ метавон инҳоро номбар кард:

- бонкҳои марказӣ сиёсати макропруденсиалиро нокифоя роҳандозӣ намуда, дар доираи сиёсати пулию қарзӣ имконияти ҳамҷояшавии хавфҳоро ба инобат нагирифтаанд;

- мақомоти назорати пруденсиалӣ стандартҳои оқилонаро нисбат ба ниҳодҳои молиявии бузург ва бонуфуз, ки нокимии онҳо метавонад ба бозорҳои молиявӣ таъсири харобиовар расонад, татбиқ накардаанд;

- бонкҳои марказӣ натавонистанд, ки тартиби муносиби ҳисоббаробаркуниҳо ва пардохтҳоро дар бозорҳои молиявии рушдкунанда таҳия кунанд;

- доираҳои умумии устувории молиявӣ барои расидан ба ҳадафҳои сиёсати пулию қарзӣ мусоидат намекарданд, дар ҳоле ки аксар вақт масъулият ва воситаҳои бонкҳои марказӣ, ки барои ноилгардӣ ба устувории молиявӣ заруранд, суст муайян карда мешуданд.

Идоракунии босамари хавфи бонизом ба хотири устувории молиявӣ мавҷудияти як қатор воситаҳоро талаб мекунад. Амалҳои бонкҳои марказӣ пас аз оғози буҳрони молиявии ҷаҳонӣ нишон доданд, ки воситаҳои анъанавии дар ихтиёри танзимгари асосии соҳаи бонкӣ буда ба салоҳиятҳои нави он мувофиқ нестанд. Тавсеаи нақши бонкҳои марказӣ дар танзими молиявӣ метавонад ҳавасмандиро ба коҳиш додани хавфи бонизом маҳдуд кунад ва ҳамчунин

аҳамияти ҳамаҷонибагии корбурди воситаҳои барои ин истифодашавандаро пурзӯр кунад. Ғайр аз ин, тавсеаи нақши бонкҳои марказӣ дар танзими молиявӣ масрафҳои муайянро талаб мекунад. Буҳрони кунунӣ ҳамоҳангии имконпазири байни сиёсати пулию қарзӣ ва танзими молиявиро нишон дод.

Мусаллам аст, ки хусусиятҳои хоси устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ гуногунҷанба ва мураккабии ин ниҳоди молиявӣ мебошад. Дар робита ба ин, масъалаи устувории молиявӣ ва такмили механизми таъмини он фаъолияти якҷояи мақомоти танзимкунандаю назоратӣ, намояндагони бонкҳо, инчунин ҷалби шохаҳои гуногуни ҳокимияти қонунгузор ва иҷроияи давлатиро дар таҳияи роҳҳои ҳалли ҳаматарафаи он талаб мекунад.

Такмили қонунгузорӣ бояд бо назардошти зарурати рушди минбаъдаи бонкҳои тиҷоратӣ анҷом дода шавад. Дар ин маврид, дар муҳтавои қонунгузорӣ, аз ҷумла ноил гардидан ба ҳадафҳои баланд бардоштани эътимоди сармоягузорон, қарздиҳандагон ва амонатгузорон, аз ҷумла аҳолӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ ва таҳкими тадбирҳои ҳифзи манфиатҳои амонатгузорон ва дигар қарздиҳандагон бояд дар назар дошта шавад [76, с.183]:

Барои мақомоти қонунгузорӣ ва иҷроияи давлат масъалаи масъулияти мутақобилаи қарздиҳанда ва қарзгир барои риояи принсипҳо ва шартҳои қарздиҳӣ, аз ҷумла масъулияти давлат муҳим аст, агар вай ба бонки тиҷоратии муайян барои татбиқи лоиҳаҳои бо хавф алоқаманд қарз доданро тавсия намояд. Дар ин росто ҳамчунин ба масъулияти менеҷменти бонки тиҷоратӣ вобаста ба пайдо шудани зуҳуроти номатлуб, аз ҷумла норасоии захираҳои молиявӣ ва аломатҳои муфлисшавӣ диққат бояд дод. Ҳоло имконияти корбурди механизми ҳуқуқии комили муайян кардани қарзҳои баръало сохта воқеан вуҷуд надорад, гарчанде дар солҳои охир аз ҷониби шохаи қонунгузори давлат санадҳои дахлдор таҳия ва қабул шудаанд. Ҳатто агар метавон исбот кард, ки бонки қарздиҳанда ва қарзгир аз имконнопазир будани баргардонидани қарз пешакӣ медонистанд, пас тибқи меъёрҳои мавҷудаи қонунгузорӣ ба ҷавобгарӣ кашидани онҳо масъалаи душвор аст, зеро механизми амалисозии ҳуқуқи саҳомони бонкҳои тиҷоратӣ барои гирифтани гарави қарз ба манфиати бонки тиҷоратӣ мукаммал

нест. Масъалаҳои ташаккули низоми судии муассир ва низоми мурофиаи иҷро, ки хусусиятҳои фаъолияти бонкиро ба инобат мегиранд, ба таҳқиқи амиқтар ниёз доранд. Шояд ин меъёрҳои гуногуни иқтисодии пардохтпазирӣ ва саҳмҳо ба фондҳои захиравӣ, тағйир додани тартиби навбати пардохтҳо ва ҳатто имтиёзҳои андозро барои бонкҳои тиҷоратие талаб кунад, ки қисми зиёди захираҳои худро ба қарздиҳӣ барои рушди соҳаҳои истеҳсолӣ равона мекунанд. Дар навбати худ, бояд нисбат ба амалиёти қаллобии бонкӣ меъёрҳои андозӣ ва таҳримии баландтар татбиқ карда шаванд.

Ба ақидаи муҳаққиқ Х.Р. Улуғхоҷаева омилҳои таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ «қувваҳои муайяни пешбаранда мебошанд, ки ба амнияти бонк ва рушди устувори он мусоидат мекунанд ва ё баръакс, метавонанд сабаби мушкилоти он гарданд. Дар натиҷа, омилҳо метавонанд ҳам нақши муътадилкунанда ва ҳам ноустуворкунанда бозанд» [130, с. 5].

Омилҳои таъмини устувории бонки тиҷоратӣ асосан ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: берунӣ ва дохилӣ (расми 1.2.1). Лекин мо ҳангоми таснифи онҳо равиши маҷмуиро ба кор бурдем ва чунин тақсимкунии омилҳо асосан шартӣ аст, зеро аксари онҳо бо ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобаста мебошанд.

Омилҳои берунӣ, ки мо онҳоро ҳамчун омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва молиявӣ тасниф кардем, дар таъмини устувории бонки тиҷоратӣ нақши муҳим бозида, аз муҳити макроиқтисодии фаъолияти он вобаста мебошанд. Онҳо бевосита аз фаъолияти худи бонки тиҷоратӣ вобаста нестанд. Дар навбати худ, барои ташаккули муҳити макроиқтисодии мусоид дар мамлакат шароити созгори иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ зарур аст.

Албатта, устувории бонки тиҷоратӣ бештар аз мувофиқ будани стратегияи иқтисодии пешгирифтаи он ва муносибат ба шароити муҳити фаъолияти бонк вобаста аст. Бинобар ин, мо дар таркиби омилҳои берунии таъмини устувории бонки тиҷоратӣ дар мақоми аввал омилҳои иқтисодиро муқаррар кардем, ки муҳимтарини онҳо вазъи умумииқтисодӣ, муҳити сармоягузорӣ ва сиёсати андозбандӣ дар мамлакат мебошанд.




**Расми 1.2.1. – Омилҳои таъмини устувории бонки тиҷоратӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [75; 107; 130; 140]**

Дар шароити муосир вазъи иқтисодӣ дар мамлакат омили муҳимтаринест, ки ба устувории молиявии бонк таъсир мерасонад, «илова бар ин, омилҳои на танҳо сатҳи макроиқтисодӣ, балки сатҳи микроиқтисодӣ низ бояд ба назар гирифта шаванд. Инчунин ба назар гирифтани муҳите, ки дар дохили мамлакат ҳукмфармост, хеле муҳим аст» [75, с. 11].

Дар робита ба падидаҳои бухронии солҳои охир таъсири манфии таҳримҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ба фаъолияти иқтисодии хориҷии бонкҳои тиҷоратӣ афзоиш ёфт. Ҳамаи ин дар арзёбии умумии устувории молиявии бонкҳои ватанӣ, ки имрӯз фаъолияти муътадили онҳо аз амалҳои шарикон ва сармоягузорони хориҷӣ вобаста аст, инъикос меёбад.

Фаъолияти сармоягузории бонкҳои тиҷоратӣ хусусиятҳои хоси худро дорад ва аз дигар самтҳои фаъолияти онҳо ба куллӣ фарқ мекунад. Маблағгузории бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми пешбурди фаъолияти сармоягузорӣ ва ҷалби воситаҳо ба таъмини эҳтиёҷоти ҷорӣ ва ҳалли масъалаҳои стратегии онҳо мусоидат мекунад. Ҳадафҳои асосӣ ҳангоми идоракунии фаъолияти сармоягузории бонк амнияти маблағҳо ва афзоиши онҳо, диверсификатсияи дороиҳо ва пардохтпазирии бонк мебошанд. Бояд гуфт, ки имрӯз сиёсати сармоягузории бонк бояд ба мизоҷон нигаронида шуда, бо дарназардошти талаботи онҳо ба шаклҳои гуногуни сармоягузорӣ бо мақсади баланд бардоштани рақобатпазирӣ ва аҳамияти иҷтимоии бонки тиҷоратӣ ташаккул ёбад ва ин ба афзоиши устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳам дар давраи кӯтоҳмуддат ва ҳам дар давраи дарозмуддат мусоидат хоҳад кард.

Хавфҳои асосие, ки бонкҳои тиҷоратӣ дар фаъолияти сармоягузорӣ ба онҳо дучор мешаванд, ин «хавфҳои нокифоя будани захираҳои дарозмуддат аз сабаби пеш аз мӯҳлат бозхонд карда гирифтани пасандозҳои бонкӣ, хавфҳои барнагаштани маблағҳои гузошташуда ва саривақт ба даст наовардани даромади фоизии пешбинишуда, хавфҳои номукаммалии қонунгузорӣ дар соҳаи андозбандии фаъолияти сармоягузорӣ ва ба таври кофӣ коркард нашудани таъминоти меъёрию ҳуқуқии сиёсати сармоягузории бонки тиҷоратӣ ва ғайра» [13, с. 4] мебошанд.

Ба таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ сиёсати андозбандии дар мамлакат роҳандозишуда низ таъсир мерасонад. Сиёсати андозбандӣ асосан ба бозтақсимкунии воситаҳои пулӣ нигаронида шудааст. Барои вусъат додани фаъолнокии бонкҳои тиҷоратӣ ҷорӣ намудани низомҳои нави андозбандӣ, ки бо фаъолияти бонкӣ алоқаманд мебошанд ва ба рушди он мусоидат мекунанд,

инчунин коҳиш додани сарбории андоз ба бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст. Низоми андозбандии имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда аксаран ҳамчун яке аз монеаҳо дар самти таъсиси бонкҳои нав ва ҳам дар самти рушди иқтисодии бонкҳои амалкунанда баррасӣ мешавад. Баланд бардоштани меъёри андозҳо, аз ҷумла андозҳои мустақим, чун андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ барои амалиёт ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 20% (нисбат ба дигар намудҳои фаъолият баландтарин) мебошад, ба фаъолият, натиҷаҳои молиявӣ ва устувории бонкҳои тиҷоратӣ таъсири номатлуб мерасонад. Вале бояд гуфт, ки амалиёт ва хизматрасониҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ дар мамлакат аз андоз аз арзиши иловашуда озод мебошанд, ки ин ба вазъи молиявӣ ва устувории онҳо таъсири мусбат мерасонад.

Ба омилҳои иҷтимоӣ-сиёсии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ устувории иҷимоӣ ва устувории сиёсӣ дар мамлакат мансуб мебошанд, ки ба инобат гирифтани онҳо дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон бағоят муҳим аст. Ҳамчунин ба инобат гирифтани вазъи сиёсӣ дар мамлакат, ки солҳои охир ба дараҷаи муносиби муътадил расидааст, низ муҳим аст.

Ҳангоми арзёбии устувории бонкҳои тиҷоратӣ ба инобат гирифтани омилҳои молиявӣ, ки дар навбати худ сиёсати қарзию фоизӣ ва пулию асъорӣ, инчунин вазъи бозори асъорро дар мамлакат дар бар мегиранд, ҳатмист. Ҳамзамон арзёбӣ намудан лозим аст, ки то чӣ андоза низоми миллии бонкӣ дар маҷмуъ устувор аст. Ба устувории он дар баробари сиёсати қарзию фоизӣ ва пулию асъории давлат, ҳамчунин сиёсати назоратии БМТ, ки тавассути татбиқи принсипҳои Базел ва стандартҳои байналмилалии ҳисоботи молиявӣ (СБҲМ) амалӣ карда мешавад, таъсир мерасонад.

Имрӯз барои иқтисодиёти миллӣ мушкилоти марбут ба ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар шароити афзоиши равандҳои ҷаҳонишавӣ хеле муҳим мебошанд. Самтҳои фаъолияти бонкӣ ва масъалаҳои танзими бонкӣ бевосита ба ин мушкилот алоқамананд, зеро бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар зарурати нигоҳ доштани рақобатпазирӣ дар шароити рақобат бо

бонкҳои хориҷӣ ҳам дар бозори миллӣ ва ҳам берун аз он бояд ба риоя кардани меъёрҳои дар миқёси ҷаҳонӣ қабулшуда тайёр бошанд.

Имрӯз вазифаи стратегии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо ворид шудан ба ҷомеаи ҷаҳонии бонкӣ, балки зарурати таҳкими мақоми худ дар фазои бонкӣ мебошад, ки ин ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ки мустақилона дар доираи меъёрҳои аз тарафи умум қабулшуда фаъолият кунанд ва дар ин радиф фазои бозореро ташкил диҳанд, ки ба принсипи эътимоднокӣ ҷавобгӯ бошад. Маҳз эътимоднокии бонки тиҷоратӣ барои мизоҷон дар мавриди интихоби ташкилоти молиявию қарзӣ ҳамчун миёнарави боэътимод дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ яке аз маҳакҳои муҳимтарин мебошад.

Низоми бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси низоми молиявии миллӣ мебошад, ки дар давоми зиёда аз сиҳ соли охир маҳз ҳамчун низоми татбиққунандаи амсилаи маблағгузории бонкӣ ташаккул мeёбад. Бинобар ин, барои иқтисодиёти миллӣ ҳалли масъалаҳои марбут бо баландбардории эътимоднокӣ, устувории молиявӣ ва сифати идоракунии низоми бонкӣ аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Қобили зикр аст, ки тавсияҳои Кумитаи Базел пеш аз ҳама ба таҳияи низоми талабот ба кифоятии сармоя, бозоргирӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дахл доранд, ки мо онҳоро дар доираи омилҳои дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ мекунем. Кумитаи Базел аллакай принсипҳо ва равишҳои асосиро дар доираи созишномаҳои махсус, ки бо унвони Базел I, Базел II ва Базел III дар миқёси ҷаҳонӣ маъмул гардидаанд, таҳия кардааст. Созишномаҳои Базел I ва Базел II вокуниши ҷомеаи ҷаҳонии бонкӣ ва мақомоти назоратии давлатҳо ба афзоиши талафоти назаррас ва ҳатто муфлисшавии баъзе бонкҳои тиҷоратии бузург дар аввали солҳои 1980-ум гардид. Дар созишномаи Базел III кӯшиш карда шудааст, ки дигаргуниҳои дар солҳои охир дар соҳаи бонкӣ рухдода ҳамчун бахши низоми молиявии ҷаҳонӣ ба ҳисоб гирифта шаванд ва имрӯз ин навовариҳо аз нигоҳи қабул шудан барои истифода аз ҷониби мақомоти танзимкунандаи низомҳои бонкӣ, аз ҷумла дар мамлакати мо коркард мешаванд.

Омилҳои дохилии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ (вазъи сармоя, сифати дороиҳо, вазъи менеҷмент, сатҳи даромаднокӣ, бозоргирӣ ва пардохтпазирии бонк) нақши асосиро иҷро менамоянд ва ҳамзамон дар таҳти таъсири омилҳои берунӣ қарор доранд. Барои муътадил будани таъсири онҳо таъмин намудани шароити мусоиди иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ ва заминаҳои ҳуқуқӣ зарур мебошад, ки мо онҳоро қаблан дар доираи омилҳои берунии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ баррасӣ карда будем.

Омилҳои дохилӣ бевосита ба раванди таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ таъсири муҳим расонида, дар баробари ин барои тамоми бонкҳо умумӣ мебошанд. Барои омӯзиши таъсири омилҳои мазкур мутахассисони бонкҳои тиҷоратӣ ва ҳамаи дигар манфиатдорон иттилооти дар ҳисоботи молиявии бонк, аз ҷумла дар тавозуни муҳосибӣ овардашударо ба кор мебаранд.

Таҳлили нишондиҳандаҳои тавозун бо таҳқиқи фаъолияти молиявию хоҷагидории бонк алоқаманд аст. Ин гуна таҳлил бо роҳи ошкор кардани омилҳо, тамоюлот ва таносубҳои равандҳои иқтисодию молиявӣ, асосноккунии самтҳои рушди бонки тиҷоратӣ гузаронида шуда, имкон медиҳад, ки самтҳои асосии фаъолияти он арзёбӣ карда шаванд. Тавассути таҳлили фаъолияти худ бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд сохтори амалиёти фаъол ва ғайрифаъоли худро беҳтар кунанд, ки дар ин маврид ҳадафи асосӣ гирифтани фоидаи баландтарин мебошад.

Дар мамлакатҳои рушдёфта низоми арзёбии устувории молиявӣ ва самаранокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ дар муддати даҳсолаҳо ташаккул ёфта, дар амалия истифодабарии он сатҳи муайяни дониши таҳлигаронро талаб мекунад. Бинобар ин, ҳангоми корбурди ҳар яке аз методикаҳои дар амалияи ҷаҳонӣ маъмул натиҷаҳои таҳлил бештар хосияти субъективӣ доранд ва чӣ қадаре, ки дониш ва кордонии таҳлилгарон ва мушовирон баланд бошад ва онҳо таҷрибаи бойи таҳлили молиявӣ дошта бошанд, ҳамон қадар хулосаҳои аз натиҷаи таҳлили фаъолияти бонк таҳиягардида аниқ ва воқеъбинона мешаванд.

Масалан, нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар мамлакатҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ рушдёфта дар асоси корбурди низоми холҳо ҳисоб карда мешаванд. Одатан, сатҳи баланди эътимоднокӣ дахолати мақомоти

назоратиро истисно мекунад, зеро ҳисобида мешавад, ки бонк худ қодир аст, ки мустақилона ҳамагуна тамоюлоти манфӣ – ҳам омилҳои дохилӣ ва ҳам омилҳои беруниро бартараф кунад. Барои бонкҳои дигар зарурати дахолати мақомоти назоратӣ дар бахши назорати ҷиҳатҳои алоҳидаи фаъолияти онҳо зарур ҳисобида мешавад, ё ки нисбат ба онҳо низоми тадбирҳои беҳтар намудани вазъи молиявӣ роҳандозӣ карда мешавад. Дар ҳолатҳои истисноӣ роҳи ягонаи раҳоӣ ёфтан аз вазъи бамиёномада таҷдиди сохтори ташкилии бонк ба хотири пешгирӣ намудани муфлисшавӣ ва барҳамдиҳии он мебошад.

Набудани маълумоти саҳеҳ ва боэътимод ба арзёбии нопурраи мушкилоти молиявии бонки тиҷоратӣ меоварад, ки ин метавонад барои рушди вазъият паёмадҳои хавфнок дошта бошад. Саҳеҳии иттилооти дар ҳисоботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ овардашуда, инчунин дурустии арзёбии хавфҳои дар фаъолияти онҳо мавҷудбуда бояд дар раванди назорати ҳуҷҷатӣ ва санҷишҳои дахлдор тасдиқ карда шавад, натиҷаҳои бадастомада бояд ҳамчун сарчашмаи муҳими иттилоот барои таҳлил истифода шаванд.

Ҳадафи ниҳоии таҳлил ҳарчи барвақттар ошкор кардани мушкилоти бонки тиҷоратӣ дар марҳилаҳои аввали ташаккули онҳо мебошад. Натиҷаҳои таҳлил бояд ҳангоми муайян кардани тартиби назорат, аз ҷумла қабули қарор дар бораи мақсаднокии гузаронидани санҷишҳои молиявӣ ва муайян кардани мавзуъҳои онҳо, инчунин муайян кардани хосияти чорабиниҳои танзимию назоратии нисбат ба бонк амалишаванда ба кор бурда шаванд.

Низоми идоракунии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ равандҳои бо ҳам алоқаманди банақшагирӣ, ташкил ва назорати вазъи сармоя, даромаднокӣ, пардохтпазирӣ, ҳолати дороиҳо ва уҳдадориҳои бонк бо баҳисобгирии дараҷаи хавф, сифати идоракунӣ ва ангезаи кормандон мебошад. Ба хотири арзёбии устувории молиявӣ бояд нишондиҳандаҳоеро таҳқиқ кард, ки дар амалияи фаъолияти бонкӣ барои таҳлили сифати дороиҳо истифода мешаванд. Барои арзёбии нишондиҳандаҳои мазкур миқдори зиёди коэффитсиентҳо ба кор бурда мешавад. Масъалаи интихоби маҳз ҳамон нишондиҳандаҳое, ки барои муайян кардани вазъи устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳалкунанда мебошанд, ба

миён меояд. Бинобар ин, «барои арзёбии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ чунин низоми нишондиҳандаҳо зарур аст, ки сиёсати бонкро дар самти ҷойгиркунии захираҳои худ ба қадри кифоя арзёбӣ карда тавонад» [34, с. 163].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои арзёбии устувории молиявии низоми бонкӣ аз ҷониби БМТ методикаи ҳисобкунии нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ, ки ХБА тавсия додааст, истифода мешавад [85]. Нишондиҳандаҳои мазкур ҳамчун нишондиҳандаҳои появӣ муайян карда шудаанд. Вале мувофиқи тавсияҳои ХБА инчунин арзёбии нишондиҳандаҳои тавсияшавандаи устувории молиявӣ, ки ҳисобкунии онҳо аз шароити фаъолияти бонки мушаххас вобаста мебошад, зарур аст. Ҳамин тариқ, БМТ тавассути санадҳои меъёрию ҳуқуқии худ чунин гурӯҳҳои нишондиҳандаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ва методикаи ҳисобкунӣ ва арзёбии онҳоро муқаррар кардааст: меъёри кифоятии сармоя; сифати дороиҳо; пардохтпазирӣ; ҳассосият ба хавфи бозорӣ ва нишондиҳандаҳои тавсиявии иловагӣ (ҷадвали 1.2.1).

Ҳуҷҷати асосгузор, ки ҳисобкунии меъёри кифоятии сармояро муайян мекунад, Созишномаи Базел I оид ба сармоя (соли 1988) мебошад, ки мувофиқи он коэффитсиенти кифоятии сармоя, ки ҳамчун коэффитсиенти Кук маъмул аст, таносуби маблағи сармояи асосӣ ва иловагиро ба бузургии дороиҳои бо назардошти хавф (хавфи бозорӣ ва хавфи қарзӣ) баркашидашуда ифода мекунад. Ба ҳуҷҷати мазкур аз ҷумла ҳисобкунии меъёри кифоятии сармоя, ки БМТ онро истифода мебарад, асос меёбад.

Хусусияти ҳисобкунии коэффитсиенти мазкур ин аст, ки дороиҳои бонки тиҷоратӣ вобаста аз дараҷаи хавф ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда мешаванд ва бо роҳи зарб кардани бақияи воситаҳо дар ҳисобҳои дахлдор ё қисми онҳо ба коэффитсиенти хавф (0-2, 10, 20, 50, 100) баркашида мешавад. Қимати ададии ҳадди ақали қобили қабули меъёри мазкур вобаста аз ҳаҷми сармояи бонк муқаррар карда мешавад: барои бонкҳои дорои сармояи худии на кам аз маблағи ба 5 млн. евро ҳамарзиш – 10%, барои бонкҳои дорои сармояи худии аз 5 млн. евро кам – 11%.

**Ҷадвали 1.2.1. - Нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ**

| Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ (бонкҳои тиҷоратӣ) |
|---|
| Нишондиҳандаҳои появӣ<br>1. Меъёри кифоятии сармоя<br>1.1. Таносуби сармояи меъёрӣ (танзимшаванда) ба дороиҳо, бо назардошти хавф баркашидашуда<br>1.2. Таносуби сармояи танзимшавандаи дараҷаи 1 ба дороиҳо, бо назардошти хавф баркашидашуда<br>2. Сифати дороиҳо<br>2.1. Таносуби қарзҳои муҳлатгузашта (ғайрифаъол) бо тарҳи захираҳои бунёдшуда ба сармоя (қарзҳои ғайрифаъол – маблағи сандуқи қарзӣ ва қарзҳои байнибонкие, ки зиёда аз 30 рӯз ба таъхир афтодаанд)<br>2.1. Таносуби қарзҳои муҳлатгузашта ба қарзҳои умумӣ<br>3. Даромаднокӣ<br>3.1. Меъёри фоида ба дороиҳо ё даромаднокии дороиҳо – ROA (фоида – фоидаи солона то пардохти андоз)<br>3.2. Меъёри фоида ба сармояи худӣ ё даромаднокии сармоя - ROE<br>3.3. Таносуби фоида аз фоизҳо ба даромади умумӣ<br>3.4. Таносуби хароҷоти ғайрифоизӣ ба даромади умумӣ<br>4. Пардохтпазирӣ<br>4.1. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба дороиҳои умумӣ (коэффитсиенти пардохтпазирии дороиҳо)<br>4.2. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат<br>5. Ҳассосият ба хавфи бозорӣ<br>5.1. Таносуби мавқеи кушодаи асъории холис ба сармоя |
| 6. Нишондиҳандаҳои иловагӣ (тавсиявӣ)<br>6.1. Таносуби сармоя ба дороиҳои умумӣ<br>6.2. Таносуби қарзҳои бузург ба сармоя<br>6.3. Таносуби даромад аз амалиёти савдо ба даромади умумӣ<br>6.4. Таносуби хароҷоти кормандон ба хароҷоти ғайрифоизӣ<br>6.5. Таносуби амонатҳо ба сандуқи қарзии умумӣ<br>6.6. Таносуби қарзҳо бо асъори хориҷӣ ба қарзҳои умумӣ<br>6.7. Таносуби уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ ба уҳдадориҳои умумӣ |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Ҳангоми арзёбии устувории бонкҳои тиҷоратӣ шумораи зиёди нишондиҳандаҳои даромаднокӣ истифода мешавад. Равиши бештар паҳншуда арзёбӣ тавассути таносуби фоида ба дороиҳо, яъне омӯзиши нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо, ки қимати тавсиявии он 1,5 буда, баланд будани он фаъолияти самараноки бонкро тасдиқ мекунад.

Мусаллам аст, ки омилҳои таъминкунандаи устувории бонки тиҷоратӣ бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ мебошанд. Дар амалия равишҳои гуногун ба арзёбии бозоргирии бонк ба кор бурда мешаванд, вале асосан нишондиҳандаҳои бозоргирии тавозун ва бозоргирии бонк бартарӣ доранд. Дар ин маврид бозоргирӣ бо он мубрам аст, ки қимати пасти он дар як бонк ба тамоми низоми бонкӣ таъсири манфӣ мерасонад.

Пардохтпазирии бонки тиҷоратиро метавон ҳамчун нишондиҳандаи ҳамаҷониба баррасӣ кард, ки бо таъсири нишондиҳандаҳои қаблан баррасишудаи таъмини устуворӣ, хусусан бозоргирӣ ташаккул меёбад. Муҳаққиқон О.В. Волошина ва Н.А. Канишева пардохтпазириии бонки тиҷоратиро ҳамчун «имконияти он барои пурра ва дар муҳлати муқарраршуда баргардонидани қарздории кредитории худ» тафсир кардаанд [29, с. 195]. Пардохтпазирӣ дар асоси ду омил ташаккул меёбад: мавҷудияти дороиҳо, ки маблағи онҳо барои пӯшонидани тамоми уҳдадориҳо кифоя аст; дараҷаи бозоргирии дороиҳои мазкур, ки барои фурӯхтани онҳо имконият медиҳад.

Таҳлил ва арзёбии пардохтпазирии бонки тиҷоратӣ барои назорати иҷрои саривақтии уҳдадориҳо, мунтазам пешгӯӣ кардани вазъи молиявӣ ва устувории молиявӣ, пурра баргардонидани қарзҳо ва арзёбии самаранокии истифодаи онҳо, баланд бардоштани сатҳи фаъолнокии тиҷоратии бонки тиҷоратӣ зарур аст. Бо шарофати арзёбии бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ тамоюлоти воқеӣ ва имконпазир, ки дар бораи бад шудани устувории бонки тиҷоратӣ шаҳодат медиҳанд, ошкор мешаванд, ки дар навбати худ ба роҳандозӣ намудани тадбирҳои мушаххас барои беҳгардонии вазъ мусоидат мекунанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мехоҳем қайд намоем, ки робитаи мутақобила ва вобастагии гурӯҳҳои гуногуни омилҳо имкон медиҳад, ки танҳо дар сурати истифодаи ҳамаҷонибаи бонизоми тамоми нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти бонки тиҷоратӣ арзёбии дурусти таъмини устувории молиявии он метавонад ба ҷо оварда шавад.

## 1.3. Хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ

Мо қаблан зикр кардем, ки устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳамчун хосияти умумии ифодакунандаи вазъи захираҳои молиявӣ ба нигоҳ доштани пардохтпазирӣ, даромаднокӣ ва эътимоднокии низоми бонкӣ мусоидат мекунанд. Имрӯз, дар паёмади бухрони молиявӣ, ки норасоии назарраси захираҳои молиявии аксари бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, масъалаи таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти бештар пайдо кардааст.

Солҳои охир олимон ба таҳқиқи тамоюл ва омилҳои коҳиши устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии сармоя ва захираҳои молиявӣ барои пӯшонидани хавфҳо таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамоянд. Дар ин самти пажӯҳиш саҳми муҳаққиқони ватанӣ Ғ.М. Ашуров [5], А.А. Баротов [11], Н.Қ. Икромов [50], Б.Ҳ. Каримов [58; 59], Ф.С. Обидов [90], Х.Р. Улуғхоҷаева [131], Ш.Қ. Хайрзода [142; 143; 144; ], Қ.Х. Хушвахтзода [151], У.С. Ҳикматов [149], Н.Ш. Шарифзода [156], Д.С. Юсупов [160], инчунин муҳаққиқони хориҷӣ Е.А. Бибикова [12], М.А. Горский [36], Д.А. Рабаданова [101], В.В. Софронова [115; 116], А.А. Хандруев [147] ва дигарон назаррас аст.

Омилҳои муайянкунандаи эътимоди пасандоздорон, шарикон, сармоягузорон ба бонкҳо устувории молиявӣ ва рушди босуботи онҳо мебошанд. Шубҳае нест, ки «ҳам суботи молиявӣ ва ҳам суботи устувор набояд дастовардҳои кӯтоҳмуддати бонкҳо, балки ҳадафҳои стратегии онҳо бошанд, ки дар навбати худ тамоюли дигаргуниҳои бозор ва такмили меъёрҳои иҷтимоиро муайян мекунанд» [85, с. 228].

Низоми муосири бонкии мамлакат дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ташаккул ёфтааст, ки ин ба пайдо шудани хусусиятҳои хоси таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ боис гардид. Мушкилоти давраи гузариш, номутаносибиҳо дар рушди низоми бонкӣ, ки аз мудирияти қаблии ба фармонфармоӣ асосёфта ба мерос монда буданд, ба фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ

ва устувории молиявии онҳо асари худро гузоштанд. Дар натиҷа, бонкҳои тиҷоратӣ то чанде аз иҷрои вазифаҳои анъанавии худ дур ҳам шуда буданд. Ҳолатҳое буд, ки бонкҳои тиҷоратии дар натиҷаи хусусигардонии бонкҳои давлатӣ ташкилгардидида дидаю дониста ба мизоҷони шубҳанок қарз пешниҳод мекарданд. Инчунин бонкҳо баъзан амалиёте анҷом медоданд, ки қонунгузорӣ онҳоро иҷозат намедод. Дар натиҷа солҳои 2014-2015 низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазъи ногувор фарогир шуда, якчанд бонкҳои тиҷоратӣ зарари калон диданд, ҳатто баъзе аз онҳо муфлис ҳам шуданд.

Ҳолатҳои мазкур, инчунин зуҳуроти бӯҳронии солҳои охир дар низоми бонкии миллӣ мушоҳидашаванда водор мекунанд, ки дар бораи хусусиятҳои таъмини устувории молиявии унсури асосии низоми бонкӣ - бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ, ки яке аз паёмадҳои ҷиддии бӯҳрони молиявӣ мебошад, андеша кард.

Пеш аз он, ки мо ба баррасии хусусиятҳои таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ шуруъ кунем, бояд худи мафҳуми «норасоии захираҳои молиявӣ»-ро шарҳ диҳем. Ёдовар мешавем, ки мафҳумҳои «устувории бонкҳои тиҷоратӣ» ва «устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ», инчунин дигар мафҳумҳои бо онҳо марбут дар параграфи 1.1 шарҳ дода шудаанд.

Албатта бонкҳои тиҷоратӣ барои таъмини намудҳои фаъоли амалиёти худ бояд маблағи муайяни пул ва дороиҳои моддиро ихтиёрдорӣ кунад. Маҳз ана ҳамин унсурҳо захираҳои молиявии бонки тиҷоратиро ташкил медиҳанд. Дар амалисозии вазифаи ҷамъоварӣ ва сафарбар кардани пасандозҳо нақши асосӣ ба амалиёти бонк оид ба ҷалби захираҳои молиявӣ тааллуқ дорад. Бонкҳои тиҷоратӣ бояд барои роҳандозии сиёсати муносиби ҷалби пасандозҳо ва маблағҳои озоди субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ заминаҳои зарурироро фароҳам оваранд. Ин сиёсат бояд барои тақвият бахшидан ба амалиёти ғайрифаъоли бонкҳои тиҷоратӣ равона гардад, зеро воситаи асосии ҷалби захираҳо ва пурра кардани онҳо аз таҳкими амалиёти ғайрифаъол, ки бо ҷамъоварии захираҳо алоқаманданд, вобаста аст. Яъне бо анҷом додани амалиёти ғайрифаъол бонкҳои тиҷоратӣ

барои пешбурди амалиёти фаъоли худ маблағҳои заруриро, ки ҳамчун асоси ташаккули захираҳои молиявӣ баромад мекунанд, ба даст меоранд. Агар сиёсати ҷалби пасандозҳо ва маблағҳои озоди субъектҳои иқтисодӣ дар бонк нодуруст ба роҳ монда шавад, захираҳои молиявӣ дар ҳаҷми барои анҷом додани амалиёти фаъол дар бонк ташаккул намеёбанд, ки ин мафҳуми «норасоии захираҳои молиявӣ»-ро ифода мекунад. Бинобар ин, ба андешаи мо, норасоии захираҳои молиявӣ чунин ҳолате дар фаъолияти бонки тиҷоратӣ мебошад, ки бо сабаби таъмин нагардидани ҳаҷми кофии худ захираҳои молиявӣ барои самаранок анҷом додани амалиёти фаъол имкон намедиҳанд ва ин яке аз сабабҳои асосии коста шудани устувории на танҳо бонкҳои тиҷоратӣ, балки умуман низоми бонкӣ мебошад.

Ба қавли дигар, норасоии захираҳои молиявӣ ин ҳолате мебошад, ки аз як тараф, аз ғайрисамаранок гузаронидани амалиёти фаъол ва ташаккули дороиҳои пастсифати дараҷаи бозоргирӣ ва даромаднокиашон паст, имконияти иҷрои саривақтии уҳдадориҳои бонкро маҳдуд месозад ва зери хатари гум кардани пардохтпазирӣ ва ба миён омадани ҳолати буҳрони молиявии он мегардад, аз тарафи дигар, маҳдудияти объективӣ ва субъективии дастрасии маҳдуд ба захираҳои мавҷудбуда дар бозори молиявии дохилӣ ва берунӣ мебошад. Ба андешаи мо, яке аз сабабҳои ташаккули чунин ҳолатҳои хатарнок дар баробари идоракунии бесамари дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкӣ, ин паст будани иқтидори маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ мебошад.

Албатта, аҳамияти назариявӣ ва амалии масъалаи таъмини устуворӣ ва эътимоднокии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ махсусан дар шароити зуҳуроти буҳронӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ бештар мегардад. Буҳрони молиявии ҷаҳонии аз соли 2008 оғозгардида аз номукаммалии усулҳои идоракунии устуворӣ ва таъмини эътимоднокии бонкҳои тиҷоратии ватанӣ дарак дод. Бо таъсири он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шуруъ аз соли 2014 буҳрони бонкӣ оғоз гардид. Танҳо тадбирҳои роҳандозинамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва БМТ имкон доданд, ки аз буҳрони саросарии низоми бонкӣ канорагирӣ карда, дар давоми ду-се соли минбаъда фаъолияти муътадили низоми бонкии мамлакат

таъмин ва аз ҳароси ҳамаҷонибаи амонатгузорон то андозае пешгирӣ карда шавад. Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва паёмадҳои он ба вазъи низоми бонкӣ таъсир расонида, барои шадидтар гардидани рақобати бонкҳои тиҷоратӣ шароит фароҳам оварданд.

Моҳияти буҳрони бонкии солҳои 2014-2015 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар он ифода меёбад, ки паёмадҳои буҳрони молиявӣ на танҳо ба устувории молиявӣ, инчунин ба раванди қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ таъсир расонида, суръатҳои афзоиш ва ҳаҷмҳои қарздиҳии бонкҳои тиҷоратиро паст мекунанд, ки ин яке аз зуҳуроти ҷиддии норасоии захираҳои молиявии онҳо мебошад. Дар бозори қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пастшавии фоиданокии субъектҳо, норасоии сармоя ва захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ баръало мушоҳида мешавад. Бинобар ин, бо таъсири буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ва паёмадҳои он, инчунин дар шароити буҳрони бонкӣ дар мамлакат бонкҳои тиҷоратӣ барои эҳёи рағбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба пасандоздорӣ ва ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, ки тадбирҳои муҳим барои бартараф намудани норасоии захираҳои молиявӣ ва таъмини устувории худ ба ҳисоб меравconfigured, кӯшиш мекунанд.

Мавҷудияти захираҳои молиявии зарурӣ ва қобилияти сафарбар кардани онҳо шарти муҳими фаъолияти босамар, рушд ва устувории ҳар як бонки тиҷоратӣ мебошад. Масъалаи ташаккули захираҳои молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ нисбат ба дигар субъектҳои иқтисодӣ аҳамияти бештар дорад. Муҳимтарин хусусияти бонкҳои тиҷоратӣ дар муносибатҳои молиявӣ ин аст, ки онҳо фаъолияти худро пеш аз ҳама дар асоси захираҳои молиявии ҷалбгардида ба роҳ мемонанд.

Омӯзиш ва таҳлили фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ нишон медиҳад, ки захираҳои молиявӣ мафҳуми асосӣ дар фаъолияти онҳо буда, бе мавҷудияти онҳо қонеъ гардонидани талаботи гуногуни рушди бонк имконнопазир аст. Дарки илмии мафҳуми «захираҳои молиявӣ» бо мафҳуми «молия», ки дараҷаи истисноӣ баландтар дорад, зич алоқаманд аст. Тақсим ва азнавтақсимкунии арзиш бо ёрии молия ҳатман бо ҳаракати воситаҳои пулӣ, ки шакли мушаххаси

захираҳои молиявиро мегиранд, ҳамрадиф мешавад. Ҳамин тариқ, захираҳои молиявӣ ҳамчун барандаи муносибатҳои молиявӣ тамоми вазифаҳои молияро иҷро мекунанд.

Мувофиқи назарияи молия захираҳои молиявӣ дар низоми муносибатҳои пулӣ ҳангоми ташаккул ва истифодаи фондҳои воситаҳои пулӣ ба вуҷуд меоянд. Дар баробари ин, захираҳои молиявӣ умуман дар зинаи макроиқтисодиёт ҳамчун маҷмуи воситаҳои пулии дар ихтиёри аҳолӣ, субъектҳои иқтисодӣ ва давлат қарордошта буда, дар сатҳи микроиқтисодиёт, аз ҷумла дар бонкҳо – ҳамчун даромадҳо ва воридшавиҳои пулие фаҳмида мешаванд, ки «дар ихтиёри субъекти иқтисодӣ қарор доранд ва барои иҷрои уҳдадориҳои молиявӣ, хароҷоти истеҳсолоти васеъ ва ҳавасмандкунии иқтисодӣ таъин гардидаанд» [64, с. 107]. Бо назардошти он, ки бонк ба як унсури махсуси иқтисодиёти миллӣ - низоми бонкӣ тааллуқ дорад, фаъолияти он хусусиятҳое дорад, ки равшан кардани мафҳуми захираҳои молиявии бонкро тақозо мекунад. Ин ба сохтор ва шакли махсуси манбаъҳои ташаккули захираҳои молиявии бонк вобаста аст.

Яке аз хусусиятҳои асосии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар мамлакат ин аст, ки сарфи назар аз меъёрҳои баланди фоизи қарз, талабот ба қарз меафзояд ва ҳоло дар бозори молиявии мамлакат бонкҳои тиҷоратӣ ин талаботро пурра қонеъ карда наметавонанд. Вале дар солҳои охир пастшавии меъёрҳои фоизи қарз дар мамлакат мушоҳида мешавад. Ҳамин тариқ, дар соли 2022 дар натиҷаи рақобати бонкҳо меъёри фоизи қарзҳои додашудаи бонкӣ ба ҳисоби миёна 23,83 фоизро ташкил додааст ва ин нишондиҳанда дар соли 2023 то ба ҳадди 23,09 фоиз паст шудааст [24, с. 70; 25, с. 72].

Захираҳои молиявии бонкҳо барои қарздиҳӣ тавассути гузаронидани амалиёти ғайрифаъол (пассивӣ), ки барои ҷалб кардани воситаҳои худӣ ва қарзӣ роҳандозӣ карда мешаванд, ташаккул меёбанд. Ба захираҳои қарзии бонк қабули пасандозҳо, гирифтани қарзҳои байнибонкӣ, барориши коғазҳои қиматноки худӣ ва амалиёти РЕПО (repurchase agreement – шартномаи бозхарид) дохил мешаванд. Бешубҳа, нақши асосӣ ба сармояи худӣ тааллуқ дорад, ки он ҳамчун фонди кафолат ҳамарӯза вазифаҳои муҳимро барои таъмини фаъолияти тӯлонии

ташкилоти қарзӣ иҷро мекунад. Сармояи худӣ аз ҷиҳати ҳаҷм бояд хеле калон бошад, зеро маҳз он қобилияти бонкро барои анҷом додани амалиёти фаъоли дорои хавф муайян мекунад. Имрӯз мушкилоти асосии сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ ҳаҷми хурди он мебошад: ба ҳолати 31 декабри соли 2023 маблағи умумии уҳдадориҳо ва сармояи худии бонкҳои мамлакат 31698 млн. сомониро ташкил додааст, ки дар он ҳиссаи сармояи худӣ ҳамагӣ 5636,5 млн. сомонӣ ё 17,8% мебошад [25, с. 26].

Ҳадафи таҳқиқоти мазкур бунёди механизмҳои самарабахши ҷалби захираҳои молиявӣ ба доираи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ, таҳияи маҷмуи шаклҳо ва усулҳои маблағгузории онҳо мебошад, ки ташаккули пойгоҳи муосири захиравии низоми бонкиро таъмин мекунанд. Ҳамаи мушкилоти бо ташаккули захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ алоқаманд бо таъсири омилҳои берунӣ ва дохилӣ ба миён меоянд. Ба омилҳои берунӣ тағйирёбии вазъи умумииқтисодӣ ва умумисиёсӣ дар мамлакат мансуб мебошанд. Омилҳои асосии дохилӣ – мавҷуд набудани сиёсати муносиби пасандозӣ, сармоякунонии нокифоя, сохтори нодурусти уҳдадориҳо, сифати пасти менеҷменти бонкӣ, рушди сусти технологияҳои муосири бонкӣ ва сатҳи нокифояи хизматрасонӣ ба мизоҷон мебошанд. Ҳар як мушкилоте, ки бо таъсири омилҳои мазкур пайдо мешавад, ба он унсурҳои захираҳои молиявӣ таъсир мерасонад, ки тавассути онҳо пойгоҳи захиравии бонк ташаккул меёбад. Дар ин маврид, пойгоҳи захиравии бонк - ин «ҳаҷми пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанди ташкилотҳои қарзӣ мебошад, ки барои ҳисобкунии талаботи захираҳои ҳатмӣ хизмат мерасонад» [42].

Ҳоло дар шароити мавҷуд набудани олоти молиявии бозоргир ва даромаднок дар бозори молиявӣ мубрамии мушкилоти ташаккули захираҳои молиявӣ (уҳдадориҳои бонкӣ), беҳгардонии сохтори онҳо баланд гардида, дар робита бо ин, таҳияи стратегияи идоракунии воситаҳои худӣ ва ҷалбгардидаи бонкҳои тиҷоратӣ аҳамияти махсус пайдо мекунад. Барои бонкҳои тиҷоратӣ зарурати бозсозии муҳими фаъолияти худ мутобиқи шароити нави макроиқтисодии суботи молиявии нисбӣ ба миён омадааст. Вобаста ба ин,

хусусиятҳои асосии сохтори захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар марҳилаи муосири рушди низоми бонкӣ бузургии начандон калони сармояи худӣ, ҳиссаи ками он дар таркиби дороиҳо, зиёд будани ҳиссаи уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат, ки имконияти гузоришҳои молиявии дарозмуҳлатро маҳдуд мекунанд, мебошанд. Ғайр аз ин, ҳиссаи ками пасандозҳо дар таркиби дороиҳо ва ҳиссаи зиёди бақияҳои ҳисобҳои корхона ва ташкилотҳо, мувофиқат накардани сохтори уҳдадориҳо ва дороиҳо, инчунин шиддатнокии мушкилоти бозоргирии дороиҳоро метавон қайд кард.

Бо дарназардошти он, ки хароҷоти бонкҳои тиҷоратӣ барои хизматрасонии ҳисобҳои ҷории корхона ва ташкилотҳо аз ҳама камтар аст (зеро аз рӯи онҳо фоиз пардохт карда намешавад), афзоиши ҳиссаи унсури мазкур дар пойгоҳи захираҳои молиявӣ зуҳуроти мусбат ба ҳисоб меравад. Вале азбаски онҳо ба гурӯҳи пасандозҳои дархостшаванда мансубанд, соҳибони маблағҳои дар ҳисобҳои ҷории корхонаҳо мавҷудбуда метавонанд дар ҳама ҳолат онҳоро дархост карда гиранд. Бинобар ин, зиёд намудани ҳиссаи онҳо дар маблағҳои сафарбаршуда мақбул нест, то ки пардохтпазирии бонк суст нашавад.

Сохтори захираҳои молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратии алоҳида бо гуногунии худ фарқ мекунад, ки сабаби ин пеш аз ҳама хусусиятҳои инфиродии ҳар як бонк мебошад. Дар ҳаҷми умумии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бартарӣ доштани манбаъҳои ҷудогонаи захираҳо аз шароити мушаххаси рушди иқтисодиёт, дараҷаи рушди бахшҳои алоҳидаи бозори молиявии мамлакат ва дигар омилҳо вобаста аст. Бинобар ин, вобаста ба хусусияти фаъолияти бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ метавон чунин изҳор кард: иқтидори қарзӣ ҳаҷми баландтарини имконпазири воситаҳои ҷалбгардида ва худӣ мебошад, ки бонки тиҷоратӣ онҳоро метавонад ҳамчун воситаҳои қарзии самарабахш ҷойгир кунонад. Яъне, сохтори иқтидори қарзӣ аз ду ҷиҳат иборат аст: манбаъҳои ҷалби воситаҳои пулӣ (уҳдадориҳо) ва имконияти ҷойгиркунии онҳо (дороиҳо) [137, с. 307].

Ҳамин тариқ, низоми идоракунии иқтидори қарзии бонки тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ бояд чунин ҷиҳатҳоро дар бар гирад:

- арзёбии эҳтимолияти сустшавии пойгоҳи захиравӣ барои муайян кардани бузургии хуруҷи пеш аз муҳлати маблағҳо аз ҳисобҳои бонкии мизоҷон, бо назардошти хавфи пасандозҳо;

- арзёбии эҳтимолияти иҷрои босифати шартҳои шартномаи қарзӣ аз ҷониби қарзгир, дар акси ҳол баргардонидани саривақтии маблағи асосӣ ва пардохти фоизҳо, бо ҳамин ба инобат гирифтани хавфи қарзӣ, аз ҷумла хавфи аз даст додани пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ;

- арзёбӣ ва ҷустуҷӯи қиматҳои самараноки меъёри фоизи қарз бо тағйирёбии эҳтимолии меъёрҳои захираҳои ҷалбшуда, ба ин васила ба ҳисоб гирифтани хавфи талафи даромаднокӣ.

Ба андешаи мо, дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ як қатор омилҳое ҳастанд, ки ба тағйироти нишондиҳандаҳои пардохтпазирии тавозуни бонки тиҷоратӣ таъсири манфӣ мерасонанд:

- сатҳи пасти сармоякунонӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ. Сармоякунонии иловагӣ ба хотири нигоҳ доштани суботи низоми бонкӣ аз ҷониби давлат барои бонкҳои давлатӣ ва хусусӣ дар шакли қарзи субординарӣ (қарзе, ки дар шакли пулӣ ба муҳлати на кам аз 5 сол дода мешавад, фоизи он аз андозаи меъёри бозтамвил зиёд нест ва дар ҳолати барҳамхӯрии ташкилоти қарзӣ талаботи қарздиҳанда баъди пурра қонеъ кардани талаботи дигар қарздиҳандагон ва то баргардонидани маблағи саҳмияҳои оддӣ қонеъ карда мешавад; он пас аз мувофиқа бо БМТ ба таркиби сармояи иловагӣ дохил карда мешавад [39] ба ҷо оварда мешавад;

- аз ҷиҳати муҳлатҳо бо ҳам мувофиқ наомадани дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратӣ. Ин яке аз омилҳои маъмули коҳиши бозоргирии бонк мебошад;

- мувофиқ наомадани дороиҳо ва уҳдадориҳо аз рӯи намудҳои асъор.

Ҳамин тариқ, метавон мушоҳида кард, ки барои таъмини устувории молиявии бонки тиҷоратӣ бештар ба устувории дохилӣ, ки пеш аз ҳама аз сифати менеҷменти бонкӣ вобаста аст, диққат бояд дод. Нишондиҳандаҳои барои таъмини устувории бонки тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ

нисбатан муҳим аз сатҳи менҷменти бонкӣ ҷиҳати идоракунии хавфҳои қарзӣ, сармоя ва дороиҳо, бозоргирӣ, пардохттавонӣ ва меъёрҳои фоиз вобаста мебошанд. Бинобар ин, барои таъмини устувории молиявии бонки тиҷоратӣ бо таъсири омилҳои баррасишуда такмили низоми менеҷменти он ва ҳам воситаҳои танзим ва назорати низоми бонкӣ зарур аст.

Хусусияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози ташаккули худ, ки ба нимаи аввали солҳои 1990-ум (ҳамзамон бо оғози раванди гузариш ба муносибатҳои бозорӣ ва ҳам ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ) рост меояд, дар он ифода меёбад, ки барои аксарияти кулли бонкҳо манбаи асосии захираҳои молиявӣ на пасандозҳо, балки воситаҳои аз бозори байнибонкӣ воридшуда ба ҳисоб мерафтанд, ки аксаран ба ҳисоби миёна аз 50 то 90%-и маблағҳои уҳдадориҳоро дар тавозуни бонкҳо ташкил медоданд. Имрӯз ҳам бояд ба бозори қарзҳои байнибонкӣ ҳамчун таъминкунандаи асосии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муносибат кард, зеро қарзҳои БМТ ва ташкилотҳои байналмилалии молиявӣ дар ташаккули захираҳои молиявии онҳо ҳиссаи бузургро ташкил медиҳанд.

Дар шароити имрӯз яке аз сарчашмаҳои муҳими ташаккули захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҷалби амонатҳо (пасандозҳо) мебошад. Захираҳои амонатӣ (пасандозӣ) пойгоҳи муҳимеро ташкил медиҳанд, ки бонк метавонад дар асоси онҳо фаъолияти фоидаовари худро ба роҳ монад. Барои истифодаи оқилона ва ҳарчи босамар захираҳои пасандозӣ вобаста ба доштани хусусиятҳои муайян ва дар асоси имконияти истифодаашон дарояндаи тӯлонӣ ба намудҳо тасниф карда мешаванд (ҷадвали 1.3.1).

Барои фаъолияти бобарори бонки тиҷоратӣ бо хавфҳои камтарин бояд мувофиқати байни уҳдадориҳо, ки аксари онҳоро захираҳои пасандозӣ ташкил медиҳанд ва талаботи бонк ба мизоҷон ё дигар бонкҳо мавҷуд бошад. Аммо, дар асл, ин гуна ҳолатҳои мувофиқати байни уҳдадориҳо ва талаботи бонки тиҷоратӣ хеле кам рӯй медиҳад.

**Ҷадвали 1.3.1. – Таснифи пасандозҳои бонкҳои тиҷоратӣ**

| Аломати тасниф | Намуди пасандоз |
|---|---|
| Намуди амонатгузор | Шахсони ҳуқуқӣ, шахсони воқеӣ, дигар бонкҳо |
| Намуди асъор | Бо пули миллӣ, бо асъори хориҷӣ |
| Мухлати истифодабарӣ | Мухлатнок, дархостшаванда |
| Дараҷаи устуворӣ | Устувор, ноустувор |
| Идорашавандагӣ | Идорашаванда, идоранашаванда |
| Арзишнокӣ барои бонк | Гарон, арзон |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [54; 56; 129]**

Дар асоси таснифи мазкури пасандозҳои бонкҳои тиҷоратӣ метавон чунин зикр кард: захираҳои пасандозҳои мухлатнокро метавон ҳамчун устувор ва идорашаванда гурӯҳбандӣ кард, аммо онҳо намуди гаронбаҳои захираҳои молиявӣ мебошанд. Аз аломатҳои таснифӣ, ки дар ҷадвали 1.3.1 оварда шудаанд, инчунин намудҳои пасандозҳои ба онҳо мувофиқ хулоса баровардан мумкин аст, ки бо такя ба иттилоот дар бораи мухлати истифодабарии пасандозҳо метавон дурнамои истифодабарии онҳоро таҳия кард. Ҳамчунин қайд кардан бамаврид аст, ки маблағҳои ҷории мизоҷон (маблағҳо дар суратҳисобҳо), ки барои бонк захираи арзон мебошанд, ба намуди ноустувор ва идоранашавандаи захираҳо мансуб мебошанд, зеро худи мизоҷон онҳоро метавонанд дар ҳар лаҳза истифода баранд. Аммо имрӯз дар таҷрибаи фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ амсилае ба кор бурда мешавад, ки ба туфайли он ва ҷалби қарзҳои байнибонкӣ ҳангоми норасоии захираҳои молиявӣ маблағҳои ҷории мизоҷон ба намуди идорашаванда табдил дода ва дар қарздиҳии дарозмуҳлат истифода мешаванд. Чунин усулҳо ба бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳанд, ки «захираҳои мавҷудаи худро тавассути ғун кардан ба дороиҳои дарозмуҳлат ва сердаромад бо хавфҳои камтарин ҳарчи бештар истифода баранд, аммо барои ин шарти асосӣ - суботи иқтисодӣ бояд иҷро шавад» [54, с. 92].

Дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ масъалаи устувории захираҳои пасандозӣ мубрам гардида, вобаста ба ин мушкилоти доимӣ будан ва

боэътимодии онҳо ба миён меояд. Ба ҳамин тариқ, аломати асосии таснифии захираҳои пасандозиро вобаста ба муҳлатнокӣ бо ҷудо кардан ба намудҳои дархостшаванда, муҳлатнок, инчунин амонатҳои пасандозӣ ва амонатҳои дигар ба асос гирифта, таҳлил мекунем, ки дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ барои ин ё он гурӯҳи пасандозҳо кадом мушкилот ба миён меоянд.

Хусусиятҳои асосии пасандозҳои муҳлатнок дар шароити суботи иқтисодӣ – ин устуворӣ, имконияти ояндабинӣ (муайян кардани дурнамо) ва гаронии онҳо мебошад. Дар шароити набудани суботи иқтисодӣ, аз ҷумла норасоии захираҳои молиявии бонкҳо омили асосии номатлуб ин кам шудани пасандозҳои аҳолӣ ва паст шудани қобилияти харидории онҳо мебошад. Бинобар ин, ба инобат гирифтани боварии аҳолӣ ба бахши бонкӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муҳим аст. Ихтисори ҷойҳои корӣ, болоравии сатҳи нархҳо ва таваррум мардумро водор мекунад, ки тамоми пасандозҳои худро дар як муддати кӯтоҳ истифода баранд. Ҳамин тариқ, баъзеҳо дар сурати камшавии даромад дар вазъияти ноустувор дар бозори меҳнат захираҳои худро истифода мебаранд, дигарон барои пешгирӣ кардани талафи арзиши воқеии пасандозҳои худ тамоми маблағҳои озодашонро барои харидани молҳои гуногун сарф мекунанд. Дар баробари паҳн шудани воҳима дар миёни аҳолӣ ва афзоиши нобоварӣ ба бонкҳо, ҳолатҳои пеш аз муҳлат бозпас гирифтани пасандозҳо афзоиш меёбанд. Бар хилофи ин зуҳурот рағбати як қисми аҳолӣ барои маҳдуд кардани хароҷоти худ ва сарфаи маблағ барои ояндаро метавон қайд кард, ки ин афзоиши ҳаҷми пасандозҳои аҳолиро таъмин мекунад. Дар робита бо чунин пӯё, бонкҳо бояд масъалаҳои марбут ба пасандозҳои муҳлатнокро дар ду самт ҳал кунанд:

- густариши пойгоҳи мизоҷон, зиёд кардани воруди пасандозҳои муҳлатнок;

- роҳандозӣ намудани тадбирҳои иқтисодӣ алайҳи пеш аз муҳлат бозпас гирифтани пасандозҳои муҳлатнок.

Захираҳои аз ҳисоби пасандозҳои дархостшаванда ташаккулёфтаи бонкҳои тиҷоратӣ бо ноустуворӣ, идоранашаванда будан, вале меъёри пасти арзиши худ тавсиф мешаванд. Вале онҳоро метавон табдил дод ва ҳамчун дороиҳои

дарозмуҳлат истифода бурд, аммо шароити иқтисодии муосир ба имконияти истифодабарии онҳо маҳдудияти худро ворид мекунад. Вазъи душвори молиявии корхонаҳои тиҷоратӣ, муфлисшавии баъзеи онҳо гардиши пулро дар суратҳисобҳои онҳо кам карда, ҳамзамон ба камшавии бақияҳо дар ҳисобҳои ҷории онҳо меорад. Шахсони воқеӣ низ мекӯшанд, ки маблағҳоро аз ҳисобҳои ҷории худ дар бонкҳо гиранд, аз боиси нобоварӣ ба бонкҳо дар онҳо бақияи камтаринро ҳам нигоҳ намедоранд. Вале бояд қайд кард, ки қабули Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои вусъат додани ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ» аз 22 июни соли 2023 такони таъсирбахше барои афзоиши ҳаракати маблағҳо дар ҳисобҳои ҷории корхонаҳо ва шахсони воқеӣ гардид.

Дар ҷадвали 1.3.2 маълумот дар бораи бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ (бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ) оварда шудааст.

**Ҷадвали 1.3.2. – Бақияи пасандозҳо (амонатҳо) дар ташкилотҳои қарзӣ (дар охири давра)**, млн. сомонӣ

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ пасандозҳо | 6446 | 8172 | 8849 | 8720 | 9041 | 8975 | 11414 | 10159 | 15508 | 19462 |
| Амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ | 2384 | 3061 | 3572 | 4376 | 4933 | 4736 | 6076 | 4792 | 7 427 | 8917 |
| Амонатҳои шахсони воқеӣ | 4062 | 5111 | 5277 | 4344 | 4108 | 4239 | 5338 | 5367 | 8081 | 10545 |
| Амонатҳо бо пули миллӣ | 2244 | 2508 | 3296 | 3788 | 4335 | 4613 | 6368 | 5636 | 8633 | 10802 |
| Амонатҳо бо асъори хориҷӣ | 4202 | 5664 | 5553 | 4932 | 4706 | 4362 | 5046 | 4523 | 6875 | 8660 |
| Амонатҳои дархостшаванда | 1686 | 2127 | 2652 | 3345 | 3580 | 3348 | 5700 | 3719 | 5766 | 6393 |
| Амонатҳои мухлатнок | 3788 | 4652 | 3445 | 3062 | 2815 | 2812 | 3375 | 3420 | 4234 | 5461 |
| Амонатҳои пасандозӣ | 656 | 922 | 2130 | 1463 | 1506 | 1575 | 2107 | 2083 | 4078 | 5349 |
| Амонатҳои дигар | 316 | 471 | 622 | 850 | 1141 | 1240 | 232 | 937 | 1430 | 2261 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20, с. 28-29; 21, с. 29-31; 22, с. 31-32; 23, с. 30-31; 24, с. 31-32; 25, с. 33-34]**

Дар пӯёи бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ ҳамасола тамоюл ба рушд ба назар мерасад (танҳо дар соли 2021 каме пастравӣ мушоҳида мешавад). Нишондиҳандаи мазкур, ки дар анҷоми соли 2014 маблағи 6446 млн. сомониро ташкил медод, дар анҷоми соли 2023 ба 19462 млн. сомонӣ расидааст (се маротиба зиёд шудааст).

Ҳамчунин, аз ҷадвал мушоҳида мешавад, ки дар давраи таҳлилӣ таваҷҷуҳи шахсони ҳуқуқӣ нисбат ба шахсони воқеӣ барои пасандоздорӣ майлон ба рушд дорад: ҳиссаи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ дар анҷоми соли 2023 нисбат ба анҷоми соли 2014 ба андозаи 9 банди фоизӣ зиёд шудааст (дар соли 2014 – 37%, дар соли 2023 – 46%); ҳиссаи пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ҳамин давра ба андозаи 9 банди фоизӣ кам шудааст (дар соли 2014 – 63%, дар соли 2023 – 54%).Сабаби асосии паст шудани сатҳи таваҷҷуҳи шахсони воқеӣ албатта дар он ифода меёбад, ки шуруъ аз соли 2014 вобаста ба муфлисшавии баъзе бонкҳои тиҷоратӣ ва вазъи молиявии ногувори аксари онҳо шахсони воқеӣ пасандозҳои худро аз ташкилотҳои қарзӣ ба осонӣ гирифта наметавонанд. Дар паёмади чунин ҳолатҳо эътимоди аҳолӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ коста гардид. Сарфи назар аз афзоиши таваҷҷуҳи шахсони ҳуқуқӣ барои пасандоздорӣ дар давраи таҳлилӣ, бузургии мутлақи пасандозҳои шахсони воқеӣ калонтар аст: масалан, дар соли 2023 бақияи пасандозҳои шахсони воқеӣ 10545 млн. сомонӣ ва бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ 8917 млн. сомониро ташкил медиҳад. Вале хотиррасон бояд кард, ки маълумоти оморӣ оид ба бақияи пасандозҳо дар ташкилотҳои қарзӣ бо сабаби мавҷуд будани фарқҳои қурбӣ ба андозаи муҳим таҳриф мешаванд ва дараҷаи воқеъбинона будани онҳо ҳангоми таҳлил коҳиш ёфтааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон азбоиси ноустувории иқтисодиёт дар солҳои аввали гузариш ба муносибатҳои бозорӣ субъектҳои иқтисодӣ ҳисобҳои пасандозии худро дар бонкҳо асосан бо доллари ИМА мекушоданд. Ҳамзамон ҳамчун воситаи ҳимоя аз хавфҳои асъорӣ аҳолӣ дар солҳои 1990 дар анҷом додани амалиёти ивази асъор фаъол гардида, асъори хориҷиро ҳамчун дороии даромадовари бокафолат қабул кард ва дар бонкҳои тиҷоратӣ ҳисобҳои

пасандозиро бо асъори хориҷӣ мекушод. Дар баробари ин, аҳдҳои калони хариду фурӯши дороиҳо аз ҷониби субъектҳои иқтисодӣ бо доллари ИМА анҷом дода мешуд ва барои бонкҳои тиҷоратӣ ба даст овардани захираҳо бо асъори хориҷӣ дар рушди қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ бартарии хуб дошт. Баъдан, вақте ки қурби пули миллӣ ба эътидол омад, эътимод ба пули миллӣ ва иқтисодиёти миллӣ мустаҳкам шуд, саҳми пасандозҳо бо асъори хориҷӣ коҳиш ёфт. Дар давраҳои ноустувор, бухронҳо ва тағйироти ногаҳонии бозори асъор аҳолӣ боз ба пасандозҳо бо асъори хориҷӣ таваҷҷуҳ мекунад ва ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми уҳдадориҳои бонкҳо афзоиш меёбад.

Омӯзиш нишон медиҳад, ки дар сохтори умумии амонатҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар соли 2014 ҳиссаи амонатҳо бо пули миллӣ 34,8% ва амонатҳо бо асъори хориҷӣ – 65,2% ташкил додааст, вале дар соли 2023 ин таносуб ба андозаи муҳим дигар шудааст: ҳиссаи амонатҳо бо пули миллӣ – 55,5% ва ҳиссаи амонатҳо бо асъори хориҷӣ – 44,5% аст. Сабаби асосии баланд шудани ҳиссаи амонатҳо бо пули миллӣ пеш аз ҳама кӯшишҳои БМТ барои дар сатҳи нисбатан муътадил нигоҳ доштани қурби пули миллӣ нисбат ба қурби асъорҳои хориҷӣ – хусусан доллари ИМА ва евро мебошанд. Дар сохтори бақияи пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ шуруъ аз соли 2019 ҳиссаи нисбатан баланди пасандозҳо бо асъори миллӣ (51,4%) мушоҳида мешавад ва ин нишондиҳанда дар давраи солҳои 2020-2023 хусусияти устувори муътадил дорад: соли 2020 – 55,8%, соли 2021 – 55,5%, соли 2022 – 55,7%, соли 2023 – 55,5%.

Барои арзёбии имконияти истифодаи захираҳои пасандозии бонкҳо барои қарздиҳии дарозмуҳлат таҳлили онҳо аз рӯи аломати муҳлатнокӣ муҳим аст. Амонатҳои муҳлатнок гуногуншакл буда, дар пойгоҳи захиравии бонкҳо мавқеи намоёнро ишғол мекунанд, ҳамчунин дар солҳои охир онҳо на танҳо аз ҷиҳати бузургии мутлақи худ дар таркиби пасандозҳо афзоиш меёбанд, балки ҳиссаи онҳо дар бақияи умумии пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ низ зиёд шудааст.

Ҳамин тариқ, дар аввали давраи таҳлилӣ дар сохтори пасандозҳо ҳиссаи нисбатан баланди амонатҳои муҳлатнок ба назар мерасад: дар соли 2014 – 58,8%,

соли 2015 – 56,9%. Вале бо оғоз аз соли 2016 ҳиссаи амонатҳои мухлатнок дар сохтори умумии захираҳои пасандозӣ якбора паст шуда, бузургии он дар соли 2023 ба 28,1% расидааст (расми 1.3.1).




**Расми 1.3.1. – Пӯёи амонатҳои мухлатнок дар сохтори пасандозҳои бонкӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [20, с. 28-30; 21, с. 29-32; 22, с.31-33; 23, с. 30-33; 24, с. 31-34; 25, с. 33-36]**

Яке аз унсурҳои муҳими дигари захираҳои қарзии бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳои байнибонкӣ мебошанд, ки бонкҳо ба ҳамдигар ба мухлати кӯтоҳ пешниҳод мекунанд ва онҳоро ҳамчун воситаи нигоҳ доштани бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ истифода мебаранд. Дар сохтори тавозуни ҷамъбастии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 31 декабри соли 2023 ҳаҷми умумии уҳдадориҳо маблағи 26061,5 млн. сомониро ташкил додааст, ки дар он ҳиссаи қарзҳои байнибонкӣ ҳамагӣ 6% (1557,7 млн. сомонӣ) мебошад (расми 1.3.2).




**Расми 1.3.2. – Ҳиссаи қарзҳои байнибонкӣ дар ҳаҷми умумии ухдадориҳо ва сармояи бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20, с. 79-80; 21, с. 87; 22, с. 86; 23, с. 25; 24, с. 26; 25, с. 26]**

Бо вуҷуди ин дар пӯёи ҳиссаи қарзҳои байнибонкии бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир каме афзоиш ба назар мерасад (расми 1.3.3).

Имрӯз дар шароити дар бозор набудани воситаҳои молиявии бозоргир ва даромаднок, инчунин маҳдуд шудани бозори қарзҳои байнибонкӣ, масъалаи ташаккули ухдадориҳои бонкӣ, беҳгардонии сохтори онҳо ва вобаста ба ин таҳияи стратегияи идоракунии воситаҳои худӣ ва ҷалбгардида, ки захираҳои молиявии бонки тиҷоратиро ташкил медиҳанд, аҳамияти махсус пайдо кардааст. Бонкҳои тиҷоратӣ ба зарурати бозбинии назарраси сохтори фаъолияти худ мутобиқи шароити нави макроиқтисодӣ ҷиҳати суботи молиявӣ дучор меоянд.




**Расми 1.3.3. – Пӯёи ҳиссаи қарзҳои байнибонкӣ дар таркиби уҳдадориҳо ва сармояи бонкҳои тиҷоратӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20, с. 79-80; 21, с. 87; 22, с. 86; 23, с. 25; 24, с. 26; 25, с. 26]**

Хусусиятҳои асосии сохтори захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар микдори ками сармояи худӣ, ҳиссаи пасти он дар дороиҳо, бартарии уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат, ки имконияти сармоягузориҳои дарозмуҳлатро маҳдуд мекунанд, ифода меёбанд. Гузашта аз ин, ҳиссаи ками пасандозҳо дар таркиби уҳдадориҳо ва ҳиссаи зиёди бақияи суратҳисобҳои корхонаҳо ва ташкилотҳо, мувофиқ наомадани сохтори уҳдадориҳо, инчунин шадидияти масъалаи бозоргирии дороиҳои бонкҳои тиҷоратиро низ бояд қайд кард. Ҳангоми ташаккули пойгоҳи захиравӣ бояд ҳадафҳои дарозмуҳлат таҳия ва роҳҳои ноил шудан ба онҳо муайян карда шаванд, яъне стратегия ва тактикаи таъмини бонк бо захираҳои нав тартиб дода шавад, ки ин барои афзун кардани пойгоҳи захиравӣ ва роҳ надодан ба мушкилиҳо имкон медиҳад. Дар ин маврид ҳадафҳои нав масъалаи коркарди стратегияи навро ба миён оварда, тактика усулҳо ва қоидаҳои ҳалли беҳтарини вазъиятро муайян мекунад. Ҳамин тариқ, ҳадафи асосии стратегии фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар шароити норасоии

захираҳои молиявӣ ба хотири таъмини устувории он афзун кардани пойгоҳи захиравӣ мебошад.

Ҳангоми ташаккули пойгоҳи захиравӣ зиёд кардани пасандозҳо дар ҳаҷми умумии маблағҳои сафарбаршуда, сарфи назар аз афзоиши хароҷоти фоизӣ тавсия дода мешавад. Амонатҳои муҳлатнок қисми нисбатан устувори воситаҳои ҷалбгардидаи бонк мебошанд, ки ба қарздиҳии дарозмуҳлат бо фоизи баланд имкон медиҳанд. Ба хотири ҷалби устувори захираҳо барои бонк таҳияи сиёсати пасандозӣ, ки бо вазифаҳои тактикӣ ва стратегии дар оинномаи бонк муқаррargардида, аз ҷумла ба даст овардани фоидаи баландтарин ва зарурати нигоҳ доштани пардохтпазирии бонк муайян мегардад, муҳим аст.

# БОБИ 2. ТАҲЛИЛИ УСТУВОРИИ ФАЪОЛИЯТИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ ДАР ШАРОИТИ НОРАСОИИ ЗАХИРАҲОИ МОЛИЯВӢ

## 2.1. Таҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Буҳрони молиявии соли 2008, ки саросари ҷаҳонро фаро гирифт, фаъолияти низомҳои бонкии ИМА, мамлакатҳои Аврупо ва Осиё, ҳамчунин тамоми ҷумҳуриҳои ИДМ-ро коҳиш дод. Дар натиҷа дар низомҳои бонкии мазкур ва якчанд мамлакатҳои дигари рушдёфта ва рушдкунандаи ҷаҳон мушкилоти молиявӣ ба миён омаданд, ки аксари онҳо бо норасоии захираҳои молиявӣ – воситаҳои бозоргир марбут буданд. Барои раҳоӣ ёфтан аз мушкилоти мазкур бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои молиявию қарзии нисбатан калон сохтори худро таҷдид намуданд. Баъзе бонкҳо ва ташкилотҳои молиявию қарзии бо ин мушкилот дучоргардида ҳамчун пардохтнопазир ё муфлис эътироф карда шуданд. Ҳамчунин вазъияти ногувори низоми бонкӣ дар аксари мамлакатҳо ба корхонаҳои дар дигар бахшҳои иқтисодиёт фаъолияткунанда таъсир расонид, ки ин боиси муфлисшавии онҳо гардид.

Буҳрони молиявии ҷаҳонӣ осебпазирии саросарии низомҳои молиявии мамлакатҳои мухталифро дар шароити таназзули минбаъдаи иқтисодӣ ошкор кард. Паёмадҳои воқеии мафҳумҳои хавфи низом ва хавфи пардохтпазирӣ барои бонкҳо ва дигар ташкилотҳои молиявӣ падидаи таъсиррасон барои иқтисодиёти миллӣ дар тамоми мамлакатҳо гардиданд, дар бисьёр мамлакатҳо низоми молиявӣ амалан дар арафаи харобшавии бузург қарор дошт, ки «бидуни чораҳои «наҷотбахшанда»-и бонкҳои марказӣ ва ҳукуматҳо, якбора бад шудани шароити фаъолияти бонкӣ метавонист ба мавҷи муфлисшавии оммавии бонкҳо оварда расонад» [98, с. 160].

Бояд қайд кард, ки буҳрони молиявии мазкур ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мустақиман таъсир нарасонид, зеро дар замони сар задан ва авҷи он сармояи бонкҳои тиҷоратии мамлакат дар бозорҳои молиявии мамлакатҳои ба буҳрон

гирифторшуда додугирифт намешуд ва ҳамчунин сармояи бонкҳои мамлакатҳои мазкур дар низоми бонкии мамлакати мо иштирок надошт. Дар баробари ин, бо сабаби назаррас набудани ҳаҷми бозори дохилии қоғазҳои қиматнок иштироки сармояи ИМА ва мамлакатҳои Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида намешуд. Аз ҷумлаи хавфҳои имконпазире, ки эҳтимоли таҳдиди онҳо ба низоми миллии бонкӣ мавҷуд буд, пеш аз ҳама хавфи қурби асъорро метавон қайд кард, зеро он ба арзиши пасандозҳо ва амонатҳои бо асъори хориҷӣ гузошташуда, ки ҳиссаи онҳо дар ҳаҷми умумии пасандозҳои солҳои баъдибуҳронӣ нисбатан баланд буд, бештар таъсир расонидааст. Чунин таъсири номатлуб нисбат ба маблағҳои аз Федератсияи Россия бо рубли русӣ интиқолнамудаи муҳоҷирони меҳнатӣ низ, ки ҳаҷмҳои калонро ташкил медоданд, баръало зоҳир гардид ва қобилияти ба захираҳои молиявии ташкилотҳои молиявю қарзӣ мубаддал гардидани онҳо коҳиш ёфт.

Ҳамчунин дар пайдо шудани душвориҳои молиявии баъдибуҳронии бонкҳо нақши омили инсониро, ки бо пешбурди номатлуби фаъолияти бонкӣ дар натиҷаи сиёсати нодурусти қарзӣ ва хавфи баланди қарз, сифати пасти идоракунӣ, низоми назорати дохилии ғайрисамаранок, инчунин амалҳои нодуруст дар муайян кардани мавқеъҳои асъор алоқаманд буд, бояд қайд кард.

Бонкҳои тиҷоратӣ, ки ҷараёнҳои пулиро дар тамоми иқтисодиёт идора мекунанд, ба суръати гардиши онҳо, бозтақсимкунии сармояи пулӣ дар байни субъектҳои иқтисодӣ ва хосияти равандҳои такрористеҳсол дар мамлакат таъсир мерасонанд. Дар баробари ин, муҳити иқтисодие, ки дар он бонкҳо фаъолият мекунанд, ба равандҳои дигаргуниҳо дар низоми бонкӣ таъсири назаррас мерасонад. Чунон ки таҷрибаи ками таърихии мавҷудият ва фаъолияти низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, буҳрони молиявӣ нуқтаи гардиш дар дигаргунсозии фаъолияти бонкӣ гардидааст. Паёмадҳои буҳрони молиявӣ мушкилоти дар низоми бонкӣ ғуншударо, чун норасоӣ ва гуногуншаклии сусти пойгоҳи захиравӣ, сатҳи нокифояи сармоякунонӣ барои пӯшонидани хавфҳо, камбудиҳо дар идоракунии корпоративӣ, назорати номуносиби бонкӣ шадидтар карданд. Ҳалли ин масъалаҳо бо талошҳои мақомоти давлатӣ, назорати бонкӣ ва

пеш аз ҳама худи бонкҳо метавонад низоми бонкии мамлакатро ба механизми самаранок амалкунанда табдил диҳад.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қайд шудааст, ки бахши молиявӣ ҳоло ҳамчун асоси маблағгузории иқтисодиёти миллӣ пурра ташаккул наёфтааст, иқтидори сафарбаркунии пасандозҳо ва механизми табдили онҳо ба қарзҳои бонкӣ ва сармоягузориҳо самаранок истифода намешавад, сатҳи нокифояи воситаҳои ниҳодҳои молиявии амалкунанда, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ боиси пешниҳоди номгӯи маҳдуди хизматрасониҳои молиявӣ гардида, ба талаботи субъектҳои бахши воқеӣ ҷиҳати азнавсозии иқтидори онҳо мувофиқат намекунад [118].

Мусаллам аст, ки бештари субъектҳои иқтисодӣ имрӯз дорои воситаҳои гардони худии кам мебошанд ё дар баъзе ҳолатҳо бузургии онҳо манфӣ аст. Бо ҳамин сабаб барои қарздиҳии тиҷоратӣ ба субъектҳои иқтисодӣ захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ нокифоя мебошанд. Сабаби асосии боздоштани фаъолнокии қарздиҳии бонкҳои тиҷоратӣ хавфҳои қарзӣ ва дигар хавфҳои ҷамъшуда ва худдории бонкҳо аз хавфҳои нав мебошад. Барои раҳоӣ ёфтан аз буҳрони бонкӣ ва барқарорсозии рушди иқтисодиёти миллӣ такмили сохтори низоми бонкии мамлакат, роҳандозӣ намудани ислоҳот дар соҳаи идоракунии дороиҳо, уҳдадориҳо ва хавфҳои бонкӣ зарур аст. Ҳалли ин масъалаҳо дар асоси таҳлил ва арзёбии низоми бонкии мамлакат ва муайян кардани роҳҳои барқарорсозии иқтидори захиравӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба даст омада метавонад.

Имрӯз бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва унсурҳои алоҳидаи он таъсири назаррас мерасонанд. Ин ҳолат баёнкунандаи далели он аст, ки дар низоми афзалиятҳои рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат дар давраи миёнамуҳлат ба масъалаҳои ислоҳоти низоми бонкӣ вобаста ба барқароршавии баъдибуҳронии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Аз ҷумла дар Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 ба хотири расидан ба ҳадафҳои стратегии миёнамуҳлат ва гузариш ба амсилаи

сифатан нави рушди мамлакат яке аз вазифаҳои асосӣ солимгардонии бахши бонкӣ ва тезонидани рушди бахшҳои молиявии ғайрибонкӣ ҳамчун асоси ташаккули захираҳои сармояи дохилӣ муайян гардидааст [10]. Дар барномаи мазкур қайд карда шудааст, ки бахши молиявӣ ва низоми бонкӣ таъминкунандаи суботи молиявӣ ва рушди устувори иқтисодиёти миллӣ, воситаи муассири маблағгузории эҳтиёҷоти соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мебошанд. Тибқи маълумоти таҳлилии барномаи мазкур зиёда аз 96 фоизи дороиҳои молиявии мамлакат ба бахши бонкӣ рост меоянд. Бинобар ин, дар мамлакат ба хотири баррасии масъалаҳои таъмини устувории молиявӣ, арзёбии мунтазами суботи макроиқтисодию молиявии мамлакат, муайян намудани хавфҳо, пешгирӣ, коҳиш додан ва бартараф кардани таъсири номатлуби хавфҳо ва буҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти миллӣ ва роҳандозӣ намудани чораҳои саривақтӣ барои таъмини устувории низоми молиявӣ, бо дастгирии Бонки Ҷаҳонӣ бо шуруъ аз соли 2018 Шурои миллии суботи молиявӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июни соли 2018, №331) амал мекунад ва натиҷаҳои фаъолияти он дар самти ба эътидол овардани таъсири номатлуби хавфҳо дар низоми бонкии мамлакат назаррас мебошанд. Дар солҳои охир фаъолияти шурои мазкур вобаста ба вазъи ногувори сиёсӣ дар чаҳон, минтақаҳо ва мамлакатҳои алоҳида, номуайяниҳо дар бозорҳои ҷаҳонӣ, муҳим аз ҳама болоравии сатҳи таваррум ва дар маҷмуъ коста гардидани рушди иқтисодиёти ҷаҳон, дар самти маҳдудсозии паёмадҳои номатлуби буҳронӣ ва коҳиш додани таъсири онҳо ба низомӣ, таҳкими низоми идоракунии хавфҳо, беҳтар намудани раванди қарздиҳии бонкҳо муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Маълумоти омори расмӣ, ки аз сомонаи БМТ дастрас шудааст, гувоҳӣ медиҳад, ки ҳаҷми умумии қарздиҳии низоми бонкӣ (бонкҳо ва ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ) ба соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар соли 2014 – 8443 млн. сомониро ташкил медод, дар соли 2018 то ба 4646 млн. сомонӣ коҳиш ёфтааст, вале минбаъд ин нишондиҳанда тамоюл ба рушд нишон дода, дар соли 2020 ба 7390 млн. сомонӣ ва дар соли 2023 ба 18991 млн. сомонӣ расидааст (расми 2.1.1).

Афзоиши ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ аз аввалин натиҷаҳои мусбати барқарорсозии баъдибуҳронии он огаҳ менамояд.




**Расми 2.1.1. – Пӯёи ҳаҷми қарздиҳии низоми бонкӣ ба соҳаҳои иқтисодиёт**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [20, с. 47; 21, с. 51; 22, с. 47; 23, с. 39; 24, с. 40; 25, с. 42].**

Сарфи назар аз тамоюлоти мусбати нишондиҳандаи қарздиҳии бонкҳо ба соҳаҳои иқтисодиёт дар мамлакат мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ баръало ба назар мерасад. Паёмадҳои номатлуби буҳрони молиявии ҷаҳонӣ, мушкилоти давомдори бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ба сифати пасти захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, мушкилоти табдили пасандозҳо ба сармоягузорӣ ва манбаъҳои кӯтоҳмуҳлат ба сармоягузориҳои дарозмуҳлат, камбудиҳо дар идоракунии дороиҳо, уҳдадориҳо ва таъмини пардохтпазирии онҳо баръало ишорат мекунанд.

Ба рушди бахши бонкӣ як қатор омилҳои берунӣ ва дохилӣ халал мерасонанд. Омилҳои берунии маҳдудкунандаи иқтидори захиравии бонкҳо, пеш аз ҳама нарасидани уҳдадориҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ва сатҳи пасти эътимоди аҳолӣ ба бонкҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки қобилияти бонкҳоро барои ҷамъоварии маблағҳои устувори захираҳои молиявии аҳолӣ маҳдуд

мекунанд. Тавре муҳаққиқ У.С. Ҳикматов қайд мекунад, боварии аҳолӣ «ин унсури стратегие аст, ки бидуни он бахши бонкӣ комилан пеш рафта ва рушд карда наметавонад» [149, с. 42]. Ба андешаи муҳаққиқ, ин дар даврае махсусан эҳсосшаванда мебошад, ки бахши бонкӣ ба мушкилот рӯ ба рӯ мешавад, вақте ки норасоии шадиди сармоягузории хориҷӣ вуҷуд дорад, ҷустуҷӯ ва афзоиши ҳаҷми манбаъҳои дохилии маблағгузорӣ зарур аст ва масъалаи пардохтпазирӣ дар мадди аввал меистад, иқтисодиёт ба бахши бонкии пурқувват ниёз дорад.

Бад шудани вазъи молиявии як қатор ташкилотҳои қарзӣ ва падидаи бозхонди иҷозатномаҳои баъзе бонкҳо аз ҷониби БМТ барои хавфи эҳтимолии хуруҷи пасандозҳои аҳолӣ замина фароҳам оварда, дар фаъолияти бозори қарзҳои байнибонкӣ низ боиси мушкилот гардид. Ба ҳолати имрӯз эътимоди аҳолӣ ба бонкҳои тиҷоратии мамлакат дар сатҳи паст қарор дорад, ки нишондиҳандаи ҳиссаи ҳаҷми пули нақди берун аз доираи фаъолияти бонкҳо дар муомилот қарордошта аз ин шаҳодат медиҳад: дар моҳи декабри соли 2023 дар мамлакат ҳаҷми пули нақди берун аз доираи фаъолияти бонкҳо дар муомилот қарордошгта 26973,6 млн. сомонӣ ё 84,5%-и ҳаҷми умумии пули миллиро ташкил додааст [25, с. 16]. Ҳолати мазкур аз иқтидори нокифояи бахши молиявӣ барои табдили пули нақд ва амонатҳои кӯтоҳмуҳлат ба воситаҳои дарозмуҳлати дорои хавфи камтар ҷиҳати зиёд кардани ҳаҷми дастгирии молиявии субъектҳои иқтисодии соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин ба омилҳои берунии халалрасон ба рушди бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии қавии иқтисодиёти миллӣ аз ҳаҷми интиқолҳои пулии шаҳрвандони мамлакат, хусусан вобастагӣ аз вазъи сиёсию иқтисодии Федератсияи Россия мансуб мебошад.

Омилҳои дохилӣ дар баробари низоми нокифояи идоракунӣ, сатҳи сусти банақшагирии фаъолият ва менеҷменти ғайриқаноатбахш дар баъзе бонкҳо, сатҳи нокифояи захираҳои молиявии худии аксари бонкҳои тиҷоратиро дар бар мегиранд. Ҳамчунин метавон омилҳои дохилии хосияти умумидоштаеро қайд кард, ки ба рушди бахши бонкӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ба мисли рушди сусти соҳаҳои истеҳсолӣ дар мамлакат, аз ҷумла саноат, ҳиссаи баланди воридот

дар ҳаҷми молҳои истеъмолӣ ва воситаҳои истеҳсолот, сатҳи баланди фасод дар фаъолият ва низоми идоракунии ташкилотҳои қарзӣ.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2014 дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон 138 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 120 ташкилоти маблағгузории хурд (42 - ташкилоти амонатии қарзии хурд, 42 – ташкилоти қарзии хурд, 36 – фонди қарзии хурд), 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ ва 344 филиалҳои бонкҳо фаъолият мекарданд, ки ин ба баланд шудани дастрасии шахсони воқеӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ ба захираҳои қарзии бонкҳо мусоидат кардааст. Ҳоло (ба ҳолати 31 декабри соли 2023) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 63 ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 15 бонк, 47 ташкилоти маблағгузории хурд ва 1 ташкилоти қарзии ғайрибонкӣ фаъолият мекунанд (ҷадвали 2.1.1).

**Ҷадвали 2.1.1. - Сохтори ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| Ташкилотҳои қарзӣ | 31.12.2018 | 31.12.2019 | 31.12.2020 | 31.12.2021 | 31.12.2022 | 31.12.2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳо | 17 | 17 | 19 | 14 | 15 | 15 |
| Ташкилотҳои маблағгузории хурд | 62 | 58 | 50 | 49 | 48 | 47 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | - | - | - | - | 1 | 1 |
| Ҳамагӣ | 79 | 75 | 69 | 63 | 64 | 63 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [20, с. 74; 21, с. 80; 22, с. 78; 23, с.18; 24, с. 19; 25, с.19]**

Андозаи дороиҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз нишондиҳандаҳои муҳим барои арзёбии устувории молиявии низоми бонкӣ мебошад. Дар расми 2.1.2 ҳаҷми дороиҳои бонкҳо оварда шудааст.

Аз диаграммаи дар расми 2.1.2 тасвиршуда мушоҳида мешавад, ки дар санаи 31 декабри соли 2023 дар мамлакат 10 ташкилоти қарзие фаъолият мекунад, ки ҳаҷми дороиҳояшон аз 1 млрд. сомонӣ зиёд мебошад.




**Расми 2.1.2. – Дороиҳои бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар санаи 31 декабри соли 2023, млн. сомонӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [86]**

Тибқи маълумоти БМТ дороиҳои умумии ташкилотҳои қарзӣ дар санаи мазкур маблағи 37679,5 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли пешини 2022 ба андозаи 7648,8 млн. сомонӣ ё 25,5% зиёд мебошад [26]. Ин зиёдшавӣ асосан аз ҳисоби афзоиши бақияи сандуқи қарзӣ, маблағҳо барои гирифтан аз бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ ва БМТ ба амал омадааст.

Ба ҳолати 31 декабри соли 2023 бақияи умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ маблағи 17844,8 млн. сомониро ташкил кардааст. Ин нишондиҳанда дар давоми як сол, яъне нисбат ба ҳолати 31 декабри соли 2022 ба маблағи 4267,3 млн. сомонӣ ё 31,4% афзоиш ёфтааст. Ҳисобкуниҳо ва таҳлили дар натиҷаи онҳо гузаронидашуда тасдиқ мекунанд, ки афзоиши мазкур асосан аз ҳисоби зиёдшавии пешниҳоди қарзҳо ба шахсони воқеӣ, қарздиҳӣ ба соҳибкории хурду миёна, аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ ба амал омадааст.

Ҳаҷми қарзҳои ғайрифаъол ба ҳолати 31 декабри соли 2023 маблағи 2238,6 млн. сомонӣ ё 12,5%-и маблағи умумии қарзҳоро ташкил додааст, ки нисбат ба

ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 0,5 банди фоизӣ зиёд аст. Вобаста ба қарзҳои ғайрифаъол ба маблағи 2235,3 млн. сомонӣ фонди пӯшонидани талафоти имконпазир ташкил карда шудааст.

Бо қарори Раёсати БМТ аз 16 январи соли 2024, №12 Рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз чунин муайян карда шудааст:

1. КВД БА ҶТ «Амонатбонк» - бо меъёри ҷамъбастии 22,87%
2. ҶСК «Ориёнбонк» - бо меъёрии ҷамъбастии 18,63%
3. ҶСК «Бонки Эсхата» - бо меъёри ҷамъбастии 14,76%

Ҳангоми ташаккули захираҳои молиявӣ бояд ҳадафҳои стратегӣ ва тактикаи таъмини бонк бо захираҳои нав таҳия карда шавад, ки барои афзоиши захираҳои молиявӣ ва роҳ надодан ба пайдошавии мушкилот дар ин раванд имкон медиҳад, «ҳадафҳои нав масъалаи таҳияи стратегияи навро мегузоранд, тактика усулҳо ва қоидаҳои ҳалли беҳтаринро барои ҳолати мушаххас муайян мекунад» [68, с. 59].

Вобаста ба ин, маълумот дар бораи пӯёи ҷалби пасандозҳо аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи бухрони молиявӣ ва паёмадҳои аввалии он (солҳои 2009-2014) дар ҷадвали 2.1.2 оварда шудааст.

**Ҷадвали 2.1.2. - Ҷалби пасандозҳо аз ҷониби бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2009-2014**, млн. сомонӣ

| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Амонатҳои ҷалбшуда, ҳамагӣ | 44774 | 61603 | 74638 | 81995 | 87685 | 113080 |
| аз ҷумла аз: шахсони воқеӣ | 8593 | 13602 | 15250 | 16418 | 18277 | 24478 |
| шахсони ҳуқуқӣ | 36181 | 48001 | 59388 | 65577 | 69408 | 88602 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [19, с. 37]**

Тавре аз ҷадвали 2.1.2 ба назар мерасад, аз соли 2009 то соли 2014, ки марҳилаи асосии таъсири бухрони молиявии ҷаҳонӣ ба низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва оғози бухрони бонкӣ дар мамлакат мебошад, ҷалби пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз ҷониби бонкҳо ҳамасола зиёд шудааст. Ҳамин тариқ, суръати афзоиши маблағи пасандозҳои аз ҷониби бонкҳо ҷалбшуда нисбат ба соли пешин дар соли 2010 – 138%, соли 2011 – 121%, соли 2012 – 110%, соли

2013 – 107% ва дар соли 2014 – 129%-ро ташкил додааст. Нишондиҳандаи мазкур дар давраи баррасишуда ба андозаи 2,5 маротиба афзоиш ёфтааст. Дар ҳамин давра нишондиҳандаи қарздиҳии бонкҳо низ зиёд шудааст (ҷадвали 2.1.3).

**Ҷадвали 2.1.3. - Пӯёи қарзҳои бонкӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар солҳои 2009-2014**, млн. сомонӣ (бақия дар интиҳои давра)

| | 2009 | 2010 | 2011 | 2012 | 2013 | 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Қарзҳои пешниҳодшуда, ҳамагӣ | 5113 | 3167 | 2943 | 3187 | 4370 | 5600 |
| Аз ҷумла: ба шахсони ҳуқуқӣ | 4363 | 2278 | 2654 | 2805 | 3727 | 4611 |
| ба шахсони воқеӣ | 750 | 889 | 289 | 382 | 643 | 989 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [19, с. 47]**

Дар пӯёи қарздиҳии бонкҳо дар солҳои 2009-2011 суръати афзоиши манфӣ ва дар солҳои 2012-2014 суръати афзоиши мусбат мушоҳида мешавад. Суръати афзоиши солонаи қарздиҳии бонкҳо дар соли 2010 – (-38%), соли 2011 – (-7%), соли 2012 – 8%, соли 2013 – 37% ва дар соли 2014 – 28%-ро ташкил додааст. Дар давраи солҳои 2009-2014 суръати афзоиши умумии қарздиҳии бонкҳо ҳамагӣ 10%-ро ташкил додааст, дар ҳоле ки дар ҳамин давра суръати афзоиши пасандозҳои ҷалбнамудаи бонкҳо 2,5 маротиба зиёд аст.

Аз таҷрибаи хориҷии арзёбии пойгоҳи захиравии бонкҳо, инчунин тавсияҳои Кумитаи Базел оид ба меъёрҳои мақбул, танзим ва назорати бонкӣ бармеояд, ки ба хотири таҳкими устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ пайгирӣ ва назорати кифоятӣ ва сифати сармояи худии бонк, инчунин дар доираҳои меъёрҳои тавсияшуда нигоҳ доштани таносуби захираҳои ҷалбгардида ва ҷойгиркунии онҳо аз рӯи намудҳои асъор зарур аст. Дар ин маврид омӯзиши нишондиҳандаҳои асосии таъминкунандаи устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муқоиса намудани онҳо бо меъёрҳои тавсиявӣ (мақбул) аҳамияти назаррас дорад (ҷадвали 2.1.4).

**Ҷадвали 2.1.4. – Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон**, %

| Нишондиҳандаҳо | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | Меъёри тавсиявӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Меъёри кифоятии сармоя | | | | | | | | | | | |
| сармояи танзимшаванда нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда | 16,6 | 13,1 | 17,0 | 22,9 | 22,1 | 19,9 | 18,2 | 23,4 | 25,3 | 21,3 | >12 |
| сармояи танзимшавандаи дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда | 14,2 | 10,6 | 26,7 | 28,1 | 29,2 | 26,3 | 23,5 | 19,0 | 19,1 | 17,1 | >10 |
| Даромаднокӣ | | | | | | | | | | | |
| даромаднокии дороиҳо (ROA) | -2,5 | 0,8 | -2,8 | 0,5 | 1,9 | 2,1 | 2,5 | 1,1 | 5,9 | 3,7 | >5 |
| даромаднокии сармоя (ROE) | -14,4 | 5,5 | -21,0 | 1,7 | 7,0 | 7,6 | 9,1 | 4,8 | 28,3 | 19,2 | >10 |
| Пардохтпазирӣ | | | | | | | | | | | |
| дороиҳои пардохтпазир нисбат ба дороиҳои умумӣ | 20,0 | 24,1 | 30,9 | 30,1 | 30,8 | 27,7 | 30,0 | 31,9 | 43,4 | 37,2 | >30 |
| дороиҳои пардохтпазир нисбат ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат | 75,8 | 70,4 | 83,9 | 73,8 | 72,3 | 67,4 | 70,5 | 87,7 | 94,9 | 81,0 | >30 |
| Ҳассосият ба хавфи бозорӣ | | | | | | | | | | | |
| мавқеи кушодаи асъории холис нисбат ба сармояи танзимшаванда | 1,7 | -17,3 | -10,0 | -9,5 | -9,6 | -1,1 | -11,5 | 4,7 | 2,3 | 2,7 | >1 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси адабиёт [87]**

Тавре аз маълумоти ҷадвали 2.1.4 ба назар мерасад, дар давраи таҳлилӣ, ки солҳои 2014-2023-ро дар бар мегирад, нишондиҳандаҳои асосии тавсифдиҳандаи устувории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста беҳтар шудаанд ва тамоюли беҳшавии аксари онҳо дар тамоми давраи таҳлилӣ мушоҳида мешавад. Дар ҷамъбасти соли 2023 меъёри кифоятии сармояи низоми бонкӣ (нишондиҳандаи сармояи танзимшаванда нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда) қимати 21,3%-ро қабул кардааст, ки ин аз меъёри мақбул (12%) ба андозаи 9,3 банди фоизӣ зиёд аст. Қимати нишондиҳандаи сармояи танзимшавандаи дараҷаи 1 нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда ба 17,1% расидааст, ки ин аз меъёри тавсиявӣ (10%) ба андозаи 7,1 банди фоизӣ зиёд аст. Аз сатҳи меъёри тавсиявӣ баланд шудани нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти имконпазири молиявӣ ва таъмини устувории низоми бонкӣ мусоидат мекунад.

Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯйи дороиҳо (ROA) ва сармоя (ROE) тамоюли муътадил дошта, мувофиқан дар сатҳи 3,7% ва 19,2% қарор гирифтаанд. Меъёри пардохтпазирӣ дар ҷамъбасти соли 2023 ба меъёри мақбул (30%) мутобиқ буда, 81%-ро ташкил додааст.

Яке аз роҳҳои муайян кардани осебпазирии сармояи низоми бонкӣ ба хавфи асъорӣ ин таносуби мавқеи умумии кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда мебошад, ки ин номувофиқатии мавқеи асъорро аз рӯйи дороиҳо ва уҳдадориҳо нишон медиҳад. Сармояи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хавфи асъорӣ нисбатан камтар осебпазир буда, дар ҷамъбасти соли 2023 ин нишондиҳанда 2,7%-ро ташкил додааст. Таҳлили кифоятии сармояи худӣ бо мақсади муайян кардани дараҷаи устувории пойгоҳи сармоя ва муайян кардани кифоятии он барои пӯшонидани талафот аз хавфҳо гузаронида мешавад. Мусаллам аст, ки ҳаҷм, таркиб, сифат ва хосияти амалиёти фаъол ба андозаи кифоятии сармояи худии бонк таъсир мерасонад.

Таваҷҷуҳи бонк дар навбати аввал ба пешбурди амалиёти марбут ба хавфи баланд маблағҳои нисбатан зиёди худиро талаб мекунад ва баръакс, бартарияти

қарзҳои дорои хавфи камтарин дар сандуқи қарзии бонк имкон медиҳад, ки ҳаҷми сармояи худӣ нисбатан кам карда шавад. Маблағи сармояи худии барои бонк зарурӣ, инчунин аз хусусиятҳои мизоҷони он вобаста аст. Бартарияти корхонаҳои калони қарзталаб дар байни мизоҷон аз бонк доштани ҳаҷми бештари воситаҳои худиро дар муқоиса бо ҳаҷми сармояи бонке, ки ба хизматрасонӣ ба қарзгирандагони хурд (бо ҳамон ҳаҷми амалиёти фаъол) машғул мебошад, талаб мекунад, зеро ҳангоми ба корхонаҳои калон додани қарз барои як қарзгир хавфҳо бештар мешаванд. Ҳангоми муайян кардани ҳаҷми зарурии сармояи бонк, пеш аз ҳама, ҳадди ақали иҷозатдодашудаи он ва меъёрҳои БМТ, ки ҳангоми ҳисоб кардани онҳо бузургии воситаҳои худӣ (сармоя)-и бонк истифода мешавад, бояд ба назар гирифта шавад.

Пӯёи нишондиҳандаҳои асосии кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2014-2023 дар расми 2.1.3 оварда шудааст.




**Расми 2.1.3. - Пӯёи нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [87]**

Тавре аз диаграммаи дар расми 2.1.3 тасвиршуда ва ҷадвали 2.1.4 ба назар мерасад, дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя ва сифати дороиҳо дар давраи баррасишаванда тағйирёбиҳои ҷиддӣ ба назар намерасад, вале дар соли 2016 метавон якбора баланд шудани таносуби қарзҳои мухлатгузашта (ғайрифаъол) бо тарҳи захираҳои бунёдшуда ба бузургии сармояро қайд кард. Нишондиҳандаи мазкур, ки дар соли 2014 38,6%-ро ташкил медод, ба андозаи назаррас баланд шуда, дар соли 2015 ба 66,7% ва дар соли 2016 ба 105,5% расидааст (афзоиш дар давоми ду сол – 66,9 банди фоизӣ). Чунин тағйирёбӣ акнун бо қабул кардани қимати 36,6% дар соли 2017 тамоюл ба пастшавӣ зоҳир намуда, дар охири соли 2022 ба сатҳи манфӣ (-0,5%) ва дар соли 2023 ба 1% расидааст.

Қиматҳои нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз қиматҳои меъёрӣ (тавсияшаванда) дар сатҳи баланд қарор доранд. Ин аз вазъи молиявии босуботи соҳаи бонкӣ дар мамлакат гувоҳӣ медиҳад, яъне он сарфи назар аз таъсири ҳар гуна хавфҳо устувор аст.

Барои арзёбии устувории низоми бонкӣ ва барқароршавии баъдибуҳронии он таҳлили нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ (даромаднокии дороиҳо ва даромаднокии сармоя) муҳим аст. Пардохтпазирӣ – ин имконияти бонк барои иҷрои саривақт ва пурраи ухдадориҳои пулии худ мебошад. Даромаднокии дороиҳо дараҷаи фоида гирифтан аз амалиёти фаъоли бонкро нишон медиҳад. Даромаднокии сармоя – маҳсулнокии маблағҳои гузоштаи соҳибмулкони бонкро ифода мекунад ва нишондиҳандаи муҳими тавсифкунандаи фоиданокии бонк мебошад. Ҳиссаи сармояи худӣ дар ҷамъбасти тавозуни бонк чӣ қадар зиёд бошад, ҳамон қадар бонк эътимодноктар мешавад, аммо ноил шудан ба даромаднокии сармоя ҳамон қадар мушкилтар аст. Пӯёи манфии нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ба устувории молиявии умумии бахши бонкӣ таъсири номатлуб расонида, ба пастшавии он меоварад. Қабули қарорҳои саривақтӣ ва таъсирбахш дар сатҳи давлатӣ ва дохилибонкӣ ба раҳоӣ ёфтан аз

душвориҳо ва беҳтар гардонидани пӯёи нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ мусоидат мекунад.

Пӯёи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар расми 2.1.4 оварда шудааст.




**Расми 2.1.4. - Пӯёи нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирии низоми бонкӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [87]**

Аз диаграммаи дар расми 2.1.4 овардашуда ва ҷадвали 2.1.4 ба назар мерасад, ки нишондиҳандаҳои даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ низ дар давраи таҳлилӣ ба тағйирёбиҳои назаррас дучор нашудаанд. Дар соли 2016 таносуби хароҷоти ғайрифоизӣ ба даромади умумӣ баланд шуда, аз сатҳи 63,7% -и соли 2015 ба 131,4% расидааст. Вале қимати нишондиҳандаи мазкур дар давраи солҳои 2017-2021 мӯътадил гардида, дар соли 2022 ба 49,3% ва дар соли 2023 ба 54,7% расидааст, ки ин хуб аст.

Нишондиҳандаи даромаднокии сармоя, ки дар соли 2015 - 5,5% буд, дар соли 2016 паст шуда, ҳамин тариқ қимати манфии (-21%)-ро ташкил додааст. Вале чунин пастшавӣ дер давом накарда, бузургии нишондиҳанда аллакай аз соли 2017 баланд шудааст ва дар соли 2022 ба 28,3% расида, дар соли 2023 19,2%-ро ташкил додааст. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат аз соли 2016 то соли 2019 тамоюл ба пастшавӣ дошта, дар давраи солҳои 2020-2022 баланд шудааст ва дар соли 2022 ба 94,9% расида, дар соли 2023 81%-ро ташкил додааст. Ин аз баландшавии пардохтпазирии умумии низоми бонкӣ дар солҳои охир дарак медиҳад.

Нишондиҳандаи даромаднокии дороиҳо, ки дар соли 2014 қимати манфии (-2,5%) дошт, аз соли 2017 баланд шуда, дар соли 2022 ба 5,9% расидааст, вале дар охири соли 2023 бузургии он 3,7%-ро ташкил додааст. Таносуби дороиҳои пардохтпазир ба дороиҳои умумӣ низ, ки дар оғози давраи таҳлилӣ (соли 2014) 20%-ро ташкил медод, ба тағйирёбии ҷиддӣ дучор нашуда, дар соли 2022 ба 43,4% расида, дар охири соли 2023 37,2%-ро ташкил додааст. Таносуби фоидаи фоизӣ ба даромади умумӣ аз 40,6%-и соли 2014 ба 73,5% дар соли 2020 расида, дар ду соли минбаъда паст шудааст ва дар соли 2022 - 42,6% ва дар соли 2023 62%-ро ташкил додааст, ки нигаронкунанда мебошад.

Имрӯз зарурати таъмини устувории молиявии низоми бонкии мамлакат махсусан афзуда, таҳияи роҳҳои муассири баланд намудани он ҳам барои худи бонкҳо ва ҳам барои мақоми танзимкунанда – БМТ вазифаи аввалиндараҷа ва афзалиятнок ба ҳисоб меравад.

Тадбирҳои асосии бонкҳои тиҷоратӣ барои беҳтар кардани устувории молиявӣ, ба андешаи мо, инҳоянд:

1. Афзоиши сармоя. Сармояи бонки тиҷоратӣ аз воситаҳои худӣ (сармояи оинномавӣ, фоидаи тақсимнашуда, ҳар гуна фондҳо вазахираҳо) ва маблағҳои ҷалбгардида (амонатҳо, қарзҳои байнибонкӣ ва ғ.) иборат аст. Дар амалияи бонкӣ чунин усулҳои зиёд кардани сармоя вуҷуд доранд, ки метавонанд дар низоми бонкии миллӣ низ истифода шаванд:

- мусоидати давлат ба таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла тавассути ба даст овардани ҳиссаи сармояи бонк;

- сафарбар намудани воситаҳо тавассути механизми қарзҳои субординарӣ. Амали мазкур метавонад бо барориши қоғазҳои қиматноки дарозмуҳлат, кушодани ҳисобҳои пасандозии дарозмуҳлат ва пешниҳоди қарзҳои дарозмуҳлат роҳандозӣ карда шавад. Бо истифодаи оқилонаи ин усул метавон сармояи иловагии худии бонкҳои тиҷоратиро зиёд кард;

- ҷудо кардани фоида ба сармояи бонк. Ҳаҷми фоидаи ба ин мақсад тақсимшаванда аз самаранокӣ ва миқёси фаъолияти бонк вобаста аст. Ин усул бонкро водор мекунад, ки натиҷаҳои фаъолияти худро беҳтар кунад ва қисман аз бозор мустақил шавад. Дар баробари ин, бояд ба инобат гирифт, ки сармоякунонии фоида боиси кам шудани худи фоидаи бонк мегардад;

- ба иҷора додан ё фурӯши воситаҳои асосие, ки бо сабаби кам шудани миқёси фаъолияти бонк истифода намешаванд;

- ҷалб намудани сармоягузорон.

2. Ташаккули захираҳо. Ба хотири роҳ надодан ба ҳар гуна талафоти молиявии пешбининашаванда бонк бояд намудҳои гуногуни захираҳоро бунёд кунад. Тартиби ташаккул ва истифодаи захираҳои ҳатмиро БМТ муқаррар мекунад, ки онҳо дороиҳои дорои дараҷаи баланди бозоргирӣ мебошанд ва аз эътимоднокии бонк гувоҳӣ медиҳанд. Андозаи тарҳҳо аз фоидаи то андозбандишаванда ба ин захираҳо тибқи қонунгузории андоз муқаррар карда мешавад. Меъёри фондҳои захиравӣ аз ҷониби маҷлиси саҳомон муқаррар карда мешавад. Идоракунии босамари амалиёти фаъол ва ғайрифаъоли бонк имкон медиҳад, ки ҳаҷми захираҳо барои ҳимоят аз таъсири хавфҳо зиёд карда шавад. Ҳамин тариқ, дороиҳои захиравӣ манбаи таъмини устувории молиявии бонк мебошанд.

3. Татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳои нави бонкӣ, технологияҳои муосир, зиёд кардани ҳаҷми амалиёт, ҷорӣ намудани навовариҳо, истифодаи усулҳои пешрафтаи идоракунии дороиҳои ба мушкилот дучоргардида, риояи

қатъии меъёрҳои мақбули муқаррарнамудаи БМТ аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ. Иҷрои меъёрҳои мақбул кори босамари бонкро кафолат дода, устувории молиявии онро баланд мекунад, риоя нагардидани онҳо ба бад шудани вазъи молиявии бонк боис мешавад.

## 2.2. Мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ

Таъмини устувории низоми бонкӣ яке аз масъалаҳои афзалиятноки ноилгардии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суботи умумииқтисодӣ мебошад, зеро дар шароити муосири рушди иқтисодиёти миллӣ унсурҳои асосии низоми бонкӣ – бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо пешниҳоди қарзҳо ба соҳаҳои воқеии иқтисодиёт дар рушди истеҳсолот ва афзоиши маҳсулоти соҳаҳои появии саноат ва кишоварзӣ нақши муҳим мегузоранд.

Бинобар ин, таъмини суботи пайваста дар иқтисодиёти мамлакат пеш аз ҳама дар фаъолияти босуботи низоми бонкии мамлакат, тавассути ба даст овардани таносуби мусоиди даромадҳо ва хароҷоти буҷети давлатӣ, бозоргирии кифояи дороиҳо ва мавҷудияти захираҳои зарурии пулӣ, асъорӣ ва тилло ифода меёбад. Имрӯз низоми бонкӣ яке аз унсурҳои асосии низоми молиявии мамлакат мебошад, зеро маҳз бахши бонкӣ захираҳоро аз бахши молиявӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт интиқол дода, онҳоро дар байни соҳаҳои истеҳсолӣ ва хизматрасонӣ тақсим мекунад. Ҳамзамон низоми бонкӣ воситаҳои пулии озодро тавассути амалиёти амонат ва пасандоз ҷамъоварӣ карда, онҳоро ба захираҳои сармоягузорӣ табдил медиҳад, амалиёти хизматрасонии қарзи дохилию хориҷӣ ва буҷети давлатиро анҷом медиҳад.

Бухрони молиявии ҷаҳонии охирин боиси таъсиси як қатор ниҳодҳои ҷаҳонӣ барои таъмини суботи молиявӣ ва устувории низомҳои бонкӣ гардид, чун Шурои суботи молиявии «бистгонаи бузург» (G20), Фонди суботи молиявии Аврупо ва ғайра. Дар паёмади бухрони молиявӣ ба хотири паст кардани шиддати

таъсири манфии вазъи бухронӣ ба низоми бонкии миллӣ, коҳиш додани осебпазирии тамоми унсурҳои низоми молиявӣ, таъмини устувории молиявӣ дар ташкилотҳои молиявӣ (бонкҳо)-и низомсоз, муқаррар кардани талаботи иловагӣ барои ташкилотҳои қарзии дорои сатҳи баланди хавф, ҳамчунин ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар мамлакат корҳои зиёд анҷом дода шудааст. Аз ҷумла дар асоси тавсияҳои ХБА ва дар доираи татбиқи Барномаи маблағгузории сиёсати рушд бо дастгирии техникии Бонки Ҷаҳонӣ бо қарори Раёсати БМТ аз 1 марти соли 2016 Кумитаи суботи молиявӣ ҳамчун мақоми машваратӣ дар сохтори БМТ таъсис дода шуд, ки барои таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ вазифаҳои дахлдорро иҷро мекунад.

Тибқи Роҳнамои «Нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ»-и ХБА, низоми молиявӣ аз воҳидҳои ниҳодӣ (ташкилотҳои молиявӣ ва ғайримолиявӣ, хоҷагиҳо) ва бозорҳо (бозорҳои пулӣ, вомбаргҳо, молҳо, фишангҳои ҳосилавӣ, фишангҳои иштирок дар сармоя ва фишангҳои асъорӣ) ташкил меёбад, ки бо мақсади ҷалби маблағҳо барои сармоягузорӣ ва таъмини механизми маблағгузории фаъолияти тиҷоратӣ, аз ҷумла низомҳои пардохт бо ҳам алоқаманд мебошанд. Сиёсати макропруденсиалӣ бояд дар раванди татбиқ ва истифодаи ҳадафҳои фосилавӣ хавфи низоми молиявиро ба инобат гирифта, назорати макропруденсиалиро роҳандозӣ кунад.

Хавфи низом аз ду қисми асосӣ – даврӣ ва сохторӣ иборат мебошад. Қисми даврӣ тақсимоти хавфро дар давраҳои муайян ва қисми сохторӣ тақсимоти онро дар бахшҳои низоми молиявӣ нишон медиҳад. Ҳар як қисми зикршуда андешидани чораҳои хоси сиёсати макропруденсиалиро талаб мекунад. Қисми хавфҳои даврӣ тавассути фаъол намудани ҳоилҳо (буферҳо) ҳангоми тағйирёбиҳои даврӣ танзим шуда, хавфҳои сохторӣ дар асоси ҳиссагузории ниҳодҳои инфиродӣ нисбат ба хавфи низом муқаррар карда мешаванд. Дар низоми бонкӣ ҳамчунин хавфи таҷаммуъ ба миён меояд, ки он ҷамъшавии аз меъёр зиёди хавфи алоҳидаро дар миқёси муайяни низоми бонкӣ нишон медиҳад. Дар амалия шаклҳои зиёди хавфи таҷаммуъ, вобаста аз

нишондиҳандаҳои ба хавф дучоргардида ба чашм мерасанд, аз ҷумла аз рӯи қарзҳо, мавқеи асъорӣ, пасандозҳо, дороиҳо, пардохтпазирӣ, тақсимоти соҳавӣ ё минтақавии қарзҳо ва дигарҳо.

БМТ бо тавсияи ХБА ва дигар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ меъёрҳои мақбул ва тартиби ҳисоби онҳоро барои ташкилотҳои қарзӣ муқаррар карда, ҳангоми амалӣ намудани танзим ва назорат онҳоро истифода мебарад. Меъёрҳои мақбул асосан ба хотири бартараф намудани мушкилот ва таъмини устувории молиявии низоми бонкии мамлакат истифода мешаванд. Меъёрҳои асосии мақбул аз ҷумла инҳоро дар бар мегиранд:

- ҳадди ақали сармояи оинномавӣ барои ташкилотҳои қарзии навтаъсис (барои бонкҳо: аз 1 январи соли 2024 - ба маблағи 70 миллион сомонӣ, аз 1 январи соли 2025 - 80 миллион сомонӣ, аз 1 январи соли 2026 - 90 миллион сомонӣ ва аз 1 январи соли 2027 - 100 миллион сомонӣ; барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ: аз 1 январи соли 2024 - ба маблағи 45 миллион сомонӣ, аз 1 январи соли 2025 - 50 миллион сомонӣ, аз 1 январи соли 2026 - 55 миллион сомонӣ ва аз 1 январи соли 2027 - 60 миллион сомонӣ; барои ташкилотҳои амонатии қарзии хурд: аз 1 январи соли 2024 - ба маблағи 9 миллион сомонӣ, аз 1 январи соли 2025 - 10 миллион сомонӣ, аз 1 январи соли 2026 - 11 миллион сомонӣ ва аз 1 январи соли 2027 - 12 миллион сомонӣ);

- андозаи ниҳоии қисми ғайрипулии сармояи оинномавӣ (набояд аз 20%-и сармояи оинномавии ташаккулёфта зиёд бошад);

- андозаи ниҳоии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони ба ҳам алоқаманд (К3-1) (на зиёда аз 20%-и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ);

- андозаи ниҳоии хавф барои қарзҳои калон (К3-2) (на зиёда аз се маротибаи сармояи танзимшаванда);

- андозаи ниҳоии хавф барои шахсони вобаста (К4-1) (то 2%-и сармояи танзимшаванда);

- меъёри кифоятии сармоя (кифоятии сармоя (К1-1) – на кам аз 12%; сармояи танзимшаванда нисбат ба дороиҳои умумӣ (К1-2) – на кам аз 10%;

кифоятии сармояи асосӣ – сармояи соф нисбат ба дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (К1-3) – на кам аз 10%);

- меъёри пардохтпазирии ҷорӣ, яъне қобилияти ташкилоти қарзӣ ҷиҳати саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳои он дар назди пасандоздорон ва қарздиҳандагон (К2-1) – на кам аз 30% ва барои ташкилотҳои қарзии низомсоз – на кам аз 50%; барои ташкилотҳои қарзие, ки яке аз меъёрҳои мақбулро риоя намекунанд, - 50% ва барои чунин ташкилотҳои қарзии низомсоз – 70%);

- меъёри истифодаи маблағҳои худии ташкилотҳои қарзӣ барои харидани саҳмияҳои (ҳиссаҳои) шахсони ҳуқуқӣ - К-5 (на зиёда аз 10%-и сармояи танзимшаванда);

- ҳадди ниҳойии пасандозҳо ва амонатҳои ҷалбшаванда (барои ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои амонатии қарзии хурд) - К7 (то 3 маротибаи сармояи танзимшаванда).

Ҳамин тариқ, идоракунии хавфҳо ва роҳандозӣ намудани назорати қатъии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла дар доираи сиёсати макропруденсиалӣ заминаҳои муҳимтарин барои таъмини субот ва устувории молиявии низоми бонкӣ дар шароити паёмадҳои бuҳрони молиявӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ маҳсуб меёбанд.

БМТ мунтазам иҷрои сиёсати макропруденсиалиро назорат карда, ба хотири расидан ба мақсади асосии он, яъне мусоидат кардан дар нигоҳдошти устувории низоми бонкии мамлакат ҳадафҳои фосилавиро ба кор мебарад, ки онҳо самаранокии сиёсати макропруденсиалӣ ва асоснокии иқтисодии интихоби фишангҳоро бо роҳи механизми таъсирпазирии онҳо таъмин менамоянд. Вобаста ба ҳадафҳои фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ аз ҷумла чунин фишангҳо метавонанд ба кор бурда шаванд:

- коҳиш додан ва пешгирии афзоиши дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда ва ҳолати ғайри қобили пардохт будан (меъёри ҳоили сармоявӣ, меъёри қарзҳои ҷалбшуда нисбат ба сармоя (леверич), меъёри қарз нисбат ба

гарав - ҚНГ, меъёри қарз нисбат ба даромад - ҚНД, тасҳеҳот оид ба ташкили фонди пӯшонидани талафоти имконпазир барои қарзҳои асъорӣ);

- маҳдуд кардани роҳҳои мустақим ва ғайримустақими дучоршавии ҳолатҳои таҷаммуъ (маҳдуд намудани қарздиҳӣ ба соҳаҳои алоҳида, маҳдуд намудани маблағи қарз ба мизоҷони алоҳида);

- густариши шаффофият ва эътимоднокӣ дар низоми бонкӣ (рушди иттилоотдиҳӣ).

Фишангҳои макропруденсиалӣ ба ин ё он ҳадафи фосилавӣ вобастагии мустақим надошта, метавонанд дар ноил гаштани якчанд ҳадафҳои фосилавии сиёсати макропруденсиалӣ ҳамзамон истифода шаванд. Фишангҳои асосии макропруденсиалиро ба таври мухтасар тавсиф мекунем.

Ҳоили сармоявии контрсиклӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ танзим гардида, вобаста ба тағйирёбии хавфи низом метавонад кам ё зиёд карда шавад. Маҳаки асосӣ барои муайян намудани меъёри ҳоили сармоявии контрсиклӣ ин нишондиҳандаи қарз нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) мебошад. Дар баробари ин, дигар нишондиҳандаҳои вобаста низ мавҷуданд, аз қабили афзоиши ҳаҷми умумии маблағгузориҳо, рушди қарзҳои бонкӣ, нархи амволи ғайриманқул, ки вобаста ба хусусиятҳои хоси иқтисодиёт метавонанд истифода шаванд.

Меъёри қарзҳои ҷалбшуда нисбат ба сармоя (леверич) ҳамчун фишанги иловагӣ дар татбиқи сиёсати макропруденсиалӣ истифода гардида, меъёри таносуби маблағи қарзҳои ҷалбшудаи бонкро ба сармояи он нишон медиҳад. Мақсади корбурди он коҳиши ҷалби аз ҳад зиёди маблағҳои қарзӣ ва зиёд намудани даромаднокӣ нисбат ба сармоя мебошад.

Меъёри талаботии ҚНГ ҳадди аксари нишондиҳандаро аз рӯи маблағи қарз нисбат ба нархи бозории гарав ва меъёри ҚНД - ҳадди аксари нишондиҳандаро аз рӯи маблағи пардохти қарз нисбат ба даромади имконпазири қарзгир нишон медиҳад. Мақсади асосии фишангҳои мазкур таҳким бахшидан ба раванди маблағгузориҳо ва устувории ташкилотҳои қарзӣ мебошад. Меъёри қатъии ҚНГ

вусъатёбии чараёни маблағгузориро коҳиш дода, устувории низоми бонкиро таъмин мекунад. Қатъияти ҚНГ ва меъёри пасти ҚНД зарарҳои эҳтимолиро бартараф намуда, ҳолати муфлисшавии ташкилотҳои қарзиро коҳиш медиҳанд.

Тартиби ташкил ва истифодаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир (ФПТИ) тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ба танзим даровarда мешавад. Фонди мазкур аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба хотири пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи қарзҳо, бо роҳи муайян намудани хавфҳои қарзӣ ва таснифи онҳо аз рӯи сифат ва муҳлати баргардонидан ташаккул дода мешавад. Ташкили ФПТИ барои дар сармояи ташкилоти қарзӣ инъикос намудани талафот аз рӯи таснифи дороиҳо зарур мебошад. Бинобар ин, ҷиҳати ташкили фонди махсус барои қарзҳои ғайрифаъол (ғайриқолабӣ ва шубҳанок) бо асъори хориҷӣ, ҳамчун қарзҳои беэътимод, ба андозаи муайян талабот ҷорӣ карда мешавад. Талаботи мазкур тақозо менамояд, ки барои қарзҳои ғайрифаъол бо асъори хориҷӣ иловатан ва ё ба пуррагӣ захираҳо ташаккул дода шаванд. Фишанги мазкур пеш аз ҳама барои коҳиш додани хавфҳои асъорӣ ва қарзӣ дар ташкилотҳои қарзӣ истифода шуда, ба паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт ва низоми молиявӣ мусоидат менамояд.

Меъёри ҳоили пардохтпазирӣ талаб мекунад, ки ҳаҷми дороиҳои пардохтпазир бояд фарқи байни содиршавӣ ва воридшавии дороиҳоро дар ҳолатҳои ногувор пӯшонад. Аз ин лиҳоз, ҳангоми зиёд гардидани фишорҳо ва таъсири омилҳои буҳронӣ бояд ҳаҷми кифояи ҳоили пардохтпазирӣ ба муҳлати 30 рӯз нигоҳ дошта шавад.

Меъёри пардохтпазирӣ бо асъори хориҷӣ фишангест, ки таносуби дороиҳои пардохтпазирро бо асъори хориҷӣ ба уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат бо асъори хориҷӣ ифода мекунад. Мақсади корбурди ин фишанг ташкил намудани ҳоили пардохтпазирӣ барои пӯшонидани уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат бо асъори хориҷӣ мебошад. Бинобар зиёд будани ҳиссаи қарзҳо ва пасандозҳои низоми бонкӣ бо асъори хориҷӣ, дар ҳолатҳои буҳронӣ ва фишорҳои қурбӣ хавфҳои

асъорӣ дар низом зиёд гардида, ҷиҳати қонеъ намудани талабот аз рӯи уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ захираҳои ҳоилӣ лозим меояд.

Меъёри қарзҳо нисбат ба пасандозҳо талаботи ҳадди аксарро барои тағйирёбии ҳаҷми қарзҳо нисбат ба ҳаҷми пасандозҳо муайян месозад. Мақсади асосии истифодаи он муътадил нигоҳ доштани суръати афзоиши қарзҳо нисбат ба пасандозҳо ва паст кардани хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ мебошад. Бо зиёд шудани ҳаҷми қарзҳо нисбат ба пасандозҳо хавфи пардохтпазирӣ низ пайдо шуда, дар ташкилотҳои қарзӣ мушкилоти иҷро нагардидани уҳдадориҳоро ба миён меорад. Дар ҳолати иҷро нагардидани ин талабот ташкилотҳои қарзӣ бояд захираҳои баланди ҳоилиро барои таъмини пардохтпазирӣ ташкил кунанд ва онҳоро нигоҳ доранд.

Маҳдудият доир ба мавқеи асъории кушода дар мавқеи кушодаи асъорӣ (фарқи бақияи дороиҳо ва уҳдадориҳо) бо асъори алоҳидаи хориҷӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда ҷорӣ карда мешавад. Мақсади асосии истифодаи ин фишанг самаранок ба роҳ мондани амалиёти асъорӣ аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш додани хавфҳои асъорӣ дар низоми бонкӣ, кам кардани вобастагӣ аз асъорҳои алоҳида ва паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт мебошад.

Меъёри захираҳои ҳатмӣ барои уҳдадориҳо бо асъори хориҷӣ фишанги танзимкунандае мебошад, ки аз ташкилотҳои қарзӣ нигоҳ доштани фоизи муайяни пасандозҳо (уҳдадориҳо)-ро дар БМТ ҳамчун захираҳои пардохтпазир талаб менамояд. Мақсади асосии истифодаи он идоракунии ҷараёни қарздиҳӣ ва паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт мебошад. Баланд бардоштани меъёри мазкур ба болоравии фоизи қарзҳо оварда, ҳаҷми қарздиҳиро дар иқтисодиёт коҳиш медиҳад ва паст намудани он то андозае маҳдудияти пардохтпазириро бартараф сохта, ҳамчун ҳоили пардохтпазирӣ амал мекунад. Ба хотири паст кардани сатҳи долларикунонӣ меъёри захираҳои ҳатмӣ дар раванди амалисозии сиёсати макропруденсиалӣ метавонад барои пасандозҳо

аз рӯи шакли асъор, мухлатнокии пасандозҳо ва ё аз рӯи дигар уҳдадориҳо (ба монанди амонатҳои пулӣ ва қарзҳои ҷалбшуда) татбиқ карда шавад.

Меъёри маҳдуд кардани қарздиҳӣ бо асъори хориҷӣ ҷорӣ намудани маҳдудиятро дар ҳадди ниҳоии ҳаҷми қарзҳои бо асъори хориҷӣ пешниҳодшаванда (махсусан қарзҳои кӯтоҳмуҳлат) нишон медиҳад. Дар баробари ин, маҳдудият аз рӯи қарздиҳӣ ба қарзгирони суғурта (ҳеҷикунӣ) нашуда низ, ҳамчун фишанги иловагӣ метавонад ҷорӣ карда шавад. Мақсади асосии истифодаи меъёрҳои мазкур коҳиш додани хавфҳои асъорӣ, қарзӣ ва паст намудани сатҳи долларикунонӣ дар иқтисодиёт мебошад. Татбиқ гардидани ин фишангҳо вобастагӣ аз асъори хориҷиро кам намуда, ба коҳиш ёфтани ҳаҷми қарзҳои таснифшуда, ҷалби пасандозҳо бо асъори хориҷӣ ва баландбардории эътимоди аҳолӣ ба пули миллӣ мусоидат мекунад.

Ҳангоми дар сатҳи қаноатбахш аз ҷониби меъёрҳои макропруденсиалӣ анҷом наёфтани чораҳо ҷиҳати пешгирии хавфи низом меъёрҳои маҳдуд намудани қарздиҳӣ ба соҳаҳои алоҳида истифода мешаванд. Меъёрҳои мазкур бештар барои соҳаҳои махсус ва гурӯҳи хоси дороиҳо муқаррар шуда, доираи маҳдудиятро дар онҳо муайян мекунанд. Аз ҷумлаи чунин меъёрҳои соҳавӣ ин меъёри қарзи бахшҳои алоҳида (ба монанди давлатӣ, сохтмон, тиҷорат ва ғ.) нисбат ба сандуқи қарзӣ, ҚНГ ва меъёри ҚНД мебошанд. Истифодаи меъёрҳои соҳавӣ сабаби болоравии хароҷот дар бахшҳо гашта, рушди қарзҳоро дар соҳаҳои ҳадафгирифта коҳиш медиҳанд ва илова бар ин, бонкҳо худро аз дучоршавии хавфи таҷаммуъ дар ин бахшҳо эмин нигоҳ медоранд.

Фишанги маҳдуд намудани маблағи қарз ба мизоҷони алоҳида ҷорӣ намудани маҳдудият дар пешниҳоди қарз ба як шахс ё гурӯҳи шахсони вобаста мебошад, ки барои коҳиши хавфи таҷаммуъ равона гардида, имконияти паҳншавии онро дар низом пешгирӣ менамояд. Истифодаи ин меъёр ҳассосияти ташкилотҳои қарзиро нисбат ба зарбаҳо ва таъсири фишорҳои берунӣ кам мегардонад. Ба таркиби талаботи ташкилоти қарзӣ нисбат ба қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони вобаста, қарзҳои муҳлаташон гузашта низ дохил карда мешаванд.

Ҷиҳати водор намудани ташкилотҳои қарзӣ барои пайваста ва муфассал анҷом додани интишорот оид ба вазъи молиявии худ, навоварӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо, хавфҳои мавҷуда ва нақшаҳои стратегии минбаъда (рушди иттилоотдиҳӣ) эҳтиёҷ мавҷуд аст. Ин амал ҳамчун чораи иловагӣ дар самти баланд бардоштани дараҷаи саводнокии молиявӣ ва эътимоди мардум нисбат ба низоми бонкӣ ба шумор рафта, боиси вусъат ёфтани масъулиятшиносӣ дар раванди идоракунӣ, рақобати солим ва шаффофият дар бахши фаъолияти бонкӣ ва устувории молиявии мамлакат мегардад.

Дар ҳолати зарурӣ шумораи фишангҳои макропруденсиалӣ ва ҳадафҳои фосилавӣ метавонанд зиёд карда шаванд. Фишангҳои макропруденсиалӣ дар асоси натиҷабахш ва босамар будани онҳо бар зидди хавфҳои даврӣ ва сохтории низоми молиявӣ интихоб карда мешаванд. Сиёсати макропруденсиалӣ танҳо барои паст намудани эҳтимолияти ба вуҷуд омадани буҳронҳои оянда равона гардида, масъулияти пурра аз байн бурдани онҳоро ба зимма надорад.

БМТ мунтазам мониторинги хавфҳои низомро анҷом дода, натиҷаҳои онро дар ҳисоботҳои даврӣ (семоҳа ва солона) оид ба вазъи молиявӣ дарҷ менамояд. Ҳисоботи семоҳа оид ба мониторинги вазъи молиявӣ барои гузаронидани таҳлили хавфҳои ба низоми молиявӣ таъсиркунанда, арзёбии таъсири пешомади онҳо дар давраи минбаъда ва ҳамоҳангии мақомоти танзимгари бахшҳои молиявӣ дар ҳалли масъалаҳои бартарафсозии таъсири буҳронҳои иқтисодию молиявӣ, бо назардошти тавсияҳо таҳия мегардад. Ҳисоботи мазкур дохилӣ буда, сирри бонкӣ ба ҳисоб меравад ва баъд аз таҳия гардидан барои баррасӣ ба кумитаи суботи молиявии БМТ пешниҳод мегардад. Вобаста ба ин, кумитаи суботи молиявӣ ҷиҳати истифодаи фишангҳои макропруденсиалӣ ва коҳиши хавфҳои низом хулосаҳои дахлдор қабул намуда, ба баррасии Раёсати БМТ таклифҳои машваратӣ пешниҳод менамояд. Қарорҳои ниҳоӣ оид ба амалӣ гардидани чораҳои сиёсати макропруденсиалӣ аз ҷониби Раёсати БМТ қабул карда мешаванд.

Дар баробари ин, барои арзёбии таъсири эҳтимолии хавфҳои низом тартиби муайянкунии бонкҳои низомсоз пайваста баррасӣ гардида, такмил дода мешавад. Инчунин, ҳамасола аз рӯи нишондиҳандаҳои асосии суботи молиявӣ фишорсанҷиш (аз боло ба поён) гузаронида шуда, бо истифода аз фишангҳои макропруденсиалӣ вазъи хавфҳо дар низом мунтазам таҳти назорат қарор дода мешавад.

Ба хотири ноил гаштан ба ҳадафҳои фосилавӣ, дар раванди таҳлилҳо нишондиҳандаҳои зерин метавонанд ба кор бурда шаванд: рушди ҳақиқии ММД; сатҳи бекорӣ; дороиҳо нисбат ба ММД; қарзҳо нисбат ба ММД; ҳиссаи дороиҳои ғайрифаъол дар маҷмуи умумии дороиҳо; меъёри кифоятии сармоя; меъёри пардохтпазирӣ; меъёри қарз нисбат ба пасандоз; даромаднокии сармоя; даромаднокии дороиҳо; меъёри фоизи бонкӣ; фишанг (левериҷ)-и молиявӣ; осебпазирӣ ҳангоми паҳншавии хавф; намояи Серфиндал-Сиршман аз рӯи дороиҳо, қарзҳо, пасандозҳо. Рӯйхати нишондиҳандаҳо дар баробари вусъат ёфтан ва татбиқ гардидани фишангҳои макропруденсиалӣ вобаста ба афзоиши таъсири хавфҳо метавонад зиёд гардад.

Тибқи маълумоти таҳлилии пешниҳоднамудаи БМТ, ки асосан дар нашрияҳои он – бюллетенҳои омори бонкӣ оварда мешаванд, мушоҳида мешавад, ки дар солҳои охир ҳамаи нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии низоми бонкии мамлакат ва унсурҳои алоҳидаи он, аз ҷумла бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои амонатии қарзии хурд умуман дар вазъи муътадил қарор доранд. Хулосаҳои таҳлилии пешкашнамудаи БМТ гувоҳи онанд, ки тамоми меъёрҳои мақбул, ки барои арзёбии устувории низоми бонкӣ ва бонкҳои алоҳида ба кор бурда мешаванд, дар доираи муносиб, ҳатто нисбатан баланд аз бузургиҳои тавсияшаванда қарор доранд. Барои исботи ин аз интишороти охирини БМТ иқтибос меорем.

Ҳамин тариқ, тавре маълумоти БМТ тасдиқ мекунад [158], дар семоҳаи чоруми соли 2023 бо назардошти фазои муътадили макроиқтисодӣ, нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкӣ дар маҷмуъ

тамоюли муътадил дошта, ба талаботи мақбул ҷавобгӯ мебошанд ва мо ин ҳолатро барои солҳои охир дар параграфи пешини таҳқиқот низ тасдиқ кардем.

Аз ҷумла дар ҷамъбасти семоҳаи охири соли 2023 яке аз нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи устувории молиявии низоми бонкӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (аз ҷумла ХБА) ҳамчун меъёри мақбул пешниҳод гардидааст, - кифоятии сармоя (К1-1), бузургии 21,3%-ро қабул кардааст, ки ин нисбат ба қимати ҳамчун тавсиявӣ (ҳадди ақал) муқарраршуда (12%) ба андозаи 9,3 банди фоизӣ зиёд аст. Меъёри К1-3 (кифоятии сармояи асосӣ), ки бузургии тавсиявии он на кам аз 10% муқаррар шудааст, қимати 17,1% гирифтааст (7,1 банди фоизӣ зиёд). То ин дараҷа баланд будани нишондиҳандаҳои меъёри кифоятии сармоя бояд ба кам шудани талафоти молиявии эҳтимолӣ ва таъмини фаъолияти бемамониат ва устувории молиявии низоми бонкӣ мусоидат кунад.

Нишондиҳандаи меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К2-1), яъне қобилияти низоми бонкӣ ҷиҳати саривақт иҷро гардидани уҳдадориҳо дар назди пасандоздорон ва қарздиҳандагон, ки қимати мақбули он ҳамчун 30% муқаррар шудааст, дар семоҳаи охири соли 2023 бузургии 81%-ро ташкил додааст (ба андозаи 51 банди фоизӣ зиёд). Дар ҳамин давра нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ низ қимати муътадил доранд: даромаднокии дороиҳо – 3,7% ва даромаднокии сармоя – 19,2% (ҷадвали 2.2.1).

**Ҷадвали 2.2.1. – Нишондиҳандаҳои асосии устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2023**

| Нишондиҳанда | март 2023 | июн 2023 | сентябр 2023 | декабр 2023 | Меъёри тавсиявӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| Кифоятии сармоя (К1-1) | 25,9% | 24,4% | 23,1% | 21,3% | ≥ 12% |
| Кифоятии сармояи асосӣ (К1-3) | 18,7% | 19,9% | 18,4% | 19,1% | ≥ 10% |
| Пардохтпазирии ҷорӣ (К2-1) | 88,4% | 84,5% | 85,3% | 81,0% | ≥ 30% |
| Даромаднокии дороиҳо (ROA) | 4,4% | 5,9% | 5,2% | 3,7% | >5% |
| Даромаднокии сармоя (ROE) | 22,3% | 29,9% | 26,3% | 19,2% | >10% |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [87]**

Вале тавре таҳқиқот ва мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, бо вуҷуди қиматҳои муътадили нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ (мутобиқ ё наздик ба меъёри тавсиявӣ), мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ ва унсурҳои алоҳидаи он дар мамлакат зиёд мебошанд.

Албатта, БМТ ба хотири вонамуд кардани риояи меъёрҳои муқаррарнамудаи ХБА ва дигар ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, ки ҳамчун сарпараст ва таъминкунандаи ҳиссаи зиёди захираҳои молиявӣ барои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд, метавонад методикаҳои аз нигоҳи худ мақбулеро ҳангоми арзёбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии бахши бонкӣ ба кор барад, ки гирифтани чунин натиҷаҳои муносибро имконпазир мегардонанд. Бинобар ин, ба маълумоти интишорнамудаи БМТ оид ба вазъ ва таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ қаноатманд нашуда, бояд дар асоси мушкилоти воқеии дар низоми мазкур мавҷудбуда устувории молиявии низоми бонкиро дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таҳқиқ ва арзёбӣ кард. Бесабаб нест, ки шумораи ташкилотҳои қарзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол коҳиш меёбад (ҷадвали 2.2.2).

**Ҷадвали 2.2.2. – Шумораи ташкилотҳои қарзии амалкунанда дар солҳои 2014-2023**, ба ҳолати охири сол

| Унсурҳои низоми бонкӣ | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Бонкҳои анъанавӣ | 17 | 17 | 18 | 17 | 17 | 16 | 18 | 13 | 14 | 14 |
| Бонкҳои исломӣ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Филиалҳои бонкҳои хориҷӣ | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 | 1 |
| Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ | 1 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 | 1 | 1 |
| Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд | 42 | 39 | 38 | 27 | 25 | 22 | 18 | 18 | 19 | 19 |
| Ташкилотҳои қарзии хурд | 42 | 31 | 14 | 7 | 6 | 6 | 5 | 4 | 3 | 3 |
| Фондҳои қарзии хурд | 36 | 36 | 34 | 33 | 31 | 30 | 27 | 27 | 26 | 25 |
| **Ҳамагӣ** | **139** | **124** | **105** | **85** | **80** | **76** | **70** | **64** | **65** | **64** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [20, с. 74; 21, с. 80; 22, с. 78; 23, с. 18; 24, с.19; 25, с. 19]**

Тавре маълумоти ҷадвали 2.2.2 гувоҳӣ медиҳанд, дар охири соли 2014 шумораи ташкилотҳои қарзии молиявӣ (унсурҳои низоми бонкӣ) дар мамлакат 139 адад буд, ки ин шумора дар соли 2023 ба 64 адад расидааст (75 адад кам шудааст). Аз ҷумла шумораи бонкҳо, ки дар охири соли 2017 17 ададро ташкил медод, дар охири соли 2023 ба 15 адад (14 бонкҳои анъанавӣ ва 1 бонки исломӣ) расидааст (камшавӣ – 2 адад). Шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд аз 120 адад дар соли 2014 то ба 47 адад дар соли 2023 расидааст (73 адад кам шудааст). Танҳо дар солҳои аввали саршавии мушкилот дар низоми бонкӣ (2015-2016) шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба миқдори 34 адад кам шудааст. Ин камшавӣ дар соли 2020 чанде ба эътидол омада, дар охири соли мазкур шумораи ташкилотҳои маблағгузории хурд ба 50 адад расида, дар охири соли 2021 – 49 адад, соли 2022 – 48 адад ва дар соли 2023 – 47 ададро ташкил додааст.

Аксари бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, ки дар давраи баррасишаванда аз ҳайати низоми бонкии мамлакат хориҷ шудаанд, фаъолияти худро асосан бо сабаби муфлисшавӣ ва бозхонди иҷозатнома барои пешбурди фаъолият аз ҷониби БМТ қатъ намудаанд. Сабаби асосии муфлисшавии ташкилотҳои қарзии молиявӣ пеш аз ҳама мушкилоти бо нарасидани захираҳои молиявӣ алоқаманд, ки дар паёмади бӯҳрони молиявӣ ба миён омада буданд, мебошад. Сабабҳои аз ҷониби танзимгари низоми бонкӣ – БМТ бозхонд шудани иҷозатномаҳои ташкилотҳои қарзии молиявӣ пеш аз ҳама вайрон кардани интизоми бонкӣ ва риоя нагардидани меъёрҳои ҳатмии муқарраршуда, роҳандозӣ намудани сиёсати пурхавфи қарзӣ, риоя нашудани талаботи қонунгузории феъль дар самти қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастовардашуда ва маблағгузории терроризм мебошад.

Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки дар солҳои 2014-2017 дар низоми бонкии мамлакат тадбирҳои зиёде ҷиҳати беҳгардонии вазъи он роҳандозӣ шудаанд ва дар натиҷа пурзӯршавии назорат аз ҷониби БМТ ва татбиқи сиёсати солимгардонӣ ва барқарорсозии бахши бонкӣ, ҳолатҳои «тоза кардан» аз «бонкҳои беинтизом» ба амал омадаанд. Қобили зикр аст, ки сиёсати

солимгардонӣ ва барқарорсозии молиявӣ як қадами муҳим дар таъмини фаъолияти муътадил ва устувории молиявии тамоми низоми бонкии мамлакат мебошад.

Имрӯз бештари бонкҳо дар раванди ҷустуҷӯи тарзҳои таъмини устувории фаъолияти худ воситаҳои нави идоракуниро амалӣ месозанд. Доираи амалиёт ва хизматрасониҳое, ки имрӯз бонки мушаххас ба мизоҷон пешниҳод мекунад, аз хусусиятҳои фаъолияти он, самтнокии стратегия ва сатҳи рушди он вобаста аст, бинобар ин, «сатҳи автоматикунонӣ, хизматрасонӣ, технологияҳои истифодашаванда бештар имконияти пешниҳод намудани ин ё он хизматрасониро муайян мекунанд» [61, с. 154].

Масъалаи арзёбии устувории молиявӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ на танҳо барои бонкҳои тиҷоратӣ ва мизоҷони онҳо, инчунин барои ниҳоди танзимкунанда – БМТ мубрам аст, зеро яке аз ҳадафҳои асосии фаъолияти он рушди бахши бонкӣ буда, ноил гардидан ба он бидуни таъмини устувории низоми бонкӣ душвор ва ҳатто ғайриимкон аст. Таҳлилҳои анҷомдодаи мо гувоҳӣ медиҳанд, ки БМТ асосан ҳисобкунӣ, таҳлил ва истифодаи меъёрҳои мақбул ва дигар нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи устувории молиявии ташкилотҳои қарзиро ба хотири расмиётпарастӣ анҷом медиҳад, ки натиҷаҳои онҳо бозгӯи ҳолати воқеии рушди низоми бонкии мамлакат нестанд.

Дар марҳилаи татбиқи принсипҳои байналмилалии назоратии Кумитаи Базел мушкилоти устувории бонкҳо аҳамияти махсус пайдо кардааст. Имрӯз барои бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар паёмади буҳрони молиявӣ пойгоҳи захираҳои молиявиашон коҳиш ёфтааст, вазифаи ҷустуҷӯ ва дарёфти воситаҳое мубрам аст, ки амалисозии тадбирҳои зиддибуҳронии ба бартараф кардани норасоии захираҳо ва беҳгардонии нишондиҳандаҳои устувории молиявии фаъолияти худ равонашавандаро пешбинӣ менамоянд.

Қобили зикр аст, ки барқарорсозӣ ва нигоҳдории устувории молиявӣ, бартараф кардани сабабҳои норасоии захираҳои молиявӣ имкон медиҳад, ки

рақобатпазирии бонкҳои тиҷоратии алоҳида ҳамчун унсурҳои асосии низоми бонкӣ баланд бардошта шавад. Вале ин масъалаи бағоят душвор аст ва барои ҳалли он дар шароити имрӯза дар мамлакат якчанд омилҳои номатлуб монеа мешаванд, аз ҷумла:

- пайваста паст шудани обрӯи бонкҳои тиҷоратӣ дар назди мизоҷон, пеш аз ҳама аҳолӣ, ки аз оғози бухрони молиявӣ то имрӯз идома дорад;

- номукаммал будани низоми идоракунии кормандон, ҷалби мутахассисон ва интихоби роҳбарият, мавҷуд будани ҳолатҳои зиёди тавассути шиносбозӣ ва хешутаборӣ ба кор қабул кардан дар ташкилотҳои қарзӣ;

- аз ҷониби мизоҷон ба бонк ва ҳамчунин аз ҷониби бонкҳои тиҷоратӣ ба мизоҷон пешниҳод шудани иттилооти бардурӯғ;

- напардохтани қарзҳои додашудаи бонкҳои тиҷоратӣ, мушкилоти ҳуқуқии масъалаи талаб кардани қарзҳо, мураккаб будани расмиёти ин раванд;

- арзёбии номукаммали хавфҳои қарзӣ;

- набудани маълумоти ботартиб ва бонизом оид ба қарзгирандагони беви҆ҷдон дар пойгоҳҳои иттилоотии бонкҳои тиҷоратӣ, додугирифти саммарбахши чунин иттилоот дар байни бонкҳои тиҷоратӣ.

Ҳамаи ҳолатҳои таҳқиқ ва баррасишударо ба инобат гирифта, ба чунин хулоса меоем, ки дар паёмади бухрони молиявии ҷаҳонӣ ва коҳиши самаранокии бонкҳо дар миқёси ҷаҳонӣ ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ танҳо аз ҳисоби табдили сифати менеҷмент ва интихоби дурусти маҳакҳои арзёбии самаранокии фаъолияти унсурҳои низоми бонкӣ ва устувории молиявии онҳо таъсири мусбат расонидан мумкин аст. Менеҷменти бонкӣ, ки низоми мураккаби идоракунӣ аст, воқеан тамоми равандҳо ва муносибатҳои дар доираи амали низоми бонкӣ ва бонкҳои тиҷоратии алоҳида мавҷудбударо фаро мегирад ва ба муносибатҳои байниҳамдигарӣ бо БМТ, мизоҷон, пасандоздорон, қарздиҳандагон, технологияҳои нави идоракунӣ ва иттилоотӣ, ҷараёнҳои молиявию иттилоотӣ ва муҳим аз ҳама, - ҳайати кормандони ташкилотҳои қарзӣ таъсир мерасонад. Бинобар ин, асоси самаранокии менеҷменти бонкӣ назорати пайваста ва

бонизом, мутаносиб ва устувори тамоми унсурҳои низоми бонкӣ, ки иқтидори захиравии ташкилоти қарзиро ташаккул медиҳанд ва рушди минбаъдаи онро муайян мекунанд, мебошад. Воситаҳо ва усулҳои менҷменти бонкӣ таҷдиди худро вобаста ба баҳисобгирии шароити тағйирёбандаи фаъолият бо таъсири паёмадҳои бухронӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ талаб мекунанд.

Дар шароити вусъати технологияҳои нави иттилоотӣ дар менеҷменти бонкӣ арзёбии воқеъбинонаи устувории молиявии бонкҳои таҷоратӣ ва вазъи молиявии воқеии онҳо зарур аст, ки ин метавонад танҳо дар асоси таҳлили молиявии ҳамаҷониба амалӣ гардад. Таъхир дар амалисозии равишҳои нави арзёбии устувории молиявӣ дар асоси принсипҳои Базел ва идоракунии самараноки хавфҳо метавонад вазъи душвори низоми бонкиро боз ҳам амиқтар кунад.

## 2.3. Арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ

Имрӯз, дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ таҳлил ва арзёбии устувории молиявии онҳо аҳамияти муҳим пайдо кардааст, зеро мушкилоти ташаккули пойгоҳи захиравӣ барои густариш додани амалиёти фаъоли бонк монеа ба миён оварда, ба фаъолияти даромадоранда ва устувории фаъолияти он таҳдид мекунад. Ба ин хотир, ҳам худи бонкҳо ва мизоҷони онҳо, ҳам БМТ ҳамчун танзимкунандаи фаъолияти бонкӣ ба устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ таваҷҷуҳ доранд. Аксари бонкҳо ҳоло шуъбаҳои махсусеро таъсис додаанд, ки ба таҳлил ва таҳқиқи хавфҳо машғуланд, аммо ҳангоми кори онҳо баъзе нуктаҳо нодида гирифта мешаванд. Аз ин рӯ, барои аз ҷиҳати молиявӣ муътадил гардонидани фаъолияти бонки тиҷоратӣ, баланд бардоштани устувории молиявӣ ва суботи тамоми самтҳои фаъолияти он коркард ва истифодаи тарзҳои самараноки таҳлил ва арзёбии устувории молиявӣ бо истифодаи равиши маҷмуӣ зарур аст. Зеро ҳар як соҳаи фаъолият, агар хавфҳо

ба таври кофӣ ба инобат гирифта нашаванд, метавонад боиси номутавозунӣ гардад ва на танҳо ба самаранокии ҳар як чунин соҳа, балки ба суботи умумии иқтисодии ташкилоти қарзӣ таъсири манфӣ расонад. Аз ин рӯ, бонк вазифадор аст, ки на танҳо ҳолати устувориро дар маҷмуъ, балки ҳар як ҷанбаи фаъолияти худро низ назорат кунад» [8, с. 16].

Ҳангоми таҳлил ва арзёбии устувории молиявӣ, пеш аз ҳама бояд дарк кард, ки ҳар як бонки тиҷоратӣ як сохтори мураккаби молиявию иқтисодӣ мебошад. Вобаста ба ин, таҳияи ҳама гуна амсила ё методикаҳои таҳлил бояд ҳангоми омӯзиши тамоми равандҳои фаъолияти бонки тиҷоратӣ, инчунин омӯзиши объектҳои идоракунӣ сурат гирад. Ин тадбирҳо бояд ба ҳалли баъзе мушкилоте, ки дар назди бонки тиҷоратӣ ва худи муҳаққиқ-таҳлилгар истодаанд, ёрӣ расонанд. Умуман, тадбирҳои мазкур имкон медиҳанд, ки тамоми воҳидҳои сохтории бонк вазифаҳои худро оқилона ва ҳадафмандона иҷро кунанд ва барои қабули қарорҳои идоракунии самарабахш дар бонки тиҷоратӣ замина муҳайё созанд.

Бояд қайд кард, ки имрӯз маҷмуи зиёди методикаҳои хориҷии таҳлили вазъ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мавҷуд аст. Аксари онҳо истифодаи усулҳои амсилазоии риёзиро дар бар мегиранд. Вале бояд дарк кард, ки то ҳол дар амалияи ҷаҳонии таҳлили устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ усули ягона ва умумии таҳлил ва арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ коркард нашудааст, ҳар як усули таҳлил дар вазъияти мушаххас барои корбурд беназир аст. Ҳангоми интихоби методикаи мушаххас барои таҳлили молиявии бонки тиҷоратӣ бояд хусусиятҳои хоси фаъолияти бонки тиҷоратӣ, вазифа ва ҳадафҳои дар назди он гузошташуда ба инобат гирифта шаванд. Илова бар ин, бояд дарк кард, ки тарзҳо ва усулҳои дар амалияи хориҷӣ истифодашавандаи таҳлили молиявии фаъолияти бонки тиҷоратӣ аксаран бо воқеияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ набуда, инчунин камсамар мебошанд. Ин зиддиятҳо аз хусусиятҳои тамоман гуногуни фаъолияти бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд. Қайд мекунем, ки дар мамлакат барои анҷом додани

таҳлили устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби мутахассисони дохилӣ ягон хел методика ё амсилае таҳия нашудааст. Дар амалия асосан меъёрҳо ва тавсияҳои таҳия ва муқаррарнамудаи БМТ ба кор бурда мешаванд. Маҳз ба ҳамин хотир, имрӯз таҳқиқи масъалаи баррасишаванда, таҳия ва татбиқи тарзҳои самарабахши таҳлили молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, ки ба як қатор талаботи танзим ва назорати низоми бонкӣ ҷавобгӯ бошанд ва ба ҳалли масъалаҳои гузошташуда мусоидат кунанд, хеле муҳим аст.

Нишондиҳандаҳои дохилии бонки тиҷоратӣ, ки сатҳи самаранокии фаъолияти онро ифода мекунанд, асосан аз маҳакҳое бармеоянд, ки БМТ онҳоро дар асоси тавсияҳои ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ, аз ҷумла ХБА муқаррар кардааст ва бо мақсадҳои танзим ва назорат дар низоми бонкии мамлакат истифода мешаванд.

Бояд гуфт, ки дар ҳалли мушкилоти методологӣ ҳангоми арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, хусусан дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ барои амалӣ намудани фаъолияти даромадовари онҳо тамоюли ба меъёрҳои байналмилалӣ наздик кардани усулҳои арзёбии вазъи захираҳои молиявӣ ва устувории молиявӣ мушоҳида мешавад ва ин кор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мешавад. Илова бар ин, кӯшиши фарогир кардани таҳлил бо шумораи зиёди омилҳо ва ҷанбаҳои таъсиркунанда муҳим аст. Интихоби меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои зарурӣ бошад, вобаста ба хусусиятҳои объекти омӯзиш фарқ мекунад. Бо вуҷуди ин, ҳоло ҳам баъзе гурӯҳҳои умумии чунин нишондиҳандаҳоро муайян кардан мумкин аст:

- нишондиҳандаҳое, ки имкон медиҳанд дараҷаи пардохтпазирии дороиҳо ва пасандозҳо дарк карда шавад;

- нишондиҳандаҳое, ки вазъи сифатии пойгоҳи захиравии бонки тиҷоратиро тавсиф мекунанд.

Дар шароити имрӯзаи бонкҳои тиҷоратӣ, ки вобаста ба номуносиб будани пойгоҳи захиравӣ ба фаъолияти онҳо хавфҳои гуногун, чун хавфҳои қарзӣ, фоизӣ, асъорӣ, таваррум, талафи бозоргирӣ ва пардохттавонӣ, инчунин дигар

хавфҳо таъсир мерасонанд, муҳаққиқон ва мутахассисони соҳаи бонк ба омӯзиши устувории молиявӣ ва ҷустуҷӯи роҳҳои таҳкими он хеле бодиққат муносибат мекунанд, зеро маҳз ана ҳамин кафили устувории бонк мебошад. Яъне, имрӯз самаранокии фаъолияти бонки тиҷоратӣ пеш аз ҳама аз ташаккули пойгоҳи захиравии кифоя вобаста мебошад.

Мусаллам аст, ки кифоятии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ тавассути амалиёти фаъоли бонкӣ таъмин мегардад. Дар ин маврид дар байни дороиҳо ва уҳдадориҳо (якҷоя бо сармоя)-и бонки тиҷоратӣ робитаи мустақим муқаррар карда мешавад: андоза, сохтор, таркиби намудҳои гуногуни дороиҳо бояд ба ҳаҷм, сохтор ва таркиби уҳдадориҳо ва сармояи бонк мувофиқ бошанд, ки ин устувории молиявӣ, пардохтпазирӣ ва бозоргирии бонки тиҷоратиро таъмин мекунад. Дар ҷадвали 2.3.1 нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи уҳдадориҳо ва сармояи худии ташкилотҳои қарзии молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2.3.1. – Нишондиҳандаҳои асосии уҳдадориҳо ва сармояи худии ташкилотҳои қарзии молиявӣ, дар охири давра**, млн. сомонӣ

| Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ уҳдадориҳо ва сармоя | 21200 | 21975 | 26308 | 22415 | 30031 | 37680 |
| Уҳдадориҳо | 15287 | 15749 | 19132 | 17339 | 23732 | 30319 |
| аз ҷумла: | | | | | | |
| Пасандозҳо | 9724 | 9682 | 11414 | 10159 | 15508 | 19462 |
| пасандозҳои дархостшаванда | 4886 | 4699 | 5931 | 4656 | 7195 | 8652 |
| дигар пасандозҳо | 4838 | 4983 | 5483 | 5503 | 8313 | 10810 |
| Қарзҳои мутамарказ | 78 | 72 | 117 | 38 | 1 | 20 |
| Қарзҳои байнибонкӣ | 776 | 953 | 2122 | 2555 | 2659 | 3252 |
| Барои пардохт ҳамагӣ | 3213 | 3120 | 3111 | 2562 | 2627 | 3242 |
| Дигар уҳдадориҳо | 1497 | 1922 | 2368 | 2025 | 2937 | 4343 |
| Сармояи худӣ | 5913 | 6226 | 7176 | 5076 | 6299 | 7361 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [20, с. 77-78; 21, с. 84-85; 22, с.84; 23, с. 23; 24, с.24; 25, с. 24]**

Тавре аз ҷадвали 2.3.1 дида мешавад, пойгоҳи захиравии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи таҳлилӣ (солҳои 2018-2023) ба андозаи 77,8% зиёд шудааст. Ҳиссаи уҳдадориҳо дар ҷамъи умумии маблағи уҳдадориҳо ва сармояи ташкилотҳои қарзӣ ҳамасола аз соли 2020 (72,7%) зиёд шуда, дар

соли 2023 ба 80,5% расидааст.Ҳамин тариқ, ҳаҷми умумии уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар охири соли 2023 маблағи 30319 млн. сомониро ташкил додааст. Дар таркиби уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2023 аз ҳама зиёд ҳиссаи пасандозҳо мебошад (64,2%). Ин вазъ гувоҳӣ медиҳад, ки ҳиссаи бештари амалиёти фаъоли ташкилотҳои қарзӣ аз ҳисоби уҳдадориҳо (80,4%), аз ҷумла пасандозҳо (51,7%) анҷом дода мешавад. Дар ин маврид, саҳми дигар унсурҳои уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ дар таъмини амалиёти фаъол дар соли 2023 чунин аст: қарзҳои мутамарказ – 0,05%, қарзҳои байнибонкӣ – 8,6%, маблағҳои умумии пардохтшаванда (аз ҷумла васиқаҳо барои пардохт) - 8,6%, дигар уҳдадориҳо – 11,5%.

Қобили зикр аст, ки раванди ташаккули пойгоҳи захиравии ташкилотҳои қарзӣ бо як қатор мушкилот ҳамрадиф аст. Яке аз чунин мушкилот таносуби дороиҳои дарозмуҳлат ва уҳдадориҳо (якҷоя бо сармоя) мебошад. Дар таҳти таъсири хавфи беқурбшавии пасандозҳо барои пасандоздорон, аксари бонкҳои тиҷоратӣ маҷбуранд, ки қисми зиёди захираҳои худро аз ҳисоби манбаъҳои кӯтоҳмуҳлат бунёд кунананд. Инро метавон дар асоси маълумоти ҷадвали 2.3.2 тасдиқ кард.

Аз ҷадвали 2.3.2 дида мешавад, ки маблағҳои аз шахсони ҳуқуқӣ ҷалбнамудаи ташкилотҳои қарзӣ дар таркиби пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ дар соли 2020 – 53,2%, соли 2021 – 47,5%, соли 2022 – 47,9% ва дар соли 2023 – 45,8%-ро ташкил додаанд. Ҳиссаи зиёди пасандозҳои шахсони ҳуқуқиро дар ташкилотҳои қарзӣ пасандозҳои дархостшаванда ташкил медиҳанд: дар соли 2020 – 72,1%, соли 2021 – 75,7%, соли 2022 – 76,4% ва дар соли 2023 – 70,4%. Ҳиссаи амонатҳои муҳлатноки муҳлаташон аз 12 моҳ зиёд, ки бахши нисбатан устувори захираҳои молиявӣ ба ҳисоб меравaнд, дар таркиби пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ бағоят паст аст: дар соли 2020 – 2,3%, соли 2021 – 2,1%, соли 2022 – 1,4% ва дар соли 2023 – 3,1%.

Ташкилотҳои қарзӣ захираҳои нисбатан дарозмуҳлат ва устуворро аз шахсони воқеӣ ҷалб мекунанд. Агар ба сохтори пасандозҳои шахсони воқеӣ

нигарем, мебинем, ки вазъ нисбатан беҳтар аст. Ҳиссаи пасандозҳои муҳлаташон аз 12 моҳ зиёд дар таркиби пасандозҳои шахсони воқеӣ дар ташкилотҳои қарзӣ дар давраи баррасишаванда чунин аст: дар соли 2020 – 41,9%, соли 2021 – 44,4%, соли 2022 – 35,4% ва дар соли 2023 – 42,7%.

**Ҷадвали 2.3.2. – Сохтори пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ, дар охири давра, млн. сомонӣ**

| Нишондиҳандаҳо | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|
| Пасандозҳо, ҳамагӣ | 11414 | 10159 | 15508 | 19462 |
| Пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ | 6076 | 4792 | 7427 | 8917 |
| Аз ҷумла: | | | | |
| Пасандозҳои дархостшаванда | 4383 | 3626 | 5675 | 6274 |
| Амонатҳои пасандозӣ | 51,8 | 26,9 | 131 | 25 |
| Пасандозҳои муҳлатдор | 213 | 201,6 | 192 | 358 |
| аз ҷумла: | | | | |
| то 1 моҳ | - | - | - | - |
| зиёда аз 1 моҳ то 3 моҳ | 3 | - | 1 | - |
| зиёда аз 3 моҳ то 6 моҳ | 2,6 | 12,6 | 2,8 | 5 |
| зиёда аз 6 моҳ то 12 моҳ | 69,6 | 88,8 | 85,7 | 75 |
| зиёда аз 12 моҳ | 138 | 100,2 | 102,5 | 278 |
| Амонатҳои дигар | 1428 | 937,5 | 1429 | 2260 |
| Пасандозҳои шахсони воқеӣ | 5338 | 5367 | 8081 | 10545 |
| Пасандозҳои дархостшаванда | 120 | 92,7 | 91,4 | 119 |
| Амонатҳои пасандозӣ | 2056 | 2056 | 3948 | 5323 |
| Пасандозҳои муҳлатдор | 3162 | 3218 | 4042 | 5103 |
| аз ҷумла: | | | | |
| то 1 моҳ | 0,04 | 0,004 | 0,2 | 0,7 |
| зиёда аз 1 моҳ то 3 моҳ | 15,4 | 11,2 | 14,3 | 21,5 |
| зиёда аз 3 моҳ то 6 моҳ | 54,4 | 50,6 | 43,5 | 46,8 |
| зиёда аз 6 моҳ то 12 моҳ | 857,2 | 771,2 | 1119 | 529 |
| зиёда аз 12 моҳ | 2235 | 2385 | 2865 | 4505 |
| Амонатҳои дигар | - | - | - | - |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти оморӣ [22, с. 31-34; 23, с. 30-33; 24, с. 31-34; 25, с. 33-36]**

Бо вуҷуди он ки ҳаҷми умумии пасандозҳо дар солҳои 2022-2023 зиёд шудааст (суръати афзоиши онҳо дар соли 2023 нисбат ба соли 2021 91,6%-ро ташкил додааст), ҳиссаи пасандозҳои муҳлаташон аз 12 моҳ зиёд дар ҳаҷми умумии онҳо паст аст: соли 2020 – 20,8%, соли 2021 – 24,5%, соли 2022 – 19,1% ва соли 2023 – 24,6%-ро ташкил додааст, ки ин аз ноустувории ҳиссаи зиёди пойгоҳи захираи пасандозии ташкилотҳои қарзӣ шаҳодат медиҳад. Зеро

истифодаи захираҳои кӯтоҳмуҳлат барои амалиёти фаъоли нисбатан дарозмуҳлат ба паст шудани бозоргирӣ ва пардохттавонии бонк боис мешавад.

Тавре таҷрибаи хориҷӣ тасдиқ мекунад, яке аз манбаъҳои нисбатан устувори захираҳои молиявӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ ин барориши қоғазҳои қиматноки қарзӣ – вомбаргҳо, васиқаҳо, сертификатҳои амонатӣ ва дигарҳо мебошад. Аз ҷумла тавассути барориши вомбаргҳо ҳамчун уҳдадории қарзии дарозмуҳлат бонкҳои тиҷоратӣ метавонанд маблағи муайянро бар ивази уҳдадории пардохти фоизи муқарраршуда (даромад, купон) бо баргардонидани маблағи асосии қарз ҳангоми фаро расидани муҳлати муқарраршуда (муҳлати пардохт) гиранд. Вале тибқи маълумоти омори бонкӣ, ҳиссаи ин гуна захираҳо дар таркиби уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ночиз аст ва аз ин сабаб ҳатто дар интишороти омории баъзе бонкҳои тиҷоратӣ нишон дода ҳам намешавад. Омӯзиши омори бонкии аз ҷониби БМТ нашршаванда нишон дод, ки дар давраи таҳлилӣ, ки солҳои 2018-2023-ро фаро мегирад, танҳо дар омори бонкии солҳои 2020 дар таркиби уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ васиқаҳо барои пардохт нишон дода шудаанд ва ин нишондиҳанда дар охири соли 2018 маблағи 3213 млн. сомонӣ, дар охири соли 2019 - 3120 млн. сомонӣ ва дар охири соли 2020 - 477,8 млн. сомониро ташкил додааст. Минбаъд, дар интишороти омори бонкӣ дар мавқеи мазкури нишондиҳандаҳои оморӣ нишондиҳандаи «барои пардохт ҳамагӣ» оварда шудааст.

Ҳамин тариқ, мушоҳидаи маълумоти омории нашрнамудаи БМТ нишон дод, ки барориши қоғазҳои қиматнок танҳо аз ҷониби шумораи ками бонкҳо, аз ҷумла ҶСК «Ориёнбонк» ва ҶСП «Комерсбонк Тоҷикистон» сурат гирифтааст (ҷадвали 2.3.3). Ин ҳам бошад, ба миқдори кам: дар тавозуни муҳосибии ҶСК «Ориёнбонк» дар бахши уҳдадориҳо дар санаи охири соли 2019 ба маблағи 487,6 млн. сомонӣ, дар санаи охири соли 2020 – 1028,4 млн. сомонӣ, охири соли 2021 – 1630 млн. сомонӣ, охири соли 2022 – 1471,7 млн. сомонӣ ва дар санаи охири соли 2023 – 1580,6 млн. сомонӣ қоғазҳои қиматноки баровардашуда нишон додла шудааст.

**Ҷадвали 2.3.3. – Маълумот дар бораи барориши қоғазҳои қиматноки бонкҳои тиҷоратӣ**, ба ҳолати охири давра, млн. сомонӣ

| Бонки тиҷоратӣ | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|
| КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 487,6 | 1028,4 | 1630 | 1471,7 | 1580,6 |
| ҶСК «Бонки Эсхата» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон» | 38,7 | 45,2 | 235,6 | 61,2 | 21,9 |
| ҶСК «Тавҳидбонк» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП «Авалин бонки молиявии хурд» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП «Спитамен Бонк» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСП «Бонки Арванд» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| ҶСК «Алиф Бонк» | | | | | |
| ҶСП «Актив Бонк» | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии бонкҳо [86]**

Ҳаҷми қоғазҳои қиматноки баровардашудаи ҶСП «Комерсбонк Тоҷикистон» дар санаҳои охири ҳар як соли ҳамин давра чунин аст: соли 2019 – 38,7 млн. сомонӣ, соли 2020 – 45,2 млн. сомонӣ, соли 2021 – 67,8 млн. сомонӣ, соли 2022 – 61,2 млн. сомонӣ ва соли 2023 – 21,9 млн. сомонӣ.

Сарфи назар аз он ки дар омори нашрнамудаи БМТ маълумот оид ба қоғазҳои қиматноки баровардаи бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ночиз аст, мо барои аниқ кардани ҳолати мазкур ба маълумоти худи бонкҳо, аз ҷумла ҶСК «Бонки Эсхата» таваҷҷуҳ кардем. Мушоҳида нишон дод, ки дар бонки мазкур маълумоти воқеӣ оид ба қоғазҳои қиматноки қарзии баровардаи бонк мавҷуд аст (ҷадвали 2.3.4).

Яъне, мувофиқи маълумоти ҶСК «Бонки Эсхата», бонки мазкур дар соли 2022 ба миқдори 10000 адад қоғазҳои қиматноки қарзӣ (вомбаргҳои 18%) бо арзиши исмии ҳар кадоме 1000 сомонӣ баровардааст, ки маблағи умумии онҳо 10000000 сомониро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 2.3.4. – Маълумот дар бораи коғазҳои қиматноки қарзии баровардаи ҶСК «Бонки Эсхата»**

| Санаи барориш | Асъор | Арзиши исмӣ | Миқдор, дона | Меъёри фоизи исмӣ | Санаи анҷом | Вазъ дар санаи 1 январи соли 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 8.07.2022 | сомонӣ | 1000 | 5000 | 18% | 22.06.2024 | 5000 |
| 8.07.2022 | сомонӣ | 1000 | 26 | 18% | 22.06.2024 | 26 |
| 13.07.2022 | сомонӣ | 1000 | 150 | 18% | 22.06.2024 | 150 |
| 10.08.2022 | сомонӣ | 1000 | 3000 | 18% | 22.06.2024 | 3000 |
| 29.08.2022 | сомонӣ | 1000 | 1800 | 18% | 22.06.2024 | 1800 |
| 19.09.2022 | сомонӣ | 1000 | 24 | 18% | 22.06.2024 | 24 |
| | | | | | Ҳамагӣ | 10000 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ҶСК «Бонки Эсхата»**

Зикр бояд кард, ки дар қатори захираҳои пасандозӣ барои ба роҳ мондани амалиёти фаъоли бонкҳои тиҷоратӣ сармояи худӣ низ муҳим аст. Тавре маълум аст, манбаъҳои асосии сармояи худии бонки тиҷоратӣ сармояи оинномавӣ, захираҳои суғурта, сармояи иловагӣ, сармояи (фонди) захиравӣ, фондҳои махсус ва фоидаи тақсимнашуда мебошанд.

Арзёбии пойгоҳи захиравӣ шарти зарурӣ барои беҳгардонии сохтори захираҳои молиявӣ, таъмини субот ва самаранокии низоми идоракунии он мебошад. Барои арзёбии пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ меъёрҳои муқаррарнамудаи БМТ истифода мешаванд, ки мо онҳоро дар параграфи 2.1 баррасӣ карда будем. Меъёрҳои мазкур бо мақсади ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон ва қарздиҳандагон, барои таъмини суботи молиявии низоми бонкии мамлакат муқаррар карда шудаанд.

Ҳоло аз ҷониби ҳар як бонки тиҷоратӣ таҳия ва истифодаи методикаи самарабахши истифодаи манбаъҳо ва роҳҳои таъмини пойгоҳи захиравии фаъолияти худ масъалаи мубрам аст. Бонки тиҷоратӣ бояд таносуби муайяни байни воситаҳои худӣ ва ҷалбгардидаро барои таъмини сатҳи кофии устувории молиявӣ нигоҳ дорад. Имрӯз бонкҳои тиҷоратӣ бо мушкилоте рӯ ба рӯ мешаванд,

ки «онҳоро танҳо бо ёрии технологияҳои нави иттилоотӣ бартараф кардан мумкин аст. Истифодаи онҳо метавонад суръат ва сифати хизматрасониҳои бонкиро ба таври назаррас беҳтар созад» [74, с. 179].

Методикаи дар амалияи БМТ истифодашаванда, ки барои муайян кардани сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ имкон медиҳад, ба Дастурамалҳои №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» [39], №215 «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо» [40], №240 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ» [41], №244 «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд» [42], №247 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» [43] ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ такя мекунад. Дар ин маврид барои арзёбии сатҳи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ якчанд нишондиҳандаҳо истифода мешаванд (ҷадвали 2.3.5).

Бояд гуфт, ки нишондиҳандаи К1-1 ин таносуби сармояи худӣ ва дороиҳои бонк, ки ба таври муайян тасҳеҳ карда шудаанд, мебошад. Дар ин маврид дороиҳо бо тарҳи захираҳо барои талафоти имконпазири аз рӯи онҳо ташаккулёфта ҳисоб карда мешаванд. Барои ин тамоми дороиҳо вобаста аз хавф ба панҷ гурӯҳ ҷудо карда шуда, барои ҳар як гурӯҳ коэффитсиенти тасҳеҳкунии аз 0 то 1,5 ба кор бурда мешавад. Яъне аз бузургии ҳар як доройӣ маблағи захираи барои он ташаккулёфта тарҳ карда мешавад, фарқи ҳосилшуда ба коэффитсиенти тасҳеҳкунӣ вобаста аз гурӯҳи хавф, ки дороии мазкур ба он мансуб аст, зарб карда мешавад. Ҷамъи маълумоти ҳосилшуда дар махраҷи формула ба ҳисоб гирифта мешавад. Дар махраҷ бузургии хавфҳои қарзӣ, бозорӣ ва амалиётӣ, ки ба 10 зарб карда шудаанд, инчунин дигар нишондиҳандаҳои аз рӯи методикаи БМТ ҳисобшаванда низ ба ҳисоб гирифта мешавад.

**Ҷадвали 2.3.5. – Нишондиҳандаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ**

| Нишондиҳанда | Тарзи ҳисоб кардани нишондиҳанда | Меъёри ҳатмӣ |
|---|---|---|
| Меъёри кифоятии сармоя (К1-1) | $= \frac{\text{Сармояи танзимшаванда}}{\text{Дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда}} \times 100\% \quad (2.3.1)$ | ≥ 12% |
| Сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ нисбат ба дороиҳои умумӣ (К1-2) | $= \frac{\text{Сармояи танзимшаванда}}{\text{Дороиҳо}} \times 100\% \quad (2.3.2)$ | ≥ 10% |
| Меъёри кифоятии сармояи асосӣ (К1-3) | $= \frac{\text{Сармояи асосии соф}}{\text{Дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда}} \times 100\% \quad (2.3.3)$ | ≥ 10% |
| Меъёри пардохтпазирии ҷорӣ (К2-1) | $= \frac{\text{Дороиҳои пардохтпазир}}{\text{Пасандозҳои дархостшаванда} + \text{Уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат}} \times 100\% \quad (2.3.4)$ | ≥ 30% |
| Андозаи ниҳойии хавф барои як қарзгир ё гурӯҳи қарзгирони алоқаманд (К3-1) | $= \frac{\text{Қарзи калони як қарзгир}}{\text{Сармояи танзимшаванда}} \times 100\% \quad (2.3.5)$ | ≤ 20%-и сармояи танзимшаванда |
| Андозаи ниҳойии хавф барои қарзҳои калон (К3-2) | $= \frac{\sum \text{Қарзҳои калон}}{\text{Сармояи танзимшаванда}} \times 100\% \quad (2.3.6)$ | ≤300%-и сармояи танзимшаванда |
| Андозаи ниҳойии хавф барои як қарзгир - шахси вобаста (К4-1) | $= \frac{\text{Бақияи холиси қарзҳои як қарзгир} - \text{шахси вобаста}}{\text{Сармояи танзимшаванда}} \times 100\% \quad (2.3.7)$ | ≤2%-и сармояи танзимшаванда |
| Андозаи ниҳойии хавф барои шахсони вобаста (К4-2) | $= \frac{\sum \text{Бақияи холиси қарзҳои шахсони вобаста}}{\text{Сармояи танзимшаванда}} \times 100\% \quad (2.3.8)$ | ≤10%-и сармояи танзимшаванда |
| Меъёри истифодаи маблағҳои худӣ барои хариди саҳмияҳои дигар шахсони ҳуқуқӣ (К5) | $= \frac{\text{Маблағи хариди саҳмияҳои дигар шахсон, ки аз сармоя тарҳ карда намешавад}}{\text{Сармояи танзимшаванда}} \times 100\% \quad (2.3.9)$ | ≤10%-и сармояи танзимшаванда |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [39]**

Ҳисобкунӣ ва арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби БМТ бо истифода аз ҳисоботи молиявии онҳо ба ҷо оварда мешавад. Ба андешаи мо, методикаи бо ин мақсад истифодашаванда танҳо вазъи молиявӣ ва устувории молиявии ҷории бонкҳоро бидуни ояндабинӣ боэътимодона муайян ва арзёбӣ мекунад. Дар ин маврид асосан нишондиҳандаҳои миқдорӣ ба кор бурда мешаванд. Зимнан, барои арзёбии бунёдии фаъолияти бонки тиҷоратӣ ҳам таҳлили миқдорӣ ва ҳам таҳлили ҷиҳатҳои сифатии фаъолияти он зарур аст.

Аз ин бармеояд, ки барои таҳлили боэътимоди сатҳи устувории молиявии бонк истифодаи як усул кифоя нест. Барои таҳлили босифат истифодаи усулҳои коэффитсиентӣ ва рейтингӣ, ки ба ҳисоб кардани қиматҳои пешбинишаванда ва муайян кардани самтҳои баланд бардоштани устувории молиявӣ имкон медиҳанд, тавсия дода мешавад.

Дар амалияи байналмилалӣ аз ҷониби бонкҳои марказӣ ва ташкилотҳои рейтингӣ методикаҳои гуногуни арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ истифода мешаванд. Арзёбии вазъи молиявӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, ки ташкилотҳои рейтингию таҳлилӣ анҷом медиҳанд, дар амалияи байналмилалӣ барои истифодабарандагони гуногун арзишманд мебошанд. Вале қайд кардан лозим аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ташкилотҳои рейтингию таҳлилӣ фаъолият намекунанд, зеро талабот ба хизматрасониҳои онҳо кам аст.

Дар асоси таҳқиқи адабиёт мо муайян кардем, ки ҳоло дар амалияи байналмилалӣ якчанд методикаҳои таҳлил ва арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ маъмул аст, ки натиҷаҳои онҳо аз ҷониби истифодабарандагон ҳамчун боэътимод ҳисобида мешавад. Мо ин методикаҳоро ба чор гурӯҳи асосӣ – таҳлили коэффитсиентҳои молиявӣ, арзёбии мартабавӣ (рейтингӣ), арзёбии маҷмуии хавфҳо ва методикаҳои оморӣ ҷудо карда (расми 2.3.1), ҳамзамон бартарӣ ва камбудиҳои онҳоро муайян намудем.




**Расми 2.3.1. – Методикаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [6; 15; 33; 74; 83; 97; 141]**

Аксари методикаҳои арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бо ҳисоб кардани чунин гурӯҳҳои нишондиҳандаҳо барои арзёбии устувории молиявии бонкҳо алоқаманд мебошанд: гурӯҳи нишондиҳандаҳои арзёбии дороиҳо, сармоя, сифати идоракунии бонк, амалиёт ва хавфҳои он, арзёбии бозоргирӣ, пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ. Тавассути арзёбии ҳамаҷонибаи вазъи бонк, ин усулҳо имкон медиҳанд, ки сатҳи устуворӣ муайян карда, натиҷаи умумии ҷамъбастӣ ба даст ояд.

Яке аз методикаҳои нисбатан рушдёфтаи таҳлили коэффитсиентӣ методикаи BAKIS (BAKred Information System) мебошад, ки онро аз соли 1997 Бонки марказии Германия истифода мебарад. Ҳадафи асосии он – арзёбии зуди вазъи молиявии ташкилоти қарзӣ, ошкор кардани тағйирёбиҳо дар пӯёи хавфи қарзӣ, бозорӣ ва хавфи бозоргирӣ, инчунин ошкор кардани тамоюлоти умумӣ дар бахши молиявии иқтисодиёт мебошад. Вобаста ба ин, дар методикаи мазкур

47 адад нишондиҳандаҳо (коэффитсиентҳо), аз ҷумла нишондиҳандаҳои хавфи қарз, хавфи бозорӣ, нишондиҳандаҳои даромаднокӣ, бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ истифода мешаванд. Бартарии асосии BAKIS ин қобилияти арзёбӣ кардани вазъи молиявии бонк дар ҳар як лаҳза мебошад, зеро нишондиҳандаҳои дар он истифодашаванда ҳамарӯза ҳисоб карда мешаванд. Камбудии методика ин аст, ки ҳисоб кардани шумораи зиёди коэффитсиентҳо амали меҳнатталаб аст, инчунин дар он қиматҳои пешбинишавандаи нишондиҳандаҳо ҳисоб карда намешаванд.

Методикаи Кромонов (Федератсияи Россия) низоми коэффитсиентҳоеро истифода мебарад, ки андозаи хавфҳо (аз ҷумла кифоятии сармоя, пардохтпазирӣ, хавфҳои қарз ва ғайра)-ро арзёбӣ мекунанд. Барои арзёбии эътимоднокии бонки тиҷоратӣ ҳамчун иттилооти аввалӣ чунин нишондиҳандаҳои мутлақи бонк истифода мешаванд: сармояи оинномавӣ (СО); сармояи худӣ (СХ); ӯҳдадориҳои дархостшаванда (УД); ӯҳдадориҳои умумӣ (УУ); фонди захираҳои ҳатмӣ (ФЗҲ); дороиҳои бозоргир (ДБ); дороиҳои корӣ (ДК); сармояи ҳимояшуда (СҲ).

Дар асоси иттилооти мазкур чунин коэффитсиентҳо – нишондиҳандаҳои появии эътимоднокӣ ҳисоб карда мешаванд:

- коэффитсиенти умумии эътимоднокӣ (К1) ($К1 = СХ/ДК$), ки дараҷаи ҳимояти гузоришҳои хавфноки бонкро тавсиф мекунад (меъёр = 1, қимати муҳим – 45%);

- коэффитсиенти бозоргирии фаврӣ (К2) ($К2 = ДБ/УД$), ки ҳиссаи маблағҳои мизоҷонро дар ҳаҷми захираҳои молиявии худии бонк нишон медиҳад (меъёр = 1, қимати муҳим – 20%);

- кросс-коэффитсиент (К3) ($К3 = УУ/ДК$), ки хавфи ҳангоми истифодабарии воситаҳои қарзӣ қабулнамудаи бонкро тавсиф мекунад (меъёр = 3, қимати муҳим – 10%);

- коэффитсиенти умумии бозоргирӣ (К4) ($К4 = ДБ + СҲ + ФЗХ/УУ$), ки қобилияти бонкро барои пӯшонидани талаботи қарздиҳандагон дар сурати

барнагардонидани қарзҳои додашуда аз ҳисоби бозоргирии мавҷуда инъикос мекунад (меъёр =1, қимати муҳим – 15%);

- коэффитсиенти ҳимояти сармоя (К5) ($К5 = СҲ/СХ$), ки ҳиссаи дороиҳои бозоргири ба хотири ҳимоя аз таваррум ҷойгиркардашударо нишон медиҳад (меъёр = 1, қимати муҳим – 5%);

- коэффитсиенти сармоякунонии фоида (К6) ($К6 = СХ/СО$), ки суръати сармоякунонии фоидаи бонкро тавсиф мекунад (меъёр = 3, қимати муҳим – 5%).

Коэффитсиентҳои мазкур барои муайян кардани нишондиҳанда (индекс)-и умумӣ (интегралӣ)-и эътимоднокии бонк (N) ба кор бурда мешаванд. Пешниҳод карда мешавад, ки индекси эътимоднокии бонкӣ бо формулаи зерин ҳисоб карда шавад:

$$N = 45 \times К1 + 20 \times К2 + \frac{10}{3} \times К3 + 15 \times К4 + 5 \times К5 + \frac{5}{3} \times К6 \quad (2.3.10)$$

Ба андешаи муаллифи методика - В.С. Кромонов бузургии баландтарини нишондиҳандаи умумии эътимоднокӣ баробар ба 100 аст, бинобар ин, чӣ қадаре ки қимати он зиёд бошад, бонк ҳамон қадар устувор аст. Нишондиҳандаи умумии эътимоднокӣ барои бонкҳои тиҷоратие ташаккул меёбад, ки дар мартабабандӣ иштирок мекунанд ва аз расмиёти дахлдори интихоб гузаштаанд - дар лаҳзаи дохил кардан ба мартабабандӣ бонк бояд фаъолияти қарзию сармоягузориро на кам аз ду сол анҷом дода бошад.

Дар байни методикаҳои рейтингӣ методикаи CAMELS (C – capital adequacy – кифоятии сармоя,  A – asset quality – сифати дороиҳо, M – management quality – сифати идоракунӣ, E – earnings – даромаднокӣ, L – liquidity – бозоргирӣ, S - sensitivity to risk - ҳассосият ба хавф) бештар маъмул аст, ки аз ҷониби ташкилотҳои назораткунандаи низоми бонкии ИМА аз соли 1978 истифода мешавад. Ҳангоми корбурди CAMELS барои ҳар як бонки таҳлилшаванда мартабаи ададӣ аз рӯи шаш унсури таҳлилӣ – кифоятии сармоя, сифати дороиҳо,

сифати идоракунӣ, даромаднокӣ, бозоргирӣ ва ҳассосият ба хавф муқаррар карда шуда, арзёбии мартабавии ҷамъбастӣ дар асоси қиматҳои раддабандии ҳар яке аз унсурҳои номбаршуда ҳисоб карда мешавад. Ҳар як унсури таҳлилӣ аз рӯи низоми панҷхолӣ (панҷбаллӣ) арзёбӣ мешавад ва нишондиҳандаи ниҳоӣ дар асоси ҷамъи қиматҳои онҳо ҳисоб карда мешавад: 1 – солим, 2 – қаноатбахш, 3 – миёна, 4 – суст, ташвишовар, 5 – ғайриқаноатбахш. Дар ин маврид ҳар як унсур дар асоси ҷузъҳои хурдтар арзёбӣ мешавад. Бартарии асосии методикаи CAMELS – муайян кардани самтҳои кори менеҷменти бонки тиҷоратӣ оид ба баландбардории самаранокии фаъолияти бонк мебошад. Камбудии методика – ба арзёбиҳои субъективӣ асос меёбад, натиҷаҳои арзёбӣ вобаста ба вазъи бозор тасҳеҳ карда намешаванд.

Методикаи PATROL аз ҷониби Бонки марказии Италия аз соли 1993 истифода мешавад, ки ҳадафи он ба ҷо овардани таҳлили фосилавии вазъи молиявии бонкҳо ва ошкор кардани бонкҳое, ки санҷиши сайёри онҳоро гузаронидан зарур аст, мебошад. Ҳангоми таҳлил панҷ унсур ҳисоб карда мешавад: кифоятии сармоя, даромаднокӣ, сифати қарзҳо, сифати идоракунӣ, бозоргирӣ. Бартарии методикаи PATROL – самаранокӣ барои арзёбии вазъи ҷории бонк, зудии гузаронидани таҳлил тавассути истифодаи ҳисоботҳои стандартӣ ҳангоми ҳисобкунии нишондиҳандаҳо мебошад. Камбудии методикаи мазкур – надоштани қобилияти пешбинӣ кардани нишондиҳандаҳо мебошад.

Дар байни методикаҳои маҷмуии арзёбии хавфҳо маъмултарин методикаҳои RATE ва RAST мебошанд. Методикаи RATE (Risk Assessment – арзёбии хавф, Tools (supervision tools) – воситаҳои назорат, Evaluation - арзёбӣ) аз соли 1997 аз ҷониби Бонки марказии Англия истифода мешавад. Тибқи методикаи мазкур арзёбӣ дар асоси нишондиҳандаҳои инъикоскунандаи хавфи тиҷорати бонкӣ ва муносиб будани назорати хавфҳо ба ҷо оварда мешавад. Сипас барои ҳар як бонк воситаҳои назорат, барномаҳо ва равишҳо ба хотири нисбатан самараноктар иҷро кардани вазифаҳои назоратӣ таҳия карда мешаванд. Ҷиҳатҳои асосии таҳлилии методикаи RATE – ошкор кардани воҳидҳои

тиҷоратии муҳими тавлидкунандаи хавф; баррасии дохилии арзёбӣ; ошкор кардани тамоюлот ва мушкилот; таъмини сифати арзёбии RATE. Дар мавриди таҳлил хавфҳои имконпазир ба ҳисоб гирифта мешаванд.

Методикаи RAST (Risk Analysis Support Tool – воситаҳои дастгирии таҳлили хавф), ки дар Нидерландия ва Британияи Кабир истифода мешавад, бонкҳо ё гурӯҳи бонкҳоро аз рӯи зерсохторҳо ё аломатҳои вазифавӣ ҷудо карда, барои ҳар кадоми онҳо хавфҳо, сохтори дохилӣ ва низоми назорати дохилиро аз рӯи як қатор маҳакҳо, ки барои ҳар кадоми онҳо холҳо дода мешаванд, арзёбӣ мекунад. Холҳои инфиродӣ пай дар пай то ҳадди арзёбии ниҳойии бонк ё гурӯҳи бонкҳо муттаҳид карда мешаванд. Равиши маҷмуӣ имкон медиҳанд, ки омилҳои миқдорӣ ва сифатии хавф арзёбӣ карда шаванд. Барои ба даст овардани иттилооти ҳамаҷониба оид ба вазъи бонк ҳамкории байниҳамдигарии мақомоти назоратии миллӣ ва хориҷӣ зарур аст. Аз ҷумла ҳангоми корбурди усули RAST идораи хадамоти молиявии Британияи Кабир чунин иттилоотро махсус талаб мекунад, то ки ба хароҷоти иловагӣ барои санҷиши мустақил роҳ дода нашавад. Ҳангоми истифодаи методикаи мазкур мақоми назоратӣ метавонад дар бораи холҳои додашуда ба худи бонк хабар нарасонад, вале тамоюлоти умумии рушд ва хавфҳои калон бо роҳбарияти бонк муҳокима карда мешаванд.

Методикаҳои оморӣ ҳангоми пешбинӣ кардани муфлисшавӣ ва ҳисобкунии зарарҳои имконпазир истифода мешаванд, ки маъмултарини онҳо SAABA ва FIMS мебошанд. Методикаи SAABA (Франсия) аз се бахши ташхисӣ иборат аст: 1) таҳлили миқдорӣ (диққати муҳим ба сандуқи қарзӣ дода мешавад); 2) таҳқиқи шумораи соҳибмулкон ва саҳомони бонк; 3) таҳлили сифати идоракунӣ, назорати даромаднокӣ ва пардохтпазирӣ. Дар доираи методикаи SAABA, вобаста аз натиҷаҳои ҳар як се бахш, эътимоднокии бонк аз рӯи ҷадвали панҷхолӣ арзёбӣ карда мешавад, ки 1 хол – бонки устувор, 5 хол – бонки дар арафаи муфлисшавӣ қарордоштаро ифода мекунад. Методикаи SAABA имкон медиҳад, ки ояндабинии дарозмуҳлати устувории молиявӣ ба ҷо оварда шавад,

вале муайян кардани талафоти калон барои ҳар як қарзи додашуда хароҷоти зиёдро талаб мекунад.

Ҳангоми истифодаи методикаи FIMS (Financial Institutions Monitoring System – низоми мониторинги ниҳодҳои молиявӣ) фаъолияти бонк дар ду марҳила арзёбӣ карда мешавад. Дар марҳилаи аввалӣ (мартабаи FIMS) зиёда аз 30 коэффитсиент ҳисоб карда шуда, дар асоси қиматҳои онҳо вазъи ҷории бонк арзёбӣ карда мешавад. Дар марҳилаи дуюм (намуди хавфи FIMS) арзёбии дарозмуҳлати вазъи пешомади бонк ба ҷо оварда мешавад, ки асоси он муайян кардани эҳтимолияти шикасти бонк дар давоми ду-се соли минбаъда мебошад. Ояндабинӣ дар асоси методикаи FIMS самтҳои беҳгардонии нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкро муайян намекунад.

Таҳқиқи методикаҳои хориҷии арзёбии устувории бонкҳо нишон медиҳад, ки то имрӯз методикае таҳия нашудааст, ки барои арзёбии мувофиқи устувории молиявии бонки тиҷоратӣ имкон диҳад. Бинобар ин, ба андешаи мо, барои таҳлил ва арзёбии устувории молиявии бонки алоҳида, гурӯҳи бонкҳо ё умуман низоми бонкии мамлакат истифодаи ҳамгирои методикаҳои баррасишуда мақбул аст.

Акнун дар асоси ҷамъбасти методикаҳои баррасишуда баъзе ҷиҳатҳои устувории молиявии яке аз бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҶСК «Бонки Эсхата»-ро таҳлил ва арзёбӣ мекунем. Дар ин маврид бо истифода аз имконияти методикаи CAMELS нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кифоятии сармояро, ки барои арзёбии устувории молиявии бонк дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ аҳамияти бештар доранд, ҳисоб мекунем.

Барои анҷом додани таҳлил ва арзёбии устувории молиявии ҶСК «Бонки Эсхата» аз маълумоти ҳисоботи молиявии он истифода мебарем (ҷадвали 2.3.6). Бояд қайд кард, ки номгузорӣ ва рақамҳои ифодакунандаи нишондиҳандаҳои таҳлилшаванда, ки дар методикаи CAMELS истифода мешаванд, аз ифодаҳои дар амалияи БМТ истифодашаванда фарқ мекунанд. Бинобар ин, номгузорӣ ва рақамҳои нишондиҳандаҳоро тибқи методикаи CAMELS ба кор мебарем.

**Ҷадвали 2.3.6. – Тавозуни муҳосибии ҶСК «Бонки Эсхата»**

| Унсурҳои тавозун | 31.12.2021, сомонӣ | 31.12.2022, сомонӣ | 31.12.2023, сомонӣ |
|---|---|---|---|
| ДОРОИҲО | | | |
| Нақдина | 359921262 | 580999889 | 387888754 |
| Ҳисобҳо дар БМТ | 262496631 | 383090105 | 524575269 |
| Талабот аз дигар ташкилотҳои қарзӣ | 238969354 | 482779912 | 401027166 |
| Қарзҳо ба мизоҷон | 2018158048 | 2452689331 | 3018526875 |
| Сармоягузорӣ | 17165326 | 105855726 | 169986213 |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 94627276 | 108845001 | 134591867 |
| Пешпардохт ва маблағҳо барои гирифтан | 141100049 | 141356378 | 771368692 |
| Дигар дороиҳо | 116446175 | 8895241 | 270296203 |
| ҲАМАГӢ ДОРОИҲО | 3248884121 | 4264511583 | 5678261039 |
| УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | | | |
| УҲДАДОРИҲО | | | |
| Барои пардохт ва қарзҳо ба ташкилотҳои қарзӣ | 1048234901 | 1170139249 | 1405917010 |
| Амонатҳои дархостшаванда | 911998537 | 1235091183 | 1352638189 |
| Амонатҳои мӯҳлатдор | 589457940 | 862084446 | 1239391590 |
| Дигар ухдадориҳо | 124673501 | 174688561 | 701592864 |
| ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО | 2674364879 | 3442003439 | 4699539653 |
| САРМОЯ | | | |
| Сармояи саҳомӣ | 125304690 | 125304690 | 125304690 |
| Захираҳои дигар | 228554280 | 317964726 | 588459007 |
| Қарзи субординарӣ | 104694600 | 62040840 | 44283320 |
| Фоидаи тақсимнашудаи соли ҷорӣ | 115965672 | 317197888 | 220674369 |
| ҲАМАГӢ САРМОЯ | 574519242 | 822508144 | 978721386 |
| ҲАМАГӢ УҲДАДОРИҲО ВА САРМОЯ | 3248884121 | 4264511583 | 5678261039 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [123]**

Қабл аз он ки нишондиҳандаҳои таҳлилшавандаро ҳисоб кунем, дарк кардани таркиби сармоя муҳим аст. Сармояи бонк аз сармояи асосии соф ($С_{ас}$) ва сармояи иловагӣ ($С_{и}$) иборат аст. Сармояи асосии софи бонк сармояи саҳомиии воқеан пардохтшуда, барзиёдии арзиши қурбии саҳмияҳо аз арзиши исмии онҳо,

захираҳои бунёдшаванда, фоидаи тақсимнашуда, фоидаи соли пешин баъди пардохти андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ ва тасдиқи аудити берунӣ бо тарҳи зарарҳои соли ҷорӣ ва солҳои пешин, дороиҳои ғайримоддӣ бо тарҳи истеҳлоки ҳисобузамшуда, саҳмияҳо (ҳиссаҳо)-и дигар ташкилотҳои молиявӣ ва қисми ташкилнашудаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазирро дар бар мегирад.

Агар захира ва фондҳои аз рӯйи дороиҳо тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ ҳисобшуда аз фондҳои тибқи СБҲМ ташкилшуда зиёд бошанд ва дар ҳисобҳои 30315 «Захираи умумӣ аз фоида», 30305 «Фоидаи тақсимнашуда / зарари солҳои гузашта» ва 30307 «Фоида / зарари соли гузашта» маблағи кофӣ барои пӯшонидани чунин фарқият мавҷуд набошад, маблағи қисми пӯшониданашудаи фарқияти мазкур аз сармояи асосии соф тарҳ карда мешавад. Бо назардошти ин сармояи асосии софи бонк чунин ҳисоб карда мешавад:

$$С_{ас} = \text{ҳисобҳои тавозунии } 30301 + 30303 + 30305 + 30307 + 30309 + 30311 + 30313 + 30315 + 31701 - (15943 - 15945) -$$
$$-\text{саҳмияҳои (ҳиссаҳои)дигар ташкилотҳои молиявӣ} -$$
$$-\text{қисми ташкилнашудаи захира ва фондҳо аз рӯйи дороиҳо} \quad (2.3.11)$$

Бақияи дебетӣ аз рӯи ҳисобҳои тавозунии 30307 «Фоида/зарари соли гузашта», 31701 «Фоида/зарари соли ҷорӣ» ва 15943 «Дороиҳои ғайримоддӣ» сармояро кам мекунад, бинобар ин, аз сармояи асосии соф тарҳ карда мешавад.

Сармояи иловагӣ захираҳо барои азнавбаҳодиҳии воситаҳои асосӣ, захираҳои талафоти имконпазири қарзҳо ва қарзҳои субординариро дар бар мегирад. Бонк метавонад фоидаи соли ҷориро дар ҳаҷми 50% ва фоидаи соли гузаштаро, ки аз рӯи он андоз аз даромади шахсони ҳуқуқӣ пурра пардохт нашудааст ва аудити беруна ҳоло онро тасдиқ накардааст, дар таркиби сармояи иловагӣ ба инобат гирад. Сармояи иловагии бонк ин тавр ҳисоб карда мешавад:

$$С_{и} = \text{ҳисобҳои тавозунии } 31503 + 31505 + 31507 + 31901 + 30317 +$$
$$+30307 + 31701 + (\text{қисми } 26246 + \text{қисми } 30319) \quad (2.3.12)$$

Бо истифодаи методикаи CAMELS нишондиҳандаҳои таҳлилии гурӯҳи С (кифоятии сармоя)-ро барои ҶСК «Бонки Эсхата» ҳисоб мекунем (ҷадвали 2.3.7).

**Ҷадвали 2.3.7. – Ҳисобкунии нишондиҳандаҳои кифоятии сармояи ҶСК «Бонки Эсхата»**

| Нишондиҳанда | Маънои иқтисодӣ | Тарзи ҳисоб | Қимати тавсиявӣ | Қимати воқеӣ | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | 31.12.2021 | 31.12.2022 | 31.12.2023 |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя С1 | Таносуби сармояи худӣ ва дороиҳои бонк, ки талафоти онҳо аз ҳисоби сармоя пӯшонида мешавад | $=\frac{\text{Сармояи худӣ}}{\text{Уҳдадориҳо + Сармоя}}$ (2.3.13) | 15-20% | 17,7% | 19,3% | 17,2% |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя С2 | Ҳадди ниҳоии зарар, ки дар мавриди он сармояи худии бонк барои таъмини эътимоднокии маблағҳои пасандоздорон кифоя аст | $=\frac{\text{Сармояи худӣ}}{\text{Уҳдадориҳо}}$ (2.3.14) | 25-30% | 21,5% | 23,9% | 20,8% |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя С3 | Таъмини дороиҳои бонк бо сармояи худӣ | $=\frac{\text{Сармояи асосӣ}}{\text{Дороиҳо}}$ (2.3.15) | ≥15% | 14,5% | 17,8% | 16,5% |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя С4 | Вобастагии бонк аз муассисон | $=\frac{\text{Сармояи оинномавӣ}}{\text{Сармояи худӣ}}$ (2.3.16) | 15-50% | 21,8% | 15,2% | 12,8% |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя С5 | Қобилияти бонк барои таъмини кафолати пасандозҳо аз ҳисоби сармояи худӣ | $=\frac{\text{Сармояи бонк}}{\text{Амонатҳо}}$ (2.3.17) | >100% | 38,3% | 39,2% | 37,8% |

**Сарчашма: ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии ҶСК «Бонки Эсхата»**

Аз ҷадвали 2.3.7 дида мешавад, ки қиматҳои воқеии ду нишондиҳандаи кифоятии сармояи ҶСК «Бонки Эсхата» - коэффитсиентҳои C2 ва C5 дар тамоми санаҳои арзёбишавандаи давраи таҳлилӣ (солҳои 2021-2023) аз меъёрҳои тавсиявӣ паст мебошанд.

Инчунин қиматҳои коэффитсиентҳои C3 дар 31 декабри соли 2021 ва C4 дар 31 декабри соли 2023 низ аз меъёрҳои тавсиявӣ паст мебошанд. Танҳо коэффитсиенти C1 дар тамоми санаҳои арзёбишавандаи давраи таҳлилӣ қиматҳои мақбул дорад. Қиматҳои воқеии коэффитсиенти C5 дар тамоми санаҳои арзёбишаванда аз қимати тавсиявӣ, ки набояд аз 100% кам бошад, паст мебошанд (дар санаи 31 декабри соли 2021 – 38,3%, 31 декабри соли 2022 – 39,2% ва 31 декабри соли 2023 – 37,8%). Яъне ҶСК «Бонки Эсхата» бо сабаби аз меъёри ҳадди ақал паст будани қимати коэффитсиенти C5 кафолати баргардонидани пасандозҳои мизоҷони худро аз ҳисоби сармояи худӣ таъмин карда наметавонад. Бонк инчунин бо сабаби аз меъёри тавсиявӣ паст будани коэффитсиенти C2 қодир нест, ки аз ҳисоби сармояи худӣ ҳадди эътимоднокии пӯшонидани маблағҳои пасандоздоронро таъмин кунад. Вале, ба ҳар ҳол, бонк қобилият дорад, ки талафоти имконпазири дороиҳои худро аз ҳисоби сармояи худӣ пӯшонад, зеро қимати коэффитсиенти C1 дар тамоми санаҳои арзёбишаванда дар доираи қимати тавсиявӣ қарор дошта, аз қимати ҳадди ақал (15%) баланд аст.

Ҳамин тариқ, бо истифодаи имконияти методикаи CAMELS ва дигар методикаҳои дар амалияи байналмилалӣ эътирофшуда метавон нишондиҳандаҳои дигари тавсифкунандаи устувории молиявии бонки тиҷоратиро дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ба кор бурд. Истифодаи ҳамгирои методикаҳои мазкур арзёбии боэътимоди устувории молиявии ҷорӣ ваояндаи бонки тиҷоратиро таъмин мекунад.

# БОБИ 3. САМТҲОИ РУШДИ ТАЪМИНИ УСТУВОРИИ МОЛИЯВИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

## 3.1. Такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ

Дар тамоми мамлакатҳое, ки дар паёмади бухрони молиявӣ давраҳои нооромиҳои молиявиро аз сар гузаронидаанд, аввалин шуда бонкҳои дорои мушкилот осеби молиявӣ диданд. Вале бар хилофи ақидаҳои маъмул, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, баръакс, яке аз бонкҳои нисбатан умедбахш – ҶСК «Тоҷиксодиротбонк», ки дар тамоми соҳаҳои фаъолияти бонкӣ ба қатори бонкҳои калидӣ шомил мешуд, зарари бештар дид ва ҳоло дар раванди мурофиаи муфлисшавӣ қарор дорад. Вобаста ба ин, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаҳои марбут ба таъмини устувории низоми бонкӣ ва устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар маҷмуъ мубрамии махсус пайдо мекунанд.

Рушди устувори иқтисодиёти ҳар як мамлакат, аз ҷумла бахши бағоят муҳими он – низоми бонкӣ масъалаи муҳимтарини замони муосир мебошад, «ноустувории иқтисодиёти миллӣ, рушди иқтисодии нобаробари давлатҳои алоҳида, ки аз фаъолияти спекулятивии бонкҳо бармеангезанд, на танҳо ба бухронҳои бонкии миллӣ оварда мерасонанд, балки онҳо ба як ҷузъи нооромиҳои молиявии ҷаҳонӣ мубаддал мегарданд» [91, с. 2]. Фаъолияти муътадили низоми бонкӣ барои таъмини рушди босамари дигар бахшҳои иқтисодиёт ва умуман рушди иқтисодӣ зарур аст. Вобаста ба ин, пешгирии пайдошавӣ ва роҳ надодан ба рушди зуҳуроти бухронӣ дар дохили низоми бонкӣ ба хотири пешгирии паҳншавии онҳо ба дигар бахшҳои иқтисодиёт муҳим буда, ин дар навбати худ зарурати назорат ва танзими хавфҳои бо зуҳуроти бухронӣ ҳамрадифро тақозо менамояд.

Бухрони молиявии ҷаҳонӣ мушкилоти идоракунии низомҳои бонкиро дар аксари мамлакатҳо ошкор намуд. Бо вуҷуди роҳандозӣ намудани сиёсати фаъоли

ҳукуматҳо ва бонкҳои марказии бисёр мамлакатҳо дар соҳаи танзим ва назорати фаъолияти бонкӣ, бинобар дараҷаи баланди ҳамбастагии низомҳои молиявӣ, ба даст гирифтани назорати вазъи баамаломада дар низоми бонкӣ имкон надошт. Дар шароити муосир яке аз вазифаҳои асосии давлат таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ ва бонкҳои тиҷоратии алоҳида мебошад, ки тавассути воситаҳои гуногуни танзимкунии макропруденсиалӣ, ки аз ҷониби мақомоти дахлдори танзим ва назорати давлатии низоми бонкии мамлакат (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон – БМТ) амалӣ карда мешавад. Дар ин маврид устувории рушди иқтисодиёт талаб мекунад, ки тамоми унсурҳои таркибии он – ниҳодҳои молиявӣ, бозор ва инфрасохтор қодир бошанд, ки дар робитаи байниҳамдигарӣ таъсирҳои берунии номатлубро танзим карда, натиҷаҳои онҳоро рафъ намоянд.

Вобаста ба гуфтаҳои боло, мо чунин мешуморем, ки устувории низоми бонкӣ – ин хосияти ҳамаҷониба мебошад ва аз нигоҳи методологӣ ҳаминро мефаҳмонад, ки танзим, идоракунӣ ва таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ бояд дар ягонагии се ҷанбаи бо ҳам пайваста баррасӣ карда шавад:

1) дар ягонагии зич бо устувории умумииқтисодӣ дар мамлакат;

2) дар алоқамандии байниҳамдигарии бонки тиҷоратии алоҳида бо устувории молиявии низоми бонкӣ ҳамчун низоми том;

3) аз нигоҳи бонки тиҷоратии алоҳида ва хусусиятҳои сохтори он.

Ҳамин тариқ, устуворӣ – ин хосияти макроиқтисодии ҳам тамоми низоми бонкӣ ва ҳам бонки тиҷоратии алоҳида ҳамчун унсури таркибии ин низом мебошад. Тадбирҳои асосӣ барои таъмини устувории низоми бонкӣ ва устувории бонкҳои тиҷоратии алоҳида дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби БМТ дар доираи амсилаи танзими низоми бонкӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд, ки асосан вазифаҳои танзим ва назоратро дар бар мегирад.

Танзим ва назорати фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби БМТ бо чунин роҳҳо сурат мегирад:

- таҳлили фосилавии ҳисоботи молиявии бонкҳо, ки дар асоси он назорати ҳармоҳаи риояи меъёрҳои иқтисодии ҳатмӣ ва дигар меъёрҳои пруденсиалӣ анҷом дода мешавад;

- таҳлил ва муайян кардани дараҷаи хавфҳои бонкӣ дар раванди назорати фосилавӣ ва гузаронидани санҷишҳо;

- назорати бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси арзёбии мартабавӣ бо ёрии методикаҳои тавсиядодаи ташкилотҳои молиявии байналмилалӣ (аз ҷумла методикаи CAMELS) ва муайян кардани мартабаи ҳар кадоми онҳо дар низоми бонкии мамлакат;

- такмили назорати ҳисоботи муттаҳидаи бонкҳои тиҷоратӣ ва назорати ба хавф нигаронидашуда.

БМТ ба хотири ҳимояи манфиатҳои пасандоздорон, қарздиҳандагон ва таъмини устувории низоми бонкӣ танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратиро тавассути муқаррар намудани меъёрҳои пруденсиалӣ, ки дар Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» оварда шудаанд ва мо онҳоро дар бобҳои пешини диссертатсия баррасӣ карда будем, ба ҷо меорад.

Омӯзиши мо нишон медиҳад, ки амсилаи амалкунандаи танзим ва назорати бонкӣ ба таъмини устуворӣ ва эътимоднокии молиявии унсурҳои алоҳидаи низоми бонкӣ равона гардида, вазифаҳои худро оид ба таъмини устувории умумии молиявии низоми бонкӣ пурра ва самаранок иҷро намекунад. Вазифаи мазкур метавонад танҳо бо ташаккули амсилаи нави танзими низоми бонкӣ, ки ба таъмини устувории бонизоми бахши бонкӣ равона шуда бошад (на ба рафъи ноустувории молиявии бонкҳои тиҷоратии алоҳида), пурра ва ҳамаҷониба амалӣ гардад.

Таҳқиқоти мо тасдиқ мекунад, ки айни замон БМТ бо мақсади таҳкими устувории низоми бонкӣ ва такмили танзим ва назорати бонкҳои тиҷоратӣ сиёсатеро пеш мебарад, ки ба ҳавасмандгардонии бонкҳои тиҷоратӣ барои тадриҷан зиёд кардани маблағҳо (сармоя)-и худӣ нигаронида шудааст. Хусусияти фаъолияти бонкҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ин назорати қатъии БМТ

аз болои татбиқи меъёрҳо (стандартҳо)-и ҳатмии иқтисодӣ мебошад, ки асоси аксари онҳо маблағҳо (сармоя)-и худи онҳо мебошанд.

Воқеан, тавре мо дар бобҳои пешини диссертатсия тасдиқ кардем, устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро пеш аз ҳама нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя муайян мекунанд. Муайян намудани миқдори кофии маблағҳои худӣ ва нигоҳ доштани онҳо дар доираи меъёрҳои ҳатмии муқарраршудаи танзимӣ яке аз роҳҳои асосии идоракунии сармоя барои ниҳоди танзимкунанда ва худи бонк мебошад. Таҳлили доимии сохтор ва бузургии маблағҳои худӣ, таркиби дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда шарти зарурии идоракунии фаъолияти бонк ва щам идоракунии хавфҳо мебошад.

Дар робита ба амсиласозии рафтори низомҳои бонкӣ вазифаи содатар ин таҳлили қонуниятҳои асосии дохилии иқтисодиёти миллӣ тавассути таҳияи низомҳои нишондиҳандаҳо мебошад. Ба андешаи мо, дар амсилаи нави танзим ва назорати низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мавқеи асосиро бояд масъалаҳои кифоятии сармояи худӣ ва танзими хавфҳо дар фаъолияти онҳо бо назардошти муқаррарот ва меъёрҳои Кумитаи Базел оид ба танзим ва назорати бонкӣ ишғол намоянд. Бояд зикр кард, ки Кумитаи Базел бо пешниҳоди стандартҳо ва методикаи мукаммалгардидаи сифати назорат ва идоракунии хавфҳо дар бахши бонкӣ (Базел III) як қатор тавсияҳо нисбат ба сармояи худӣ, левериҷ (таносуби воситаҳои худӣ ва қарзӣ) ва пардохтпазирӣ муқаррар кардааст, ки барои таҳияи амсилаи нави таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ замина фароҳам овардаанд. Нишондиҳандаҳои нави левериҷ ва пардохтпазирӣ меъёрҳои талаботи ҳадди ақалро, ки ба хавф асос меёбад, ҳамчун тарзи таъмини маблағгузорӣ дар ҳолати буҳрон, бе дучор шудан ба хавф пурратар мекунанд. Ҳамин тариқ, вазифаҳои Кумитаи Базел ба амалисозии стандартҳои ягона дар соҳаи танзим ва назорати бонкӣ тавассути таҳияи принсипҳои асосӣ ва тавсияҳои методӣ барои онҳо равона гардидаанд. Таҳияи методикаҳои танзим ва идоракунии беҳтари кифоятии сармоя, барои ноил гардидан ба устувории бахши бонкӣ ба ҳимоя аз

хавфҳои бонкӣ асос ёфтааст. Яъне меъёрҳои кифоятии сармоя ҳамчун маҳдудкунанда барои анҷом додани амалиёти бонкии дорои хавфи баланд ба кор бурда мешаванд.

Омодагии тӯлонии БМТ барои гузариш ба стандартҳои байналмилалӣ дар робита ба сармояи танзимшаванда ва нишондиҳандаҳои кифоятӣ тавассути татбиқи ботадриҷи талаботи Кумитаи Базел дар тафсири он, ки ба хусусиятҳои иқтисодии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ аст, идома дорад. Вале татбиқи пурраи қоидаҳои муқаррарнамудаи Созишномаи Базел III ҷиҳати танзим ва назорати низоми бонкӣ тавассути арзёбии хавф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкил аст. Сабаби чунин сурат гирифтани вазъият сатҳи пасти дониши кормандон ва менеҷменти бонкҳои тиҷоратӣ дар дарки қоидаҳои байналмилалии танзим ва назорати бонкӣ, надоштани малакаҳои идоракунӣ мебошад. Аз ин рӯ, ба БМТ зарур аст, ки талаботи стандартҳои байналмилалиро мутобиқи муқаррароти созишномаи нави Базел III тавассути такмили муқаррарот ва дастурамалҳои танзим ва назорати фаъолияти бонкӣ, ки бо такя ба онҳо бонкҳои тиҷоратӣ сармояи худ ва дараҷаи кифоятии онро ҳисоб мекунанд, дар амсилаи нави танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҷорӣ намояд.

Муқаррароти созишномаи Базел III ба бартараф кардани камбудиҳои Базел II нигаронида шуда, бояд ба ноилгардии суботи низоми бонкии ҷаҳонӣ, ки ба тамоми бухронҳои молиявӣ истодагарӣ карда тавонад, оварда расонанд. Тавре бухрони молиявии ҷаҳонӣ нишон дод, ҷиҳатҳои нисбатан сусти Базел II дар робита ба таҳкими устувории молиявӣ тавассути истифодаи нишондиҳандаҳои сармоя инҳо мебошанд: ташаккули пастсифати сармояи бонкҳо; сатҳи нокифояи пардохтпазирӣ; назорати сусти фаъолияти бонкҳо [63, с. 14].

Созишномаи Базел III аз муқаррароти созишномаи Базел II даст накашидааст, баръакс ба онҳо такя мекунад. Вале дар санади мазкур бандҳои алоҳидае такмил дода шуда, аз тавсия ба талабот табдил ёфтаанд. Илова бар ин, як қатор стандартҳои нав ворид карда шудааст. Талабот ба сармояи бонк

ҷиддитар шуда, муҳимии марҳилаҳои даври иқтисодӣ таъқид карда шудааст (вобаста ба марҳилаҳо ташаккули ҳоилҳои контрсиклӣ тавсия дода мешавад). Базел III ба кам кардани дучоршавии низомҳои бонкӣ ба бухронҳои иқтисодӣ, таҳкими сифати идоракунии хавфҳо, тавсеаи шаффофият ва пуррагии ифшои иттилоот аз ҷониби бонкҳо нигаронида шудааст.

Агар сифати сармояи бонкӣ аз рӯи Базел III баррасӣ карда шавад, метавон мушоҳида кард, ки бузургии сармояи дараҷаи якум (сармояе, ки метавонад ҳангоми фаъолияти ҷории бонк зарарҳоро пӯшонад) ва сармояи дараҷаи дуюм (сармояе, ки метавонад ҳангоми барҳамдиҳии бонк зарарҳоро пӯшонад) чӣ қадар афзудааст. Тағйироти асосӣ дар стандартҳои ташаккули сармояи дараҷаи якум ба амал омадаанд. Дар таркиби сармояи мазкур сармояи асосии дараҷаи якум ва сармояи иловагии дараҷаи якум ҷудо карда мешаванд. Сармояи асосӣ нисбатан боэътимодтар ҳисобида мешавад. Ба таркиби сармояи дараҷаи якум сармояи саҳомии пардохтшуда, фоидаи тақсимнашуда ва даромади эмиссионӣ аз рӯи саҳмияҳои оддӣ дохил мешаванд. Мақсади он пӯшонидани талафоти имконпазири ғайричашмдошти бонк аст, вале он захира ё фоидаи бонк нест, ки зарарҳои интизориро пӯшонад.

Дар созишномаи Базел III таносуби мустақими байни сармояи дараҷаи якум ва сармояи дараҷаи дуюм муқаррар карда намешавад, вале он тавассути талабот ба коэффитсиентҳои кифоятии сармоя ифода меёбад:

$$\frac{\text{Сармояи саҳомии дараҷаи 1}}{RWA} \geq 4{,}5\% \qquad (3.1.1)$$

$$\frac{\text{Сармояи дараҷаи 1}}{RWA} \geq 6\% \qquad (3.1.2)$$

$$\frac{\text{Сармояи умумии танзимшаванда}}{RWA} \geq 8\% \qquad (3.1.3)$$

дар ин ҷо: $RWA$ (Risk-weighted asset) – дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда.

Яке аз навовариҳои Базел III дар самти кифоятии сармоя ташкили ҳоилҳои сармоя – ҳоили консервативӣ ва ҳоили контрсиклӣ мебошад. Ин ҳоилҳо як навъ илова ба талаботи кифоятии сармоя мебошанд. Ҳоили консервативӣ барои пӯшонидани талафот дар давраи таназзули иқтисодӣ ташкил карда шуда, ҳоили контрсиклӣ ба маҳдуд кардани қарздиҳӣ дар давраи рушди иқтисодӣ нигаронида шудааст. Ҳарду ҳоилҳо аз воситаҳои сармояи асосии дараҷаи якум, яъне сармояи боэътимодтарин ва ба осонӣ табдилшаванда ташаккул меёбанд. Тавре буҳрони молиявии охирин нишон дод, дар давраи зарурати фаврӣ ба сармоягузорӣ ба иқтисодиёт дар миқёси ҷаҳонӣ бонкҳо ҳаҷми қарзро кам карданд. Ҳоили контрсиклӣ чунин мушкилотро ҳал хоҳад кард: он бонкҳоро аз фаъолияти аз ҳад зиёди қарздиҳӣ дар давраи барқароршавии иқтисодиёт муҳофизат ва дар давраи буҳронҳои иқтисодӣ ҳавасманд мекунад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоили сармоявии контрсиклӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии БМТ танзим гардида, вобаста ба тағйирёбии хавфи низом метавонад кам ё зиёд карда шавад. Меъёри он барои бонкҳои тиҷоратӣ дар ҳудуди муайян аз дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда муқаррар гардида, иҷрои он ҳатмӣ мебошад ва дар ҳолатҳои истисноӣ метавонад аз ин ҳудуд баландтар бошад.Ба сифати маҳаки ташкили ҳоили контрсиклӣ нишондиҳандаи К – таносуби бузургии умумии қарзҳои додашуда (Қ) ва ММД дар пӯё истифода мешавад:

$$K = \frac{Қ_t}{ММД_t} \times 100\% \qquad (3.1.4)$$

дар ин ҷо: $t$ - давраи вақт.

Ҳоили консервативӣ бошад, барои ҳимояи бонкҳо аз хавфҳои низом ҷорӣ карда мешавад. Он аслан ҳамчун лӯлаи бехатарӣ ҳангоми мушкилоти низом амал карда, бонкҳоро аз хавфҳои «сироятӣ», яъне вақте ки вазъи иқтисодӣ дар як

мамлакат боиси мушкилоти молиявӣ дар мамлакати дигар мегардад, муҳофизат мекунад.

Ҳамин тариқ, талабот ба кифоятии сармоя меафзояд. Ҳангоми татбиқи ҳарду ҳоилҳо сатҳи кифоятии сармоя ду маротиба зиёд мешавад: $\text{андозаи ақали кифоятии сармоя } (4{,}5\%) + \text{ ҳоили консервативии } 2{,}5\% + + \text{ҳоили контрсиклии } 2{,}5\% = 9\%.$

Илова ба ҳоилҳои сармоя Базел III ҳамчунин коэффитсиенти левеиҷи молиявӣ (leverage ratio)-ро ҷорӣ мекунад. Нақши коэффитсиенти мазкур дар он ифода меёбад, ки сатҳи қарзгирии бонкҳоро маҳдуд ва сифати сармояро баланд мебардорад. Буҳрони молиявии охирин нишон дод, ки аксари бонкҳо дар мавриди қонеъ гардонидани ҳамаи талаботи ба сифати сармоя пешкашшаванда левериҷи молиявии бағоят калон доранд. Қаблан левериҷ аз рӯи дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда ҳисоб карда мешуд, ки дар ин маврид амсилаҳои ҳисобкунии хавфҳоро ҳар як бонк худ мустақилона таҳия мекард. Аз ҷониби Кумитаи Базел дар бораи дахолат накардан ба амсилаҳои дохилии бонкҳо ва ворид кардани коэффитсиенти ба хавфҳо асоснаёфта қарор қабул карда шуд. Ин коэффитсиент ($L$) ҳамчун таносуби сармояи бонк бар ҳаҷми умумии дороиҳо ва талаботи ғайритавозунии бо назардошти хавф баркашнашудаи он ($A_{total}$) ҳисоб карда мешавад. Меъёрҳо барои сармояи асосии дараҷаи якум ($L_1$) ва барои сармояи умумии дараҷаи якум ($L_2$) муқаррар карда шудаанд:

$$L_1 = \frac{\text{Сармояи саҳомии дараҷаи 1}}{A_{total}} \qquad (3.1.5)$$

$$L_2 = \frac{\text{Сармояи дараҷаи 1}}{A_{total}} \qquad (3.1.6)$$

Тавассути коэффитсиенти левериҷи молиявӣ талабот на танҳо нисбат ба сохтори сармояи бонки тиҷоратӣ, инчунин нисбат ба сохтори умумии тавозуни он пурзӯр мешаванд. Коршиносон бар ин назаранд, ки ин коэффитсиент ҳаҷми

қарздиҳии бонкҳои тиҷоратиро хеле коҳиш дода, арзиши қарзҳоро боло мебарад, зеро он аз рӯи бузургии умумии дороиҳо ҳисоб карда мешавад, на аз рӯи дороиҳои бо назардошти  хавф баркашидашуда. Инчунин имкон дорад, ки ҷорӣ намудани ин коэффитсиент боиси афзоиши қарздиҳии дорои хавфи баланд ва даромади баланд шавад, зеро дар ин ҷо сатҳи хавф ба ҳисоб гирифта намешавад.

Навовариҳои дар боло зикргардида, ки асоси амсилаи нави танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро ташкил медиҳанд, ба пайдо шудани мушкилоти сармоякунонии бонкҳо, инчунин ба пастшавии нишондиҳандаи кифоятии сармоя дар бахши бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон боис мешаванд. Талаботи Базел оид ба ҳисобкунии кифоятии сармояи бонкҳои тиҷоратӣ дар дастурамалҳои Раёсати БМТ ва Асосҳои сиёсати макропруденсиалии БМТ ба инобат гирифта шудаанд.

Акнун дар асоси маълумоти омории БМТ таҳлили пойгоҳи сармоявии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба ҷо меорем. Ба ин хотир, пеш аз ҳама пӯёи сармояи худии бонкҳои тиҷоратиро дар панҷ соли охир (солҳои 2019-2023) муайян мекунем (ҷадвали 3.1.1).

Аз ҷадвали 3.1.1 мушоҳида мешавад, ки дар давраи таҳлилӣ (солҳои 2019-2023) сармояи умумии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола зиёд шуда, аз 2437,4 млн. сомонии охири соли 2019 то ба 5735,6 млн. сомонӣ дар охири соли 2023 расидааст.

Ҳамин тариқ, маблағи умумии сармояи худии бонкҳо дар охири соли 2023 нисбат ба охири соли 2019 ба андозаи 2,3 маротиба зиёд шудааст. Дар ин маврид суръати афзоиши баландтарин дар ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон» (3,3 маротиба), ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» (3,2 маротиба), ҶСК «Бонки Эсхата» (2,5 маротиба), ҶСП «Бонки Арванд» (2,5 маротиба), КВД БА ҶТ «Амонатбонк» (2 маротиба) ва ҶСП «Спитамен Бонк» (2 маротиба) ба назар мерасад. Дар ду бонк суръати афзоиши сармояи худӣ манфӣ мебошад: Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ (-20,6%) ва ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» (-1%).

**Ҷадвали 3.1.1. – Пӯёи сармояи худии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон**, дар охири давра, млн. сомонӣ

| | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023/2019 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | 428,8 | 457,9 | 575,7 | 720,5 | 859,7 | 2 маротиба |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 761,8 | 919,9 | 1026,3 | 1135,5 | 1248,6 | 163% |
| ҶСК «Бонки Эсхата» | 389,8 | 450,5 | 574,5 | 822,5 | 978,7 | 2,5 маротиба |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | 121,9 | 120,5 | 129,9 | 222,4 | 392,4 | 3,2 маротиба |
| ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон» | 100,2 | 174,4 | 235,6 | 278,7 | 328,4 | 3,3 маротиба |
| ҶСК «Тавҳидбонк» | 85,2 | 88,9 | 109,2 | 116,8 | 99,2 | 116,4% |
| ҶСП «Авалин бонки молиявии хурд» | 136,7 | 144,6 | 167,4 | 197,7 | 236,7 | 173,1% |
| ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | - | - | - | 253,4 | 224,4 | |
| ҶСП «Спитамен Бонк» | 110,3 | 126,1 | 154,5 | 178,1 | 205,3 | 2 маротиба |
| КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | - | 384,3 | 473,3 | 507,1 | 570,3 | - |
| ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | 56,1 | 56,4 | 14,6 | 17,1 | 55,6 | -1% |
| ҶСП «Бонки Арванд» | 86,5 | 107,3 | 124,8 | 154,2 | 216,6 | 2,5 маротиба |
| ҶСК «Алиф Бонк» | - | 55,6 | 117,6 | 173,0 | 174,9 | - |
| ҶСП «Актив Бонк» | 106,7 | 112,4 | 102,5 | 100,8 | 102,4 | -4% |
| Филиали бонки «Тиҷорат»- и ҶИЭ | 53,4 | 59,6 | 35,2 | 36,7 | 42,4 | -20,6% |
| Ҳамагӣ | 2437,4 | 3258,4 | 3841,1 | 4914,5 | 5735,6 | 2,3 маротиба |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти БМТ [86]**

Сохтори сармояи худии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар панҷ соли охир (солҳои 2019-2023) дар ҷадвали 3.1.2 оварда шудааст.

Зикр бояд кард, ки маълумоти муфассал барои ба ҷо овардани таҳлили сохтори сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ, муайян кардани манбаъҳои афзоиш ё камшавии сармояи худии бонкҳо дар омори расмӣ дастрас нест. Дар омори БМТ танҳо маълумоти умумӣ оид ба се унсури сармояи бонкҳои тиҷоратӣ - сармояи пардохтшуда, захираҳо (бе ҷудо кардан ба намудҳои алоҳида) ва фоидаи соли ҷорӣ пешниҳод карда мешавад. Вобаста ба чунин маҳдудияти иттилоот таҳлили умумии сохтори сармояи бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар асоси маълумоти ҷадвали 3.1.2 анҷом медиҳем.

**Ҷадвали 3.1.2. – Сохтори манбаъҳои ташаккули сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ**, дар охири давра, млн. сомонӣ

| | 2019 | | | 2020 | | | 2021 | | | 2022 | | | 2023 | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Сармояи пардохтшуда | Захираҳо | Фоидаи соли ҷорӣ | Сармояи пардохтшуда | Захираҳо | Фоидаи соли ҷорӣ | Сармояи пардохтшуда | Захираҳо | Фоидаи соли ҷорӣ | Сармояи пардохтшуда | Захираҳо | Фоидаи соли ҷорӣ | Сармояи пардохтшуда | Захираҳо | Фоидаи соли ҷорӣ |
| КВД БА ҶТ «Амонатбонк» | 60,9 | 325,9 | 42 | 60,9 | 345,7 | 51,3 | 60,9 | 448,6 | 66,2 | 70,9 | 548,0 | 101,6 | 80,9 | 649,6 | 129,1 |
| ҶСК «Ориёнбонк» | 484,9 | 193,3 | 83,6 | 484,9 | 275,1 | 160 | 625,3 | 273,2 | 127,7 | 625,3 | 411,7 | 98,4 | 625,3 | 505,1 | 118,2 |
| ҶСК «Бонки Эсхата» | 125,3 | 205,6 | 58,9 | 125,3 | 248 | 77,2 | 125,3 | 333,2 | 116 | 125,3 | 380,0 | 317,2 | 125,3 | 632,7 | 220,7 |
| ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» | 94,5 | 13,5 | 13,9 | 104,5 | 3,9 | 12,1 | 104,5 | 25,4 | 92,5 | 104,5 | 25,4 | 92,5 | 218,5 | 4,0 | 169,9 |
| ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон» | 89,6 | 2,4 | 8,2 | 160,0 | 8,4 | 6,0 | 210,0 | 14,4 | 11,2 | 210,0 | 25,1 | 43,7 | 260,0 | 25,7 | 42,6 |
| ҶСК «Тавҳидбонк» | 65,0 | 22,7 | -2,5 | 65,0 | 20,2 | 3,7 | 85,0 | 19,8 | 4,4 | 85,0 | 19,8 | 12,0 | 85,0 | 19,8 | -5,6 |
| ҶСП «Авалин бонки молиявии хурд» | 93,3 | 25,1 | 18,3 | 93,3 | 38,6 | 12,7 | 93,3 | 44,9 | 29,1 | 93,3 | 65,0 | 39,4 | 93,3 | 101,4 | 42,0 |
| ҶСП «Душанбе Сити Бонк» | - | - | - | - | - | - | - | - | - | 81,0 | 22,4 | 150,0 | 81,0 | 92,4 | 51,0 |
| ҶСП «Спитамен Бонк» | 66,6 | 32,4 | 11,3 | 66,6 | 54,4 | 5,1 | 80,2 | 68,9 | 5,5 | 80,2 | 70,5 | 27,4 | 80,2 | 97,3 | 27,9 |
| КВД БССТ «Саноатсодиротбонк» | - | - | - | 200 | 180 | 4,3 | 380,0 | 62,8 | 30,5 | 438,7 | 32,8 | 35,6 | 438,7 | 94,8 | 36,7 |
| ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» | 64,2 | -25,9 | 17,8 | 64,2 | -8,1 | 0,3 | 64,2 | -7,8 | -41,8 | 64,2 | -49,5 | 2,4 | 100,0 | -47,1 | 2,7 |
| ҶСП «Бонки Арванд» | 53,5 | 22,9 | 10,2 | 55,4 | 48,6 | 3,3 | 55,4 | 60,4 | 9,0 | 51,4 | 73,1 | 51,5 | 50,2 | 136,2 | 30,2 |
| ҶСК «Алиф Бонк» | 50,0 | 3,7 | 1,9 | 50,0 | 2,5 | 4,1 | 95,3 | 34,9 | -12,6 | 95,3 | 35,1 | 42,6 | 110,6 | 64,3 | 0,1 |
| ҶСП «Актив Бонк» | 34,4 | 59,4 | 13,0 | 34,4 | 72,4 | 5,6 | 34,4 | 73,3 | -5,2 | 34,4 | 67,3 | -0,9 | 34,4 | 67,2 | 0,8 |
| Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ | 16,4 | 36,7 | 0,3 | 16,4 | 37,0 | 6,2 | 16,4 | 356,5 | -338 | 313,5 | -279,5 | 2,7 | 313,5 | -275,4 | 4,2 |
| **Ҳамагӣ** | **1298,6** | **917,7** | **276,9** | **1580,9** | **1326,7** | **351,9** | **2030,2** | **1808,5** | **94,5** | **2473** | **1447** | **1016** | **2697** | **2168** | **870,5** |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси ҳисоботҳои молиявии бонкҳо [86]**

Аз ҷадвали 3.1.2 мушоҳида мешавад, ки бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар охири соли 2019 фаъолияти худро бо маблағи умумии сармояи худии 2493,2 млн. сомонӣ, аз ҷумла сармояи пардохтшуда - 1298,6 млн. сомонӣ, захираҳо – 917,7 млн. сомонӣ ва фоидаи тақсимнашудаи 276,9 млн. сомонӣ анҷом додаанд. Сармояи худии умумии бонкҳои тиҷоратӣ ҳамасола зиёд шуда, суръати афзоиши он дар давраи таҳлилӣ 2,3 маротибаро ташкил додааст.

Суръати афзоиши баландтаринро дар давраи таҳлилӣ ҶСП «Коммерсбонк Тоҷикистон» - 3,3 маротиба, ҶСП «Бонки байналмилалии Тоҷикистон» - 3,2 маротиба, ҶСК «Алиф Бонк» - 3,1 маротиба, ҶСП «Бонки Арванд» - 2,5 маротиба, ҶСК «Бонки Эсхата» - 2 маротиба ва КВД БА ҶТ «Амонатбонк» - 2 маротиба ноил гардидаанд. Суръати афзоиши сармояи худии Филиали бонки «Тиҷорат»-и ҶИЭ, ҶСП «Актив Бонк» ва ҶСП «Бонки рушди Тоҷикистон» дар давраи таҳлилӣ манфӣ мебошад.

Суръати афзоиши унсурҳои алоҳидаи сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ дар ин давра чунин аст: сармояи пардохтшуда – 2,1 маротиба, захираҳо – 2,4 маротиба, фоидаи тақсимнашуда – 3,1 маротиба. Барои муайян кардани саҳми афзоиши унсурҳои алоҳидаи сармоя дар афзоиши умумии он зиёдшавии маблағи унсурҳои сармояро дар давраи таҳлилӣ бо ифодаи мутлақ муайян мекунем: сармояи пардохтшуда – 1398,4 млн. сомонӣ (2697-1298,6), захираҳо – 1250,3 млн. сомонӣ (2168-917,7), фоидаи тақсимнашуда – 593,6 млн. сомонӣ (870,5-276,9). Аз ин бармеояд, ки афзоиши сармояи худии бонкҳои тиҷоратӣ бештар аз ҳисоби афзоиши сармояи пардохтшуда ва захираҳо ба амал омадааст.

БМТ вобаста ба татбиқи муқаррароти Созишномаи Базел дар доираи амсилаи нави танзим ва назорати низоми бонкӣ доир ба арзёбии устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ нишондиҳандаҳои зиёдеро таҳлил ва арзёбӣ мекунад, ки мо онҳоро ҳангоми аҳлили раванди барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар параграфи 2.1 баррасӣ карда будем.

Агар ба иттилооти охирини БМТ оид ба шарҳи устувории молиявии низоми бонкӣ назар кунем [158], мебинем, ки ҳама нишондиҳандаҳое, ки БМТ

бо ҳисоб кардани онҳо устувории низоми бонкиро дар мамлакат арзёбӣ мекунад, дар доираи қиматҳои тавсиявӣ (мақбул) ва аз онҳо баланд қарор доранд. Аз ҷумла аз иттилооти мазкур бармеояд, ки дар ҷамъбасти семоҳаи охирини соли 2023 нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя дар низоми бонкӣ (К1-1) ба 21,3% баробар гардидааст, ки ин аз талаботи муқарраршуда 9,3 банди фоизӣ зиёд аст. Афзоиши нобаробари сармояи танзимшаванда (21,1%) ва дороиҳои бо назардошти хавф баркашидашуда (43,6%) дар ин давра ба тағйир ёфтани меъёри кифоятии сармоя (К1-1) боис гардид. Қимати меъёри К1-3 бошад 17,1%-ро ташкил додааст. Бояд қайд кард, ки аз сатҳи талаботи ҳадди ақал баланд будани нишондиҳандаи меъёри кифоятии сармоя ба кам шудани талафоти эҳтимолии молиявӣ ва таъмини фаъолияти бемамониати низоми бонкӣ мусоидат менамояд. Меъёри пардохтпазирӣ (К2-1)-и низоми бонкӣ низ аз доираи талаботи ҳадди ақали меъёри мақбул (30%) зиёд буда, 81,0%-ро ташкил додааст. Нишондиҳандаҳои даромаднокии низоми бонкӣ аз рӯйи дороиҳо ва сармоя тамоюли муътадил дошта, мувофиқан қиматҳои 3,7% ва 19,2%-ро қабул кардаанд.

Ҳиссаи қарзҳои ғайрифаъол (зиёда аз 30 рӯз батаъхирафтода) дар сандуқи қарзӣ аз 12,2% дар охири моҳи декабри соли 2022 то ба 12,7% дар охири моҳи декабри соли 2023 зиёд шудааст. Нишондиҳандаи фонди пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба қарзҳои ғайрифаъол бошад, дар ин давра ба 97,3% баробар гардидааст. Ҳамчунин бояд қайд кард, ки таносуби нишондиҳандаи қарзҳои ғайрифаъол тарҳи фонди махсус барои пӯшонидани талафоти имконпазир нисбат ба сармояи танзимшаванда ба ҳолати 31 декабри соли 2023 0,97%-ро ташкил додааст, ки ин бузургӣ аз кам будани сарбории қарзҳои ғайрифаъол ба сармоя далолат медиҳад. Дар охири моҳи декабри соли 2023 ҳиссаи қарзҳои асъорӣ дар муқоиса ба моҳи декабри соли 2022 ба андозаи 4,2 банди фоизӣ афзоиш ва ҳиссаи пасандозҳои асъорӣ ба андозаи 0,2 банди фоизӣ коҳиш ёфта, мувофиқан 33,2% ва 44,5 %-ро ташкил додаанд. Яке аз роҳҳои муайян намудани осебпазирии сармояи низоми бонкӣ ба хавфи асъорӣ ин таносуби мавқеи умумии

кушодаи асъорӣ нисбат ба сармояи танзимшаванда мебошад, ки ин номувофиқатии мавқеи асъорро аз рӯйи дороиҳо ва уҳдадориҳо (мавқеи кушода) нишон медиҳад. Тибқи таҳлилҳо сармояи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хавфи асъорӣ нисбатан камтар осебпазир буда, ба ҳолати охири соли 2023 ин нишондиҳанда (мавқеи кушодаи асъорӣ / сармояи танзимшаванда) 2,7%-ро ташкил додааст.

Бо вуҷуди маълумоти тасдиққунандаи устувории молиявии низоми бонкӣ дар мамлакат, андешидани тадбирҳо барои боз ҳам таҳким додани он зарур аст. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд, «Бонки миллӣ ва ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки дар самти дарёфти манбаъҳои иловагии маблағгузорӣ ва дар ин замина зиёд кардани пешниҳоди қарзҳои дарозмуддат, дастрас ва бо фоизи паст, инчунин, пурра ҷорӣ намудани низоми рақамии хизматрасониҳои бонкӣ дар ҳамаи минтақаҳои кишвар ва истифодаи васеи технологияҳои молиявӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд» [94]. Яъне имрӯз барои ҳарчи бештар мустаҳкам кардани устувории молиявии низоми бонкии мамлакат аз ҳама муҳим афзун кардани пойгоҳи захиравӣ мебошад, зеро тавре дар бобҳои пешини диссертатсия тасдиқ кардем, мушкилоти норасоии захираҳои молиявӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ омили асосии ноустувории молиявии бонкҳо, ба вазъи ногувори молиявӣ гирифтор шудан ва ҳатто ба муфлисӣ расидани якчанд бонкҳои тиҷоратӣ гардидааст.

Ҳамин тариқ, ба хотири таъмини устувории молиявӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ солимгардонии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур аст, ки онро метавон тавассути такмили амсилаи танзим ва назорат дар бахши бонкӣ анҷом дод. Барои ба ин ҳадаф расидан, ба андешаи мо таҳкими истифодаи тавсияҳои Созишномаи Базел III дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад. Ҳамчунин, вобаста ба пайдо шудани мушкилоти нав дар бахши бонкӣ, ки аз ноустувории рушди иқтисодӣ бармеоянд, омилҳои асосии рушди устувории низоми бонкӣ ташаккули стратегияҳои нави идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ, ташкили боз ҳам самараноки фаъолияти бонкӣ

мебошанд. Тавре муҳаққиқи рус О.И. Лаврушин қайд мекунад, «падидаҳои нав дар иқтисодиёт, аз ҷумла таъминоти иттилоотии он ва истифодаи технологияҳои нав ба фаъолияти бонкӣ таъсири калон мерасонанд» [71, с. 16]. Ба андешаи муҳаққиқ, аҳамияти интихоби стратегӣ ва ҷустуҷӯи амсилаҳои тиҷоратии нави афзалиятнок боз ҳам бештар мешавад ва амсилаи нави бонкӣ аксар вақт бо рушди технологияҳои нави бонкӣ алоқаманд ҳисобида мешавад. Яъне бо истифодаи технологияҳои иттилоотии нисбатан мукаммал бонкҳо имкон пайдо мекунанд, ки масрафҳоро кам ва даромадҳоро зиёд кунанд. Вале инро ҳам бояд ба назар гирифт, ки технологияҳои нави бонкӣ боиси пайдо шудани хавфҳои нав дар фаъолияти бонкӣ мегарданд, ки ин метавонад ба коҳиши устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ боис шавад. Бинобар ин, барои такмили амсилаи нави танзими фаъолияти бонкӣ ба хотири нигоҳ доштани устувории молиявии низоми бонкӣ ба таҳкими ҳамкории давлат ва бонкҳои тиҷоратӣ диққати муҳим додан зарур аст. Илова бар ин, зарур аст, ки бо роҳандозии танзим ва назорати фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ аз ҷониби БМТ амсилаҳои худтанзимкуунӣ ва назорат дар бонкҳои тиҷоратӣ ҷорӣ карда шаванд, ки ба ин васила ошкор намудан, таҳлил ва пешгирӣ кардани хавфҳои устувории молиявии бонкҳо тавассути арзёбии дохилии фаъолияти бонкҳо таъмин мегардад.

Ба андешаи мо, барои такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таъмин намудани чунин ҷиҳатҳои фаъолият дар низоми бонкӣ зарур аст:

- такмили пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ ба хотири густариши намудҳои нави фаъолият бо истифода аз технологияҳои нави бонкӣ;
- тавсеаи амалиёти фаъоли низоми бонкӣ бо истифода аз технологияҳои нави бонкӣ;
- ҷорӣ намудани усулҳо ва таъмини сифати баланди идоракунии корпоративии бонкӣ дар бонкҳои тиҷоратӣ;

- корбурди ҳамаҷонибаи стандартҳои байналмилалӣ (Созишномаи Базел III) барои ҳисобкунии меъёрҳои кифоятии сармояи бонкҳои тиҷоратӣ.

Дар самти ташкили пойгоҳи захиравии сифатан нав ва миқдоран калони бонкҳои тиҷоратӣ анҷом додани чунин корҳо тавсия дода мешавад:

- ҷалби ҳарчи бештари пасандозҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба гардиши молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, равона кардани онҳо барои зиёд кардани сармояи бонкҳо, тақсимкунии минбаъдаи захираҳои молиявӣ барои рушди фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ ва корхонаҳои тиҷоратӣ ба хотири таъмини рушди мутавозин ва босифати иқтисодии мамлакат;

- ҳавасманд намудани пасандозгузории аҳолӣ аз ҳисоби истифодаи ҳадафноки онҳо, пеш аз ҳама барои ҳалли масъалаҳои манзил;

- баланд бардоштани сатҳи кафолатҳои суғуртаи пасандозҳои шахсони воқеӣ;

- ҷалби сармояи хориҷӣ барои пур кардани пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратӣ ва сафарбар кардани он ба маблағгузории мустақими лоиҳаҳои сармоягузорӣ.

Дар самти тавсеаи амалиёти фаъоли низоми бонкӣ бо истифода аз технологияҳои нави бонкӣ ҳаминро қайд кардан зарур аст, ки мувофиқи қоидаҳои баҳисобгирии муҳосибӣ ва тартиб додани ҳисоботи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ маблағи дороиҳо бояд ба маблағи умумии уҳдадориҳо ва сармоя баробар бошад. Бинобар ин, бузургии дороиҳои низоми бонкӣ дар вобастагии бевосита аз бузургии уҳдадориҳо ва сармояи он қарор дорад. Дар асоси ин афзоиши амалиёти фаъол бояд аз ҷиҳатҳои зерин таъмин гардад:

- паст кардани арзиши захираҳои қарзӣ (фоизҳои қарз);

- таҳияи сиёсати қарзии сифатан нави бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси амсилаи муносибатҳои устувори мизоҷон ва таҳлили ҳамаҷонибаи хавфи қарзӣ барои ҳар як қарзгир;

- такмили пойгоҳи меъёрию ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳимояи манфиатҳои мизоҷон, таъминоти гарави қарз, расмиёти муфлисшавии қарзгирандагон.

Дар самти корбурди ҳамаҷонибаи стандартҳои байналмилалӣ (Созишномаи Базел III) барои ҳисобкунии меъёрҳои кифоятии сармояи бонкҳои тиҷоратӣ БМТ-ро зарур аст, ки номгӯй ва тартиби ҳисобкунӣ ва арзёбии меъёрҳои ҳатмиро барои арзёбии устувории бонкҳои тиҷоратӣ вобаста ба муқаррароти нави созишномаи Базел III бозбинӣ намояд.

## 3.2. Таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ дар асоси идоракунии пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ

Паёмадҳои бухронӣ дар низоми бонкии мамлакат зарурати идоракунӣ ва назорати боз ҳам қатъитари нишондиҳандаҳои асосии тавсифкунандаи устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро муайян мекунанд. Мизоҷони бонкҳои тиҷоратӣ, - шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ низ ба интихоби бонки хизматрасони худ аз нигоҳи масъулияти баланд муносибат доранд. Ҳамаи ин омилҳо мубрам будани масъалаҳои таҳия ва такмили равишҳои таҳлил ва идоракунии вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ ва дар ин асос таҳкими устувории молиявии онро муайян мекунанд.

Нишондиҳандаҳои асосии арзёбии устувории молиявии бонки тиҷоратӣ пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ мебошанд ва идоракунии дурусти онҳо омили асосии таҳкими устувории молиявӣ бонк мебошад. Зеро арзёбии саривақтӣ ва босифати вазъи молиявии бонки тиҷоратӣ ба устувории фаъолияти низоми бонкӣ, ҳимояи манфиатҳои ҷонибҳои манфиатдор - соҳибмулкон, пасандоздорон ва қарздиҳандагони бонк таъсири бевосита мерасонад.

Асоси идоракунии муносиби таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ин таҳлили нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ мебошад. Пеш аз ҳама, ин масъалаи эътимоди мизоҷон аст, зеро пардохтпазирии баланд нишонаи он аст, ки маблағҳои гузоштшуда метавонанд дар ҳар лаҳзаи вақт баргардонида шаванд. Бинобар ин, «сатҳи баланди эътимод инчунин устувории фаъолияти бонкро ифода мекунад, ки ин ба фаъолияти муътадили

низоми бонкӣ дар маҷмуъ оварда мерасонад» [121, с. 267]. Дар навбати худ, таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба устувории низоми бонкӣ оварда, ҳамин тариқ бо сафарбар кардани захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт мусоидат мекунад.

Одатан чунин стратегияҳои танзим ва идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳои бонкҳои тиҷоратӣ маъмул мебошанд [46, с. 289]: стратегияи идоракунии дороиҳо - бонк қисми зиёди эҳтиёҷоти худро ба дороиҳои пардохтпазир тавассути табдил додани дороиҳо ба пули накд қонеъ мекунад; стратегияи идоракунии уҳдадориҳо – муқаррар намудани назорати манбаъҳои маблағгузории бонк, ба монанди назорати дороиҳо; сиёсати идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо ё стратегияи идоракунии фондҳо - бонк маҷмуи хизматрасониҳои молиявиро, аз қабили қарзҳо, пасандозҳо, машваратҳо ва ғайра пешниҳод мекунад ва нархи ҳар як хизматрасонии фаъол ва ғайрифаъол бояд хароҷоти бонкро ҷуброн кунад.

Таҳлили сифати дороиҳо марҳилаи аввалии арзёбии фаъолият, заминаи таҳияи чораҳои рафъи норасоии захираҳои молиявӣ ва таҳкими устувории молиявии бонки тиҷоратӣ мебошад. Тавсифи сохторӣ ва сифатии дороиҳоро қобилияти пардохтпазирии бонк муайян мекунад. Сифати дороиҳои бонк бевосита ба кифоятии сармоя ва сатҳи хавфҳои қарзӣ таъсир мерасонад. Амалияи таҳлили устувории молиявӣ нишон медиҳад, ки арзёбии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ дар асоси маҳакҳои гуногун сурат мегирад (расми 3.2.1).

Ба сифати дороиҳои бонки тиҷоратӣ ҳалли масъалаи байни пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ таъсири назаррас мерасонад. Баланд бардоштани дараҷаи пардохтпазирии дороиҳо ба пурратар конеъ гардонидани талабот ба фондҳои пардохтпазир мусоидат мекунад, аммо ҳамзамон имкон намедиҳад, ки фоида ба ҳадди баландтарин расонида шавад. Пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ хусусиятҳои дороиҳои бонк мебошанд, ки дар самтҳои гуногун тағйир меёбанд, аз ин рӯ, беҳгардонии сифати дороиҳои бонки тиҷоратӣ бо муайян кардани таносуби беҳтарини байни онҳо алоқаманд аст.




**Расми 3.2.1. – Маҳакҳои арзёбии дороиҳои бонкҳои тиҷоратӣ**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф**

Марҳилаи аввалии таҳлили дороиҳои бонк ин таҳлили пӯёи онҳо мебошад, ки барои пайгирии тағйирёбии мутлақ ва нисбии нишондиҳандаҳои дороиҳои тавозуни бонки тиҷоратӣ имкон медиҳад. Дар ҷадвали 3.2.1 маълумот дар бораи таркиб ва пӯёи дороиҳои яке аз бонкҳои низомсози Ҷумҳурии Тоҷикистон - ҶСК «Бонки Эсхата» дар панҷ соли охир оварда шудааст.

Тавре маълумоти ҷадвали 3.2.1 гувоҳӣ медиҳанд, дар аввали давраи таҳлилӣ, яъне соли 2019 дар таркиби дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» вазни қиёсии бештарро қарзҳои пешниҳоднамудаи бонк ба мизоҷон якҷоя бо дороиҳои ба иҷораи молиявӣ додашуда ва маблағҳои овердрафт ташкил додаанд ($1360{,}4 \div 2105{,}1 \times 100\% == 64{,}6\%$). Бузургии дороиҳои мазкур ҳамасола зиёд шуда, суръати афзоиши онҳо дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба 221,9% (қариб 2,2 маротиба) мебошад. Вале вазни қиёсии дороиҳои мазкур дар соли 2023 ба андозаи 11,4% кам шуда, ба 53,2% расидааст. Пас аз қарзҳои ба мизоҷон пешниҳодшуда, дороиҳои ба иҷораи молиявӣ додашуда ва маблағҳои овердрафт, дар таркиби дороиҳои бонк вазни қиёсии баландтарро маблағҳо барои гирифтан аз БМТ ва дигар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ташкил медиҳанд ($330{,}6 \div 2105{,}1 \times 100\% = 15{,}7\%$). Дар суръати афзоиши маблағҳои мазкур низ ҳамасола тамоюли зиёдшавӣ мушоҳида мешавад, ки дар натиҷа бузургии онҳо дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 2,8 маротиба зиёд шудааст.

**Ҷадвали 3.2.1. – Таркиб ва пӯёи дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата»**, ба ҳолати санаи охири сол

| Дороиҳо | 2019 | 2020 | | 2021 | | 2022 | | 2023 | | 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | млн. сомонӣ | млн. сомонӣ | суръати афзоиш, % | млн. сомонӣ | суръати афзоиш, % | млн. сомонӣ | суръати афзоиш, % | млн. сомонӣ | суръати афзоиш, % | |
| Накдина | 245,9 | 212,1 | 86,3 | 359,9 | 169,7 | 581,0 | 161,4 | 387,9 | 66,8 | 157,7 |
| Ҳисобҳо дар БМТ ва талабот аз дигар ташкилотҳои қарзӣ | 330,6 | 459,3 | 138,9 | 501,5 | 109,2 | 865,9 | 172,7 | 925,6 | 106,9 | 2,8 маротиба |
| Сармоягузорӣ ба қоғазҳои қиматнок | 12,5 | 14,9 | 119,2 | 17,2 | 115,4 | 105,9 | 6,2 маротиба | 170,0 | 160,5 | 13,6 маротиба |
| Қарзҳо ба мизоҷон, иҷораи молиявӣ ва овердрафт | 1360,4 | 1508,9 | 110,9 | 2018,2 | 133,8 | 2452,7 | 121,5 | 3018,5 | 123,1 | 2,2 маротиба |
| Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 82,8 | 72,6 | 87,7 | 94,6 | 130,3 | 108,8 | 115,0 | 134,6 | 123,7 | 162,6 |
| Дигар дороиҳо | 72,9 | 176,2 | 241,7 | 257,5 | 146,1 | 150,3 | 58,4 | 1041,7 | 6,9 маротиба | 14,3 маротиба |
| Ҳамагӣ, дороиҳо | 2105,1 | 2444,0 | 116,1 | 3248,9 | 132,9 | 4264,6 | 131,3 | 5678,3 | 133,1 | |

**Сарчашма: ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии ҶСК «Бонки Эсхата»**

Дар замони муосир, дар амалияи хориҷии фаъолияти бонкӣ яке аз намудҳои дороиҳои даромадовари бонкҳои тиҷоратӣ, ки таваҷҷуҳ ба он бештар аст, сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок мебошад. Вале, тавре таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ба ин намуди дороиҳо дар бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар ҶСК «Бонки Эсхата» диққати муҳим дода намешавад.

Ҳамин тариқ, маблағи мутлақ ва вазни қиёсии сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок дар ҶСК «Бонки Эсхата» дар соли 2019 мувофиқан 12,5 млн. сомонӣ ва 0,6%-ро ташкил додааст. Вале ҷиҳати матлуб ин аст, ки дар пӯёи сармоягузориҳо ба коғазҳои қиматнок дар ҶСК «Бонки Эсхата» тамоюли афзоиш мушоҳида мешавад: бузургии онҳо дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ба андозаи 13,6 маротиба зиёд шуда, вазни қиёсии онҳо дар таркиби дороиҳои бонк ба 3% расидааст.

Унсури дигари аз ҷиҳати вазни қиёсӣ дар соли 2019 нисбатан муҳими дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» маблағи нақдина мебошад (11,7%), ки дар солҳои охири давраи таҳлилӣ кам шуда, дар соли 2023 маблағи 387,9 млн. сомониро ташкил додаанд, ки ин аз суръати афзоиши нисбатан пасти онҳо гувоҳӣ медиҳад (дар соли 2023 нисбат ба соли 2019 ҳамагӣ 157,7%), дар ҳоле ки бузургии унсурҳои дигари дороиҳо дар ин давра аз 2,2 маротиба (қарзҳо, иҷораи молиявӣ ва овердрафт) то 13,6 маротиба (сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнок) ва 14,3 маротиба (дигар дороиҳо) зиёд шудааст. Ин вазъ гувоҳӣ медиҳад, ки тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати афзалият додан ба амалиёти ғайринақдӣ дар муомилоти байни субъектҳои иқтисодӣ, муассисаҳои давлатӣ ва аҳолӣ, коҳиш додани амалиёти нақдӣ натиҷаи хуб додаанд.

Дар давраи таҳлилӣ дар ҶСК «Бонки Эсхата» бузургии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ низ зиёд шудааст. Дар соли 2019 маблағи умумии воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ 82,8 млн. сомонӣ буда, вазни қиёсии онҳо дар таркиби дороиҳои бонк 3,9%-ро ташкил додааст. Дар соли 2023 бошад, маблағи онҳо ба 134,6 млн. сомонӣ расида (суръати афзоиш – 162,6%), вале вазни қиёсии онҳо дар таркиби дороиҳои бонк ба андозаи 1,5 банди фоизӣ кам шуда,

2,4%-ро ташкил додааст. Ба андешаи мо, сабаби асосии зиёдшавии бузургии мутлақи воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ дар таркиби дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» ин рушди технологияҳои иттилоотӣ ва хизматрасониҳои электронӣ (фосилавӣ)-и бонкӣ мебошад, ки истифодаи бештари воситаҳои техникӣ ва барномаҳои компютерӣ (дороиҳои ғайримоддӣ)-ро талаб мекунад.

Бузургии дороиҳои дигари ҶСК «Бонки Эсхата» (аз ҷумла пешпардохт ва маблағҳо барои гирифтан), ки дар соли 2019 маблағи мутлақи 72,9 млн. сомонӣ ва вазни қиёсии 3,5%-ро дар таркиби дороиҳо ташкил медоданд, дар соли 2023 ба 1041,7 млн. сомонӣ расидааст (афзоиш – 14,3 маротиба), ки аз тавсеаи хизматрасониҳои фосилавӣ ва дигар хизматрасониҳо бо истифодаи технологияҳои нави бонкӣ гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тариқ, таҳлили таркиб ва пӯёи дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» нишон медиҳад, ки барои таҳкими устувории молиявии бонк аз ҳисоби идоракунии муносиби дороиҳо имконият мавҷуд аст, зеро аз рӯи тамоми моддаҳои дороиҳои бонк тамоюли зиёдшавӣ мушоҳида мешавад.

Идоракунии пардохтпазирӣ ҷанбаи меҳварии муайянкунандаи сатҳи самаранокии фаъолияти бонки тиҷоратӣ мебошад. Пардохтпазирӣ ҳамчун сифати дороиҳо ин қобилияти ҳарчи зудтар пайдо кардани харидори дороӣ ва баъдан ба даст овардани даромади баландтарин аз ҳисоби истифодаи он мебошад. Яъне он ба бонк барои иҷрои саривақтӣ ва пурраи уҳдадориҳои худ имконият муҳайё менамояд. Дараҷаи пардохтпазирии дороиҳои бонк аз истифодаи ҳадафмандона ва таъиноти онҳо вобаста мебошад.

Дар амалияи таҳлили пардохтпазирӣ ва арзёбии таъсири он ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҷудо намудани дороиҳои бонк вобаста аз дараҷаи пардохтпазирӣ (бозоргирӣ) ба чор гурӯҳ маъмул аст (ҷадвали 3.2.2): дороиҳои мутлақо бозоргир, дороиҳои бозоргириашон баланд, дороиҳои бозоргириашон паст ва дороиҳои бозоргириашон душвор ё ғайрибозоргир. Ин тарзи гурӯҳбандии дороиҳои бонк қобилияти дороиро барои табдил ёфтан ба пули нақд тавассути фурӯш ё пӯшонидани уҳдадорӣ ифода мекунад.

**Ҷадвали 3.2.2. – Гурӯҳбандии дороиҳои бонк вобаста аз дараҷаи бозоргирӣ**

| Гурӯҳи дороиҳо | Тафсири гурӯҳи дороиҳо |
|---|---|
| 1. Дороиҳои мутлақо бозоргир | То як рӯзи баъд ба нақдият мубаддал мегарданд, ё худ пули нақд мебошанд (маблағҳо дар хазина ва ҳисобҳои муросилотӣ, қоғазҳои қиматноки давлатӣ) |
| 2. Дороиҳои бозоргириашон баланд | Гузоришҳои кӯтоҳмуҳлат, ки дар давоми то 30 рӯзи баъдӣ ба пули нақд мубаддал мегарданд, қарзҳои кӯтоҳмуҳлат (қарзҳои кӯтоҳмуҳлат, қарзҳои байнибонкӣ, амалиёти факторингӣ, қоғазҳои қиматноки корпоративӣ барои фурӯш) |
| 3. Дороиҳои бозоргириашон паст | Қарзҳои дарозмуҳлат, қоғазҳои қиматноки муҳлати баргардониданашон то як сол (сармоягузориҳои бонк, қарзҳои муҳлаташон аз як сол зиёд, амалиёти лизингӣ, қоғазҳои қиматноки сармоягузорӣ) |
| 4. Дороиҳои бозоргириашон душвор ё ғайрибозоргир | Воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ (дастгоҳ ва таҷҳизот, аз ҷумла воситаҳои техникаи компютерӣ, биноҳо), дороиҳои ғайрибозоргир – қарзҳои муҳлатгузашта |

**Сарчашма: таҳияи муалиф дар асоси адабиёт [38; 46; 121]**

Гурӯҳбандии дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» вобаста аз дараҷаи бозоргирӣ (пардохтпазирӣ) дар ҷадвали 3.2.3 оварда шудааст.

Дар давраи таҳлилӣ дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» ба андозаи 2,7 маротиба зиёд шудаанд. Дар ин маврид зиёдшавӣ дар тамоми гурӯҳҳои дороиҳо ба назар мерасад. Вале афзоиши маблағҳои нақдина, ки ба гурӯҳи дороиҳои мутлақо бозоргир (якум) мансуб мебошанд, дар ин давра нисбат ба дигар намудҳои дороиҳо камтар аст (157,7%). Ҳамчунин афзоиши воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ низ, ки ба гурӯҳи дороиҳои бозоргириашон душвор (сеюм) мансуб мебошанд, нисбатан камтар (162,5%) мебошад.

**Ҷадвали 3.2.3. – Гурӯҳбандии дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» аз рӯи дараҷаи бозоргирӣ**, ба ҳолати санаи охири сол, ҳаз. сомонӣ

| Дороиҳо | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2023-2019 | 2023/2019, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. Дороиҳои мутлақо бозоргир | 576471,4 | 671355,2 | 861387,2 | 1446869,9 | 1313491,2 | 737019,8 | 2,3 маротиба |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| нақдина | 245902,9 | 212069,7 | 359921,3 | 580999,9 | 387888,7 | 141985,8 | 157,7 |
| ҳисобҳо дар БМТ | 139988,6 | 173816,4 | 262496,6 | 383090,1 | 524575,3 | 384586,7 | 3,7 маротиба |
| талабот аз дигар ташкилотҳои қарзӣ | 190579,9 | 285469,1 | 238969,3 | 482779,9 | 401027,2 | 210447,3 | 2,1 маротиба |
| 2. Дороиҳои бозоргириашон баланд | 1360432,3 | 1508916,0 | 2018158,0 | 2452689,3 | 3018526,9 | 1658094,6 | 2,2 маротиба |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| қарзҳо ба мизоҷон | 1360432,3 | 1508916,0 | 2018158,0 | 2452689,3 | 3018526,9 | 1658094,6 | 2,2 маротиба |
| 3. Дороиҳои бозоргириашон паст | 12519,7 | 14916,4 | 17165,3 | 105855,7 | 169986,2 | 157466,5 | 13,6 маротиба |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| сармоягузорӣ | 12519,7 | 14916,4 | 17165,3 | 105855,7 | 169986,2 | 157466,5 | 13,6 маротиба |
| 4. Дороиҳои бозоргириашон душвор ё ғайрибозоргир | 155767,5 | 248788,9 | 352173,4 | 259096,6 | 1176256,7 | 1020489,2 | 7,5 маротиба |
| аз ҷумла: | | | | | | | |
| воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 82838,8 | 72587,5 | 94627,3 | 108845,0 | 134591,8 | 51753,0 | 162,5 |
| пешпардохт ва маблағҳо барои гирифтан | 52570,2 | 84603,9 | 141100 | 141356,4 | 771368,7 | 718798,5 | 14,7 маротиба |
| дигар дороиҳо | 20358,5 | 91597,5 | 116446,1 | 8895,2 | 270296,2 | 249937,7 | 13,3 маротиба |
| Ҳамагӣ дороиҳо | 2105190,9 | 2443976,5 | 3248883,9 | 4264511,5 | 5678261,0 | 3573070,1 | 2,7 маротиба |

**Сарчашма: ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии ҶСК «Бонки Эсхата»**

Суръати афзоиши пешпардохт ва маблағҳо барои гирифтан, ки ба гурӯҳи чорум мансуб мебошанд аз ҳама бештар – 14,7 маротиба, сармоягузориҳо (гурӯҳи сеюм) - 13,6 маротиба ва дигар дороиҳо (гурӯҳи чорум) – 13,3 маротиба мебошад. Ҳаҷми қарзҳо ба мизоҷон (гурӯҳи дуюм), ки вазни қиёсии онҳо дар таркиби дороиҳои бонк аз ҳамаи дигар намудҳои дороиҳо бештар аст (дар соли 2019 – 64,6%, соли 2020 – 61,7%, соли 2021 – 62,1%, соли 2022 – 57,5% ва дар соли 2023 – 53,2%), дар давраи таҳлилӣ ба андозаи 2,2 маротиба зиёд шудааст.

Вазни қиёсии дороиҳои гурӯҳи якум – дороиҳои мутлақо бозоргир (маблағҳои нақдина, ҳисобҳо дар БМТ, талабот аз дигар ташкилотҳои қарзӣ) дар таркиби ҳамаи дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» дар соли 2019 - 27,4% ($576471{,}4 \div 2105190{,}9 \times 100\%$) буда, то соли 2023 ба андозаи 4,3 банди фоизӣ кам шуда, 23,1% ($1313491{,}2 \div 5678261 \times 100\%$)-ро ташкил додааст. Бо вуҷуди ин, қимати 23,1%-и вазни қиёсии дороиҳои мутлақо бозоргир (гурӯҳи якум) дар таркиби умумии дороиҳо барои бонки тиҷоратӣ қимати муътадил аст ва дар якҷоягӣ бо вазни қиёсии дороиҳои бозоргириашон баланд (гурӯҳи дуюм), ки дар соли 2019 – 64,6% ($1360432{,}3 \div 2105190{,}9 \times 100$) ва дар соли 2023 – 53,2% (3018526,9$\div$ $5678261 \times 100\%$)-ро ташкил медиҳад, дараҷаи баланди бозоргирии дороиҳои бонкро таъмин мекунад. Сарфи назар аз он ки дар давраи таҳлилӣ ҳаҷми дороиҳои бозоргириашон паст – сармоягузориҳо ба андозаи 13,6 маротиба ва дороиҳои бозоргириашон душвор 7,5 маротиба зиёд шудааст, дараҷаи умумии бозоргирии дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» баланд аст. Яъне, дар охири соли 2023 дар таркиби дороиҳои бонк вазни қиёсии дороиҳои мутлақо бозоргир 23,1% ва дороиҳои бозоргириашон баланд 53,2% мебошад, ки дар умум 76,3%-ро ташкил медиҳад. Дар ин маврид вазни қиёсии дороиҳои бозоргиашон паст 3,0% ($169986{,}2 \div 5678261 \times 100\%$) ва дороиҳои бозоргириашон душвор 20,7% ($1176256{,}7 \div 5678261 \times 100\%$), дар умум 23,7% мебошад.

ҶСК «Бонки Эсхата» ба хотири таҳкими устувории молиявии худ идоракунии сармояи худиро роҳандозӣ мекунад ва бо ин роҳ фоидаи саҳомонро тавассути муносибгардонии таносуби воситаҳои ҷалбгардида ва сармояи худӣ ба

ҳадди баландтарин мерасонад. Тибқи ҳисобкунӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои ҳисоботи молиявии ҶСК «Бонки Эсхата» дар соли 2022, ки бо хулосаи аудиторӣ аз 30 марти соли 2023 тасдиқ шудааст, бонк ҳамаи талаботи бeруниро ба сармоя риоя кардааст. Дар солҳои 2021 ва 2022 сохтори сармояи бонк бо сармояи саҳомон ифода гардидааст, ки аз сармояи баровардашуда, захираҳо ва фоидаи тақсимнашуда иборат аст ва дар ҳисоботи муттаҳидкардашуда оид ба тағйирёбиҳо дар сармояи худӣ ифшо карда шудаанд. Сохтори сармояи бонк ҳамасола аз ҷониби Шурои нозирон баррасӣ мешавад, ки дар рафти он аз ҷумла арзиши сармоя ва хавфҳои марбут бо ҳар як унсури сармоя таҳлил ва арзёбӣ карда мешавад. Дар асоси тавсияҳои Шурои нозирон сохтори умумии сармоя таъмин карда мешавад. Омӯзиши мо нишон дод, ки сиёсати умумии бонк нисбат ба хавфҳои марбут бо идоракунии сармоя дар давоми соли 2022 дар муқоиса бо соли 2021 тағйир наёфтааст. Дар ҷадвали 3.2.4 таҳлили манбаъҳои сармояи танзимшавандаи ҶСК «Бонки Эсхата» бо мақсади муайян кардани кифоятии сармоя мувофиқи қоидаҳои аз ҷониби БМТ муқаррааргардида оварда шудааст.

**Ҷадвали 3.2.4. – Таҳлили манбаъҳои сармояи танзимшавандаи ҶСК «Бонки Эсхата» дар солҳои 2021-2022**, ҳазор сомонӣ

| Нишондиҳанда | Соли 2022 | Соли 2021 |
|---|---|---|
| Ҳаракати сармояи дараҷаи якум | | |
| Дар аввали сол | 334671 | 296245 |
| Тақсимот ба захираҳо | 89411 | 42039 |
| Тағйирёбӣ дар дороиҳои ғайримоддӣ | (4098) | (3613) |
| Ҳиссаҳои сармоягузорӣ дар дигар ташкилотҳои молиявӣ | (24723) | - |
| Дар охири сол | 395260 | 334671 |
| Таркиби сармояи танзимшаванда | | |
| Сармояи дараҷаи якум: | 395260 | 334671 |
| Фонди умумии дороиҳои хизматрасонидашаванда | 20055 | 20055 |
| 50% аз фоидаи соф | 158599 | 57983 |
| Қарзи субординарӣ | 62041 | 104695 |
| Ҳамагӣ сармояи танзимшаванда | 635956 | 517404 |

**Сарчашма: ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии ҶСК «Бонки Эсхата»**

Зикр бояд кард, ки маблағи фоидаи софи соли ҷорӣ, то гирифтани хулосаи аудиторӣ оид ба ҳисоботи молиявии бонк барои соли мазкур ба андозаи 50% ба таркиби сармояи дараҷаи дуюм дохил карда мешавад. Пас аз гирифтани хулосаи аудиторӣ он метавонад пурра ба сармояи дараҷаи якум дохил карда шавад. Қарзи субординарӣ ба сармояи дараҷаи дуюм ба андозаи 100%, агар муҳлати пардохт аз панҷ сол зиёд бошад ва ба андозаи на бештар аз 50%-и сармояи дараҷаи якум дохил карда мешавад. Агар муҳлати пардохт аз панҷ сол камтар бошад, он барои ҳар як соли минбаъда 20 фоиз кам карда мешавад.

Дар ҷадвали 3.2.5 меъёрҳои кифоятии сармояи ҶСК «Бонки Эсхата» тибқи талаботи БМТ оварда шудаанд.

**Ҷадвали 3.2.5. – Меъёрҳои кифоятии сармояи ҶСК «Бонки Эсхата»**

| Маблағи сармоя ва меъёрҳо | Меъёри кифоятии сармоя | Меъёри ҳадди ақал |
|---|---|---|
| Ба санаи 1 январи соли 2022 | | |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1-1 | 18,21% | 12% |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1-2 | 15,93% | 10% |
| | | |
| Ба санаи 1 январи соли 2023 | | |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1-1 | 18,96% | 12% |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1-2 | 14,91% | 10% |
| | | |
| Ба санаи 31 январи соли 2024 | | |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1-1 | 23,72% | 12% |
| Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1-2 | 18,97% | 10% |

**Сарчашма: ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси ҳисоботи молиявии ҶСК «Бонки Эсхата»**

Коэффисиенти кифоятии сармояи К1-1 таносуби сармояи умумии танзимшавандаро ба дороиҳои бо баҳисобгирии хавф баркашидашуда инъикос мекунад. Коэффитсиенти кифоятии сармоя К1-2 таносуби сармояи умумии танзимшавандаро ба дороиҳои умумӣ инъикос мекунад. Коэффитсиентҳои мазкур тибқи талаботи БМТ муайян карда шудаанд.

Маълумоти ҷадвали 3.2.5 аз муътадилии қимати коэффитсиентҳои кифоятии сармоя (К1-1 ва К1-2) дар ҶСК «Бонки Эсхата» гувоҳӣ медиҳад. Ҳам

дар санаи аввали соли 2022, ҳам дар санаи аввали соли 2023 ва ҳам дар санаи 31 январи соли 2024 қиматҳои коэффитсиентҳои мазкур аз меъёрҳои тавсияшавандаи ҳадди ақал баланд мебошанд. Дар пӯёи нишондиҳандаҳои асосии кифоятии сармояи бонк ҷиҳати матлуб ин аст, ки дар санаи охирини таҳлилӣ – 31 январи соли 2024 қимати нишондиҳандаҳои мазкур нисбатан балантар аст: коэффитсиенти К1-1 нисбат ба санаи пешини арзёбишаванда, яъне 1 январи соли 2023 ба андозаи 4,76 банди фоизӣ, коэффитсиенти К1-2 – ба андозаи 4,06 банди фоизӣ зиёд шудааст, ки ин аз фаъолияти самараноки низоми идоракунии ҶСК «Бонки Эсхата» ҷиҳати идоракунии пардохтпазирӣ гувоҳӣ медиҳад.

Вале ин ҷо як ҷиҳати муҳимро барои арзёбии устувории молиявии ҶСК «Бонки Эсхата» бояд қайд кунем, ки вобаста ба он ақидаи мо оид ба имконияти таҳкими устувории молиявии бонк дар асоси таҳлил ва идоракунии пардохтпазирӣ дигар мешавад. Ба хотир меорем, таҳлили дар параграфи 2.3 (ҷадвали 2.3.7) гузаронидаи худро, ки бо истифода аз методикаи CAMELS нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи кифоятии сармояро, ки барои арзёбии устувории молиявии бонк дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ аҳамияти бештар доранд, ҳисоб карда будем ва натиҷаи ҳисобкунии мо аз номуътадил будани нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя дар ҶСК «Бонки Эсхата» хабар медод. Вобаста ба ин, зарур аст, ки методикаҳои дар БМТ ва бонкҳои тиҷоратӣ барои ҳисобкунии кифоятии сармоя ва дигар нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ истифодашаванда бояд бозбинӣ карда шаванд. Методикаҳои мазкур, тавре омӯзиши мо нишон дод, ба Созишномаи Базел I (соли 1988 ҷорӣ шудааст) такя менамоянд, вале дар амалияи ҷаҳонии таҳлил ва арзёбии устувории молиявӣ аллакай зиёда аз 10 сол боз ба ин мақсад муқаррароти Созишномаи Базел III истифода мешаванд.

Кумитаи Базел оид ба назорати бонкӣ талаботи худро мунтазам бозбинӣ карда, шумораи онҳоро зиёд мекунад. Ҳоло, аз ҷумла талабот (меъёрҳо)-и арзёбии хавфҳо, андозаи захираҳои таъсисдодашуда, пардохтпазирӣ

(бозоргирӣ)-и дороиҳо, ҳаҷми қарзҳои калон, андозаи кафолатҳои додашуда, коэффитсиентҳои хавфҳои калони қарзӣ танзим карда мешаванд. Вале тавре омӯзиши мо нишон дод, БМТ дар фаъолияти танзимкунӣ ва назоратии худ чунин меъёрҳоро ҳисоб ва арзёбӣ намекунад. Дар Дастурамали БМТ №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» тартиби ҳисобкунии танҳо яке аз коэффитсиентҳо – коэффитсиенти пардохтпазирии ҷорӣ (К2-1) муқаррар карда шудааст. Вале дар амалияи хориҷӣ меёрҳои асосии пардохтпазирӣ – коэффитсиентҳои пардохтпазирии фаврӣ, пардохтпазирии ҷорӣ ва пардохтпазирии дарозмуҳлат барои арзёбии таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҳисоб карда мешаванд.

Меъёри пардохтпазирии фаврии бонк (М2) хавфи талафи пардохтпазирии бонкро дар давоми як рӯзи амалиётӣ маҳдуд мекунад ва бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$\text{М2} = \frac{\text{ДББ}}{\text{УИФ} - 0{,}5 \times \text{УИФ}} \times 100\% \geq 15\%, \qquad (3.2.1)$$

дар ин ҷо: ДББ – дороиҳои бозоргириашон баланд; УИФ – уҳдадориҳои иҷроишашон фаврӣ.

Дороиҳои бозоргириашон баланд – дороиҳое мебошанд, ки бонк метавонад онҳоро дар давоми як рӯзи тақвимӣ фурӯшад (аз ҷумла маблағҳо дар ҳисобҳои муросилотии бонк дар БМТ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ). Уҳдадориҳои иҷроишашон фаврӣ – уҳдадориҳое мебошанд, ки бонк онҳоро бояд дар давоми як рӯзи тақвимӣ иҷро кунад (масалан, ҳисобҳои ҷорӣ ва суратҳисобҳои мизоҷон, пасандозҳои дархостшаванда, қарзҳои байнибонкии якрӯза). Қимати ҳадди ақали коэфитсиенти М2 ҳамчун 15% қабул шудааст.

Коэффитсиенти пардохтпазирии ҷорӣ (М3) хавфи талафи пардохтпазирии бонкро дар давоми 30 рӯзи тақвимии наздиктарин маҳдуд мекунад ва бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$\text{М3} = \frac{\text{ДБ}}{\text{УҶ} - 0{,}5 \times \text{УҶ}} \times 100\% \geq 50\%, \qquad (3.2.2)$$

дар ин ҷо: ДБ – дороиҳои бозоргир; УҶ – уҳдадориҳои ҷорӣ (муҳлати иҷрояшон то 30 рӯз).

Коэффитсиенти пардохтпазирии дарозмуҳлат (М4) хавфи талафи пардохтпазирии бонкро дар натиҷаи ҷойгир кардани воситаҳо ба дороиҳои дарозмуҳлат (масалан, қарзҳои ипотекӣ) танзим (маҳдуд) мекунад. Ин нишондиҳанда таносуби дороиҳои бонкро, ки дар давоми муҳлати на кам аз як сол фурӯхта мешаванд, бо тарҳи захираҳои барои онҳо бунёдкардашуда бар маблағи сармоя ва уҳдадориҳои пас як сол иҷрошаванда ифода мекунад. Дар ин маврид уҳдадориҳо ба бузургии бақияи умумии камтарини ҳисобҳои дархостшавандаи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии муҳлати иҷрояшон то як сол тасҳеҳ карда мешаванд. Коэффитсиенти пардохтпазирии дарозмуҳлати бонк (М4) бо чунин формула ҳисоб карда мешавад:

$$\text{М4} = \frac{\text{ТҚД}}{\text{УҚП} + 0{,}5 \times \text{УД}} \times 100\% \leq 120\%, \qquad (3.2.3)$$

дар ин ҷо: ТҚД – талаботи қарзии дарозмуҳлат (зиёда аз 365 ё 366 рӯз); УҚП – уҳдадориҳои қарзӣ ва пасандозӣ (муҳлати иҷрояшон зиёда аз 365 ё 366 рӯз); УД – уҳдадориҳои дарозмуҳлат (муҳлати иҷрояшон зиёда аз 365 ё 366 рӯз). Қимати калонтарини коэффитсиенти К4 – 120% аст.

Мушкилоти асосии идоракунии дороиҳо маҳз ҳалли ихтилофи байни пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ мебошад. Афзоиши пардохтпазирӣ одатан коҳиш ёфтани даромаднокии дороиҳоро ифода мекунад. Сифати баланди дороиҳо на даромаднокии баланд ё пардохтпазирии баландтарин, балки маҳз таносуби беҳтарини байни ин ду нишондиҳандаро ифода мекунад, «санъати бонкдор маҳз

дар қобилияти таъмини мувозинат байни даромаднокӣ ва устувории бонк, яъне байни манфиатҳои саҳмдорон ва мизоҷон ифода меёбад» [28, с. 160].

Дар таҳлили натиҷаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мақоми асосӣ ба омӯзиши ҳаҷм ва сифати даромади бадастовардаи онҳо тааллуқ дорад, зеро онҳо дар навбати худ омили асосии ба даст овардани фоидаи баландтарин мебошанд. Пастшавии қимати нишондиҳандаи даромаднокӣ, чун қоида, аломати воқеъбинонаи ногузирии мушкилоти молиявии бонк мебошад. Маҳз ҳамин ҳолатҳо аҳамияти таҳлили даромаднокиро дар таҳкими устувории молиявии бонк дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ муайян мекунанд.

Як ҳиссаи дороиҳои бонк дар шакли пулӣ, аз ҷумла дар бақияҳои ҳисобҳои муросилотӣ ва маблағҳои нақдина дар хазина нигоҳ дошта мешавад. Ин бо мақсади дар якҷоягӣ бо дигар вазифаҳои бонки тиҷоратӣ иҷро намудани талаботи мизоҷон оид ба интиқоли ғайринақдии пул ва додани пули нақд аз суратҳисобҳои онҳо анҷом дода мешавад. Қисми аз ҳама зиёди маблағҳое, ки бонк метавонад онҳоро барои гирифтани даромад истифода барад, ин маблағҳо дар ҳисобҳои дархостшавандаи мизоҷон мебошанд. Онҳо метавонанд аз ҷониби соҳибонашон дар ҳар лаҳза дархост карда, гирифта шаванд ва бонк бояд ин гуна дархостҳоро иҷро кунад. Вале эҳтимоли дархост карда гирифтани чунин маблағҳо аз ҷониби мизоҷон камтарин аст ва ин эҳтимолият метавонад ҳангоми бuҳронҳо дар низоми бонкӣ баландтар шавад. Бо ин ҳама, агар тамоми маблағҳои мизоҷон дар шакли пули нақд дар бонк нигоҳ дошта шаванд, бонк фоидаи барои пӯшонидани хароҷоти худ кофӣ бударо ба даст оварда наметавонад. Аз ин рӯ, ҳар як бонки тиҷоратӣ бояд як қисми маблағеро, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷи мизоҷон лозим аст, муайян кунад. Ин маблағҳо дараҷаи баланди бозоргирӣ доранд ё дороиҳои нақдии хазинавӣ ба ҳисоб меравaнд, вале эҳтимолияти истифодаи онҳо барои гирифтани даромад паст аст.

Дар амал мушоҳида мешавад, ки таносуби беҳтарини ҳиссаи дороиҳои бозоргириашон баланд дар ҳаҷми умумии маблағҳои аз ҷониби бонки тиҷоратӣ ҷамъоваришуда тақрибан 20%-ро ташкил медиҳад. Дороиҳои барои гирифтани

даромад ҷойгиркардашуда, яъне дороиҳои гардони коркунанда (фаъол) метавонанд ҳам даромадоранда бошанд ва ҳам дорои хавфи нисбатан баландтар. Хосияти асосии мансуб донистани дороиҳои бонк ба гурӯҳи мазкур ин аст, ки онҳо даромад меоранд ва метавонанд ба зудӣ ба гардиш ворид карда шаванд. Қарзҳои миёнамуҳлат ва сармоягузорӣ ба коғазҳои қиматнокро низ метавон ҳамчун дороиҳои ҷойгиркардашуда (фаъол, коркунанда, даромадовар) тасниф кард. Қарзҳои байнибонкӣ ва маблағҳо (пасандозҳо)-и дар БМТ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгиркардашуда яке аз намудҳои дороиҳои даромадовар (коркунанда) мебошанд. Амалияи фаъолияти бонкӣ собит мекунад, ки ҳиссаи дороиҳои даромадовар бояд ҳадди ақал аз нисф бештари тамоми дороиҳои бонки тиҷоратиро ташкил диҳад. Дар сохтори дороиҳои коркунандаи бонкҳо ҳиссаи баландтарин ба қарздиҳии бахшҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ ва шахсони воқеӣ рост меояд.

Акнун мо сифати дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата»-ро аз нигоҳи даромаднокӣ баррасӣ мекунем. Ба ин хотир пӯёи яке аз нишондиҳандаҳои муҳими тавсифкунандаи сифати дороиҳои бонки тиҷоратӣ - таносуби дороиҳои даромадорандаро ба тамоми дороиҳои бонк арзёбӣ мекунем (ҷадвали 3.2.6).

Аз маълумоти дар ҷадвали 3.2.6 овардашуда мушоҳида мешавад, ки дар давраи баррасишаванда таносуби дороиҳои даромадоранда ва маблағи умумии дороиҳо дар ҶСК «Бонки Эсхата» дар доираи қиматҳои муътадил қарор дорад. Қимати ин нишондиҳанда танҳо ба ҳолати санаи 1 январи соли 2024 нисбатан паст аст (72,4%). Вале азбаски ҳадди ақали ҳиссаи дороиҳои даромадовар дар ҳаҷми умумии дороиҳои бонки тиҷоратӣ бояд аз нисф бештар бошад, қимати мазкур ба бонк таҳдид намекунад. Инчунин дида мешавад, ки пӯёи дороиҳои даромадорандаи ҶСК «Бонки Эсхата» дар тамоми давраи таҳлилӣ тамоюли доимӣ ба рушд дорад. Дар баробари ин, дар пӯёи дороиҳои бонк, ки даромад намеоранд, ҳамчунин тамоюли ҳамасолаи рушд мушоҳида мешавад, ки дар умум ин ба афзоиши ҳаҷми умумии дороиҳои бонк овардааст. Аз ин бармеояд, ки қимати нисбатан пасттари ҳиссаи дороиҳои даромадоранда дар ҳаҷми умумии

дороиҳо, ки дар санаи 1 январи соли 2022 (78,1%) ва 1 январи 2024 (72,4%) мушоҳида мешавад, аз ҳисоби зиёд шудани ҳаҷми умумии дороиҳои бонк ба амал омадааст.

**Ҷадвали 3.2.6. – Арзёбии сифати дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» аз нигоҳи даромаднокӣ**, ба санаи аввали сол, ҳаз. сомонӣ

| | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 |
|---|---|---|---|---|---|
| Дороиҳои даромадоранда | 1703520,4 | 1983118,1 | 2536789,2 | 3424415,0 | 4114115,6 |
| аз ҷумла: | | | | | |
| ҳисобҳо дар БМТ | 139988,6 | 173816,4 | 262496,6 | 383090,1 | 524575,3 |
| талабот аз дигар ташкилотҳои қарзӣ | 190579,9 | 285469,2 | 238969,3 | 482779,9 | 401027,2 |
| қарзҳо ба мизоҷон | 1360432,3 | 1508916,0 | 2018158,0 | 2452689,3 | 3018526,9 |
| сармоягузориҳо | 12519,6 | 14916,5 | 17165,3 | 105855,7 | 169986,2 |
| Дороиҳо даромаднаоранда | 401670,4 | 460858,5 | 712094,8 | 840096,5 | 1564145,5 |
| аз ҷумла: | | | | | |
| нақдина | 245902,9 | 212069,6 | 359921,3 | 580999,9 | 387888,7 |
| воситаҳои асосӣ ва дороиҳои ғайримоддӣ | 82838,8 | 72587,5 | 94627,3 | 108845,0 | 134591,9 |
| пешпардохт ва маблағҳо барои гирифтан | 52570,2 | 84603,9 | 141100,0 | 141356,4 | 771368,7 |
| дигар дороиҳо | 20358,5 | 91597,5 | 116446,2 | 8895,2 | 270296,2 |
| Ҳамагӣ дороиҳо | 2105190,8 | 2443976,6 | 3248884,0 | 4264511,5 | 5678261,1 |
| Дороиҳои даромадоранда / Ҳамагӣ дороиҳо | 80,9% | 81,4% | 78,1% | 80,3% | 72,4% |

**Сарчашма: ҳисобкуниҳои муаллиф дар асоси маълумоти ҳисоботи молиявии ҶСК «Бонки Эсхата»**

Идоракунии дороиҳо дар асоси пардохтпазирӣ бояд ҳам ба тавсияҳои БМТ, ҳам ба таҷрибаи худӣ ва ҷаҳонии таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ такя кунад. Илова бар ин, таҳкими нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ дар ҳама сатҳҳои рушди бонк аҳамияти калон дорад, зеро ин нишондиҳанда бонизом амал мекунад ва асоси устувории умумии бонки тиҷоратӣ мебошад. Дар ин маврид таъмини мувозинати сохтори дороиҳо ва уҳдадориҳо аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

### 3.3. Истифодаи воситаҳои маркетинг барои ҷалби захираҳои озоди молиявӣ, таъмини мизоҷон бо қарзҳо ва сармоягузориҳои бонкӣ

Таҳқиқи назариявии муҳтавои боби 1 ва натиҷаҳои таҳлилии боби 2 нишон медиҳад, ки масъалаи бунёди захираҳои молиявӣ барои пешбурди устувори фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ муҳим буда, асоси онро пешниҳоди қарзҳо ба субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ бо ҷалби захираҳои молиявии озод ташкил медиҳад.

Мусаллам аст, ки зиёд намудани захираҳои молиявии бонкӣ ва равона намудани онҳо ба қарздиҳӣ ба истифодаи илман асосноки технологияҳои муосири маркентингӣ дар фаъолияти бонкҳо вобастагии зиёд дорад. Ба ин васила бонк ҳам эҳтиёҷоти субъектҳои иқтисодиро барои пурра кардани воситаҳои асосӣ ва гардони нокифоя қонеъ мегардонад ва ҳам талаботи аҳолиро бо маҳсулоти пасандозӣ таъмин менамояд. Хусусан барои бонк маблағҳои озоди субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ ҳамчун манбаи устувори захираҳои молиявӣ ҳисобида мешаванд, зеро хосияти амонатҳо ва пасандозҳо намуди амалиёти фаъоли қарздиҳӣ ва андозаи даромадҳои бонкро муайян мекунад.

Истифодаи технологияҳои муосири маркентингӣ дар фаъолияти бонкҳо барои ҷалби амонатҳо ва пасандозҳои шахсони воқеӣ ҳамчун захираҳои молиявӣ муфид мебошад. Бояд маҳсулоти нави пасандозӣ коркард шуда, дар ҳалли мушкилоти ҷалби захираҳои молиявии бонкҳо ва бартараф кардани норасоии онҳо сиёсати дурусти пасандозӣ ва маркетингӣ дар ҳамбастагӣ роҳандозӣ шавад.

Дар навбати худ, сиёсати дурусти пасандозӣ дар шароити муосир аз омилҳои бисёр вобаста мебошад, ки яке аз муҳимтарини онҳо сиёсати маркетингии бонк ва дар доираи он амалӣ намудани чорабиниҳои маркетингӣ барои ҷалби пасандозҳо ва ҷойгиркунии онҳо мебошад. Вобаста ба ин, ҳар як бонки тиҷоратӣ сиёсати маркетингии босамараи худро таҳия намуда, дар он истифодаи воситаҳои муосири маркетингро барои ҷалби ҳарчи бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии онҳо муқаррар мекунад. Дар шароити

норасоии захираҳои молиявӣ роҳандозӣ ва такмили воситаҳои маркетинг ба афзоиши устуворӣ, суботи молиявӣ ва баландшавии рақобатпазирии бонк мусоидат намуда, дар ниҳоят самаранокии фаъолияти онро зиёд мекунад.

Маркетинги бонкӣ имрӯз яке аз самтҳои муҳими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ буда, «ҳамчун як низоми ҳамаҷонибаи ташкил ва фурӯши маҳсулоти бонкӣ фаҳмида мешавад, ки ба қонеъ кардани ниёзҳои истеъмолкунандагони мушаххас ва ба даст овардани фоида дар асоси таҳқиқот ва пешгӯии бозор нигаронида шудааст» [7, с. 35].

Яъне ҳадафи асосии истифодаи воситаҳои маркетинг ин ҷалби пасандозҳо ҳамчун амалиёти муҳими ғайрифаъол ва ҷойгиркунии онҳо ба намудҳои бештар даромадорандаи амалиёти фаъоли бонк мебошад. Маркетинги бонкӣ «стратегия ва фалсафаи бонк буда, омодагии ҷиддӣ, таҳлили амиқ ва ҳамаҷониба, кори фаъоли тамоми воҳидҳои сохтории бонк аз роҳбарият то зинаҳои поёниро тақозо мекунад. Равиши маркетингӣ тамаркузи аввалиндараҷаи бонкро на ба маҳсулоти худ, балки ба ниёзҳои воқеии мизоҷон пешбинӣ мекунад» [150, с. 56]. Аз ин рӯ, дар доираи чорабиниҳои маркетинг омӯзиши ҳамаҷонибаи бозор, таҳлили табъу завқи мизоҷон, пасандозгузорон ва қарздиҳандагони бонк хеле зарур аст.

Дуруст ба роҳ мондани чорабиниҳои маркетингӣ ба ҳалли аксари мушкилоти дар фаъолияти бонк пешомада мусоидат мекунад. Ба туфайли истифодаи воситаҳои муосири маркетинг бонк метавонад заминаҳои муносибро барои ноил шудан ба ҳадафҳои худ фароҳам созад, аз ҷумла:

- низоми маҳакҳои коркарди стратегия ва тактикаи пешбурди тиҷорати худро вобаста аз вазъи бозори хизматрасониҳои бонкӣ ташаккул диҳад;

- бартариҳои рақибонаи хизматрасониҳои бонкиро аз ҳисоби баҳисобгирии ниёзҳои мизоҷон ва пасандозгузорон пайдо кунад;

- самаранокии фаъолияти худро баланд бардорад ва хавфи онро паст кунад.

Бо сабаби зиёд будани талабот ба маҳсулоти қарзӣ дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ барои бонкҳои тиҷоратӣ норасоии захираҳои молиявӣ ҳамеша масъалаи мубрам мемонад. Вобаста ба ин, воситаҳои маркетинги бонкӣ

дар баробари ҳавасманд намудани мизоҷони қарзгир барои интихоби бонки мушаххас ҷиҳати гирифтани қарз, ҳамчунин бояд ба ҷалби бештари пасандозҳои субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ равона карда шаванд. Бинобар ин, имрӯз анҷом додани сиёсати иртибот бо пасандозгузорон ва мизоҷон бе ба ҳисоб гирифтани эҳтиёҷоти онҳо ғайриимкон аст.

Натиҷаи таҳқиқи ҷиҳатҳои гуногуни ҳамкории бонкҳо бо пасандозгузорон ва мизоҷон ин эътирофи зарурати татбиқи равиши ба мизоҷ нигаронидашуда мебошад, ки қобилияти бонкро барои ҳарчи бештар қонеъ намудани эҳтиёҷоти пасандозгузорон ва мизоҷон баро ноилшавӣ ба самаранокии баланди фаъолият ва бартариҳои дарозмуҳлат дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ ифода мекунад.

Раванди таҳқиқи бозор дар доираи амалисозии чорабиниҳои маркетингӣ бояд чунин ҷиҳатҳоро дар бар гирад:

- тавсифи умумии бозори пасандозҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ;
- вазъи рақобат дар бозори пасандозҳо, маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ;
- вазъи молиявӣ ва андозаи маблағҳои озоди пасандозгузорон;
- истеъмолкунандагони асосии хизматрасониҳои бонкӣ ва маҳсулоти бонкӣ;
- тамоюлоти рушди муҳити берунии фаъолияти бонк бо дарназардошти рафтори пасандозгузорон ва мизоҷони имконпазир.

Ҷиҳатҳои мазкур бояд бо сиёсати пасандозии бонк мувофиқ бошанд ва ба ҳалли мушкилоти асосии ҷалби маблағҳои озоди пасандозгузорони эҳтимолии бонк аз гурӯҳҳои асосӣ – субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ (аҳолӣ) нигаронида шаванд. Дар ин маврид бояд қайд кард, ки ҳоло яке аз мушкилоти асосӣ дар самти ҷалби маблағҳои озод барои бонкҳо ин масъалаи вазъи даромадҳои шахсони воқеӣ мебошад. Баландшавии музди меҳнат ва афзоиши дигар намудҳои даромадҳои шахсони воқеӣ метавонад ба афзоиши ҳаҷми амонатҳо ва пасандозҳои аҳолӣ дар ташкилотҳои қарзӣ боис шавад. Вале, тавре таҷрибаи баландшавии музди меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад,

ҳамзамон бо баланд шудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои гуногуни фаъолияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ бо сабаби баланд шудани сатҳи нархҳои маҳсулоти истеъмолӣ ва молҳои ниёзи аввал хароҷоти аҳолӣ низ мутаносибан зиёд мешавад. Дар чунин мавридҳо шахсони воқеӣ ба кушодани ҳисобҳои амонатӣ ва пасандозӣ дар ташкилотҳои қарзӣ майлу хоҳиши зиёд зоҳир намекунанд. Бинобар ин, воситаҳои маркетинги бонкӣ дар омӯзиши вазъи даромадҳои пасандозгузорони имконпазир бояд нақши асосӣ дошта бошанд ва бо назардошти натиҷаҳои чунин омӯзиш ба ҷалби ҳарчи бештари маблағҳои озоди онҳо барои пурра кардани захираҳои молиявии бонк мусоидат намоянд.

Таҳлили мо дар боби 2 нишон дод, ки ҳамчун мушкилоти дигар дар самти ҷалби маблағҳои озоди субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ барои ташкилотҳои қарзӣ рақобати баланд дар бозори пешниҳоди хизматрасониҳои амонатӣ ва пасандозиро метавон номбар кард.

Имрӯз дар низоми бонкии мамлакат фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ оид ба ҷалби амонатҳо ва пасандозҳои аҳолӣ бошиддат пеш меравад, дар бозор бонкҳои зиёд ба мизоҷон ҷиҳати гузоштани амонатҳо ва кушодани ҳисобҳои пасандозӣ шароити гуногунро пешниҳод мекунанд. Бинобар ин, онҳо барои нигоҳ доштани мавқеи фаъоли худ ва ҷалби ҳарчи бештари захираҳои молиявии тавассути амалиёти пасандозӣ ҷамъшаванда ба мизоҷони худ воситаҳои гуногун ва шароити мусоидро пешкаш мекунанд. Натиҷаи ҳамин аст, ки дар пӯёи пасандозҳои ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои охир тамоюли рушд ба назар мерасад: дар санаи охири соли 2018 маблағи пасандозҳои шахсони воқеӣ 4108 млн. сомониро ташкил медод ва ин нишондиҳанда ба ҳолати охири соли 2023 ба 10545 млн. сомонӣ расидааст (расми 3.3.1). Ҳамчунин аз диаграммаи дар расми 3.3.1 овардашуда ба назар мерасад, ки аз соли 2021 шуруъ карда, вазни қиёсии пасандозҳои шахсони воқеӣ дар сохтории умумии пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ зиёдтар аст.

Ҳамин тариқ, ба ҳолати охири соли 2023 ҳаҷми умумии пасандозҳои ташкилоҳои қарзӣ 19462 млн. сомониро ташкил додааст (10545 млн. сомонӣ пасандозҳои шахсони воқеӣ +8917 млн. сомонӣ пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ) ва дар ин маврид таносуби намудҳои пасандозҳо чунин аст: пасандозҳои аҳолӣ – 54,2%, пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ – 45,8%. Барои муқоиса мебинем, ки ҳамин таносуб дар аввали давраи таҳлилӣ, яъне ба ҳолати охири соли 2018 чунин буд: пасандозҳои аҳолӣ – 45,4%, пасандозҳои шахсони ҳуқуқӣ – 54,6%.




**Расми 3.3.1. – Пӯёи пасандозҳои ташкилотҳои қарзӣ, ба ҳолати охири давра**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20; 21; 22; 23; 24; 25]**

Таҳқиқи вазъи унсурҳои пулӣ, аз ҷумла бақияи пулҳои нақди дар муомилот қарордошта – унсури пулии М0 (ҷадвали 3.3.1) нишон медиҳад, ки ба ҳолати санаи охири соли 2023 берун аз бонкҳо дар гардиши озод 26973,57 млн. сомонӣ ҷой дорад, ки ин маблағ аз ҳаҷми пасандозҳои дар ҳамин давра ҷалбшуда (19462 млн. сомонӣ) ба андозаи 39% зиёд аст. Яъне, тавассути истифодаи технологияҳо ва воситаҳои маркетингӣ ҷалби пулҳои нақд ба доираи пасандозҳои бонкӣ бояд

роҳандозӣ гардад, ки ин метавонад боиси то 2,4 маротиба зиёд шудани ҳаҷми пасандозҳо ва мутаносибан афзудани имконияти қарздиҳӣ аз тарафи низоми бонкӣ гардад.

**Ҷадвали 3.3.1. – Бақияи пулҳои нақди дар муомилот қарордошта (унсури пулии М0)**, дар охири давра, млн. сомонӣ

| | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Унсури пулии М0 | 12196,00 | 15332,00 | 18058,47 | 20873,71 | 29632,00 | 26973,57 |
| Унсури пулии М1 | 13495,00 | 16697,00 | 20010,37 | 22214,90 | 31765,11 | 28910,18 |
| Унсури пулии М2 | 15387,00 | 18937,00 | 22504,49 | 25265,97 | 36224,00 | 34681,41 |

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20; 21; 22; 23; 24; 25]**

Маълумоти оморӣ тасдиқ мекунад, ки бо вуҷуди вазъи номатлуби иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ дар мамлакат пӯёи қарздиҳии бонкҳо дар солҳои охир тамоюл ба рушд дорад. Ҳамзамон ҳаҷми уҳдадориҳои пасандозии бонкҳо низ зиёд мешавад. Бо вуҷуди ин талаботи бонкҳои тиҷоратӣ ба ҷалби пасандозҳо зиёд аст, вале бо сабаби омилҳои муайяне, ки мо онҳоро дар бахшҳои пешини диссертатсия баррасӣ кардем, субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ барои ба бонкҳо ҳамчун пасандоз гузоштани маблағҳои озоди худ рағбати зиёд надоранд. Дар ин маврид, аз як ҷониб меъёри даромад барои қарзҳо пасттар мешавад, ҳамзамон меъёри фоизи пасандозҳо баланд мешавад, ки ин ба боз ҳам шиддат гирифтани рақобат ҳам дар бозори қарз ва ҳам дар бозори пасандозҳо боис мешавад. Аз ҷониби дигар, даромади аҳолӣ ва афзоиши талабот ба молҳо ва хизматрасониҳо низ зиёд мешавад, ки ин истифодаи қарзи истеъмолиро барои аҳолӣ ҳавасманд мекунад. Бо вуҷуди меъёрҳои баланд қарздиҳии истеъмолӣ зиёд мешавад, ки ин яке аз ангезаҳои ҷалби бештари манбаъҳои пасандозӣ барои бонкҳо мебошад.

Бояд қайд кард, ки дар баробари тамоюл ба рушд доштани ҳаҷми пасандозҳо, бонкҳо кӯшиш мекунанд, ки меъёри фоизҳоро барои пасандозҳои

муҳлатноки худ баланд кунанд (расми 3.3.2), ки ин яке аз омилҳои такондиҳандаи афзоиши ҳаҷми пасандозҳо мебошад.




**Расми 3.3.2. – Пўёи меъёри фоизи пасандозҳои муҳлатноки ҷалбшудаи бонкҳои тиҷоратӣ, ба ҳолати охири давра**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20; 21; 22; 23; 24; 25]**

Ҳамин тариқ, тавре аз диаграммаи дар расми 3.3.2 овардашуда ба назар мерасад, дар давраи таҳлилӣ меъёри солонаи фоизи пасандозҳои муҳлатноки бонкҳо бо пули миллӣ аз 9,57%-и охири соли 2018 ба 13,14% дар охири соли 2023 расидааст, ки ин афзоиш 3,57 банди фоизиро ташкил медиҳад. Меъёри фоизи пасандозҳои муҳлатноки бонкҳо бо асъори хориҷӣ (доллари ИМА) баръакс, кам шуда, аз 5,2%-и охири соли 2018 ба 4,25% ба ҳолати охири соли 2023 расидааст (камшавӣ 0,95 банди фоизӣ). Вале аз диаграмма ба назар мерасад, ки камшавӣ танҳо дар солҳои аввали давраи таҳлилӣ ба амал омадааст. Ҳамин тариқ, меъёри фоизи пасандозҳои ҷалбшудаи бонкҳо бо асъори хориҷӣ аз охири соли 2021 (оғози давраи зиёдшавӣ) то охири соли 2023 ба андозаи 0,98 банди фоизӣ зиёд шудаст (4,25%-3,27%).

Бояд гуфт, ки ҳангоми баланд будани меъёри фоизи қарзҳои бонкии ба субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ пешниҳодшаванда (расми 3.3.3), чунин меъёри фоизи пасандозҳои муҳлатноки бонкҳои тиҷоратӣ барои худи бонкҳо

муфид аст, вале ин ба афзоиши воқеии ҳаҷми пасандозҳои ҷалбшавандаи онҳо мусоидат карда наметавонад. Бинобар ин, мушкилоти дигари ҷалби захираҳои молиявии бонкҳо ин меъёри нисбатан пасти пасандозҳои муҳлатнок мебошад. Аз сабаби даромаднокии ночиз, ки пасандозҳои бонкӣ ба субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ меоранд, пасандозгузорони имконпазир намудҳои дигари сармоягузориро барои худ бартарӣ медиҳанд ва маблағҳои озоди худро ба онҳо сафарбар мекунанд.




**Расми 3.3.3. – Пӯёи меъёри фоизи қарзҳои бонкӣ, ба ҳолати охири давра**

**Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси [20; 21; 22; 23; 24; 25]**

Мувофиқи маълумоти омории БМТ ба ҳолати моҳи декабри соли 2023 меъёри фоизи қарзҳои байнибонкӣ, ки дар баробари пасандозҳо яке аз сарчашмаҳои муҳими ҷалби захираҳои молиявии бонкӣ мебошанд, барои қарзҳои бо пули миллӣ ҷалбшаванда 14,79% мебошад [25, с. 73]. Бояд зикр кард, ки дар таркиби қарзҳои байнибонкии ташкилотҳои қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоди қарзҳои байнибонкӣ бо асъори хориҷӣ ба назар намерасад.

Таҳқиқоти мо нишон медиҳад, ки имрӯз ба ғайр аз меъёрҳои фоизи пасандозҳои ҷалбшаванда ва қарзҳои пешниҳодшаванда дар мубориза барои

ҷалби маблағҳои озоди шахсони воқеӣ ва ҷойгиркунии самараноки онҳо омилҳои дигаре низ мавҷуд мебошанд, ки бартариҳои асосии рақибонаи бонкҳоро муайян мекунанд. Ба андешаи мо, пеш аз ҳама ин паҳноӣ ва чандирии хатти маҳсулот буда, ба мизоҷ имкон медиҳад, ки маҳсулоти барои нолилгардии ҳадафҳои худ заруририро пайдо кунад. Касе мехоҳад пулҳои озоди худро ба мӯҳлати тӯлонӣ ба пасандоз гузошта, бо гирифтани фоизи баландтар ҳаҷми онҳоро зиёд кунад, каси дигар минбаъд баланд шудани меъёри фоизҳоро интизор аст ва истифодаи пасандозҳои кӯтоҳмуҳлатро афзалтар медонад. Бонкҳои тиҷоратӣ бояд зуд ба ин хоҳишҳо ва афзалиятҳои пасандозгузорон мутобиқ шаванд ва вобаста ба ин сиёсати маркетингии худро бозбинӣ кунанд, воситаҳоеро истифода баранд, ки барои ба худ ҷалб кардани пасандозгузорон мусоидат кунанд. Дар ин маврид, бонкҳо бояд тамоюлот дар хоҳишҳо ва афзалиятҳои пасандозгузорони имконпазирро доимо пайгирӣ кунанд ва вобаста ба ҳар як ҳолати муайянгардида бо истифодаи воситаҳои муносиби маркетинг ба онҳо тарзҳои нави хизматрасониро пешниҳод кунанд. Дар ҳолатҳои аз ҷиҳати пӯёи меъёри фоизҳо устувортар аст, корбурди механизмҳои таблиғотӣ, ба қавли дигар, иқдомҳо хеле маъмул аст, ки бонк ба мизоҷони нави худ барои давраи муайяни аввалӣ фоизҳои баландтари пасандозро пешниҳод мекунад.

Бояд қайд кард, ки дар чунин ҳолатҳо мизоҷе, ки аллакай пешниҳоди бонкро пазируфта, онро қабул кардааст, метавонад бо гузашти ин муҳлати аввалӣ ҳисоби пасандозии худро маҳкам карда, ба бонки дигар, ки ҳамин гуна иқдоми ҷолибтарро пешниҳод кардааст, муроҷиат карда, маблағҳои худро ба он гузаронад. Вале дар ин маврид барои тақвияти эътимоди мизоҷ бонк имконият дорад. Маълумоти ҳангоми пасандозгузорӣ дар бораи худ пешниҳодкардаи мизоҷ дар пойгоҳи бонк мемонад, ки ин аз нигоҳи маркетинг хеле муҳим буда, пешниҳоди шартҳои нави қабули пасандозҳо ва дигар хизматрасониҳои бонкро ба ӯ осон мекунад. Маъумоти мазкурро мутахассисони бонк истифода бурда, мизоҷро бо иқдомҳои нав, шароит ва бартарии хизматрасониҳои нави бонк шинос менамоянд.

Аз иттилооте, ки мо ҳангоми таҳқиқот аз бонкҳо ба даст овардем, ба таври возеҳ мушоҳида мешавад, ки ҳангоми интихоби бонк барои пасандозгузорӣ мизоҷон пеш аз ҳама ба хати маҳсулот нигоҳ карда, ба меъёри фоизи пасандозҳо ва ҳисобҳои пасандозии ғуншаванда, ки бонк пешниҳод мекунад, таваҷҷуҳи хоса медиҳанд. Маҳсулот ва хизматрасониҳои нави бонкӣ, аз қабили сармоягузорӣ, сармоягузорию суғуртавӣ, хизматрасониҳои брокерӣ (миёнаравӣ) низ хеле муҳим мебошанд, ки мизоҷон онҳоро меписанданд ва қадр мекунанд. Аммо бояд дар хотир дошт, ки мизоҷон дар аввал ба бонк асосан ба хотири пасандозгузорӣ муроҷиат мекунанд, на ба ин маҳсулот ва хизматрасониҳо, ки барои ҷалби мизоҷ ҳамчун амали маркетингӣ мебошанд. Бояд қайд кард, ки бонкҳои тиҷоратӣ ҳангоми пешниҳоди маҳсулот ва хизматрасониҳои пасандозӣ ва қарзӣ ҳамчун воситаи маркетинг ба мизоҷон хизматрасониҳои ғайрипасандозӣ ва ғайриқарзии ройгонро пешниҳод мекунанд. Масалан дар ҶСК «Бонки Эсхата» хизматрасониҳои ройгон, аз қабили пешниҳоди корти пардохтӣ, СМС-маълумотдиҳӣ, Клиент-Бонк, Эсхата Онлайн, насбкунии QR, кушодани суратҳисоб амалӣ карда мешаванд.

Ҳоло яке аз дигаргуниҳое, ки дар фаъолияти маркетингии бонкҳои тиҷоратӣ ба назар мерасад, истифодаи ҳамаҷонибаи воситаҳои рақамӣ, хатҳои рақамии пасандозӣ ва қарздиҳӣ мебошад. Хатҳои рақамӣ дар ҷалби пасандозгузорон ва қарзгирандагон нақши муҳим доранд. Инҳо асосан маҳсулоти кортии тавассути хатҳои рақамӣ фурӯхташаванда мебошанд, ки аксари мизоҷон онҳоро аз ҷиҳати қулай будан, мутамарказӣ, шаффофӣ ва каммасрафӣ меписанданд. Ҳамчунин хизматрасониҳои музди меҳнат, автоқарз ва ипотека – акнун ҳамаи инҳо дар шароити рақамӣ пешниҳод ва татбиқ карда мешаванд. Вале набояд фикр кард, ки офисҳои бонкҳои тиҷоратӣ, ки солҳои охир дар пӯёи шумораи онҳо тамоюли афзоиши бесобиқа ба назар мерасад, дар шароити корбурди технологияҳои рақамии бонкӣ аз байн мераванд. Не, ин тавр нест, вазифаҳои онҳо дигар мешаванд, акнун онҳо на ҳамчун нуқтаҳои хизматрасонӣ, балки ҳамчун марказҳои маслиҳатӣ ва маркетингӣ хизмат

мекунанд. Масалан, мо мушоҳида кардем, ки ҶСК «Бонки Эсхата» дар солҳои охир шумораи офисҳои худро дар маҳалҳо зиёд кардааст. Хусусан ин дар бахшҳои автоқарз ва ипотека мушоҳида мешавад, ки дар ин самтҳо мизоҷон ба маслиҳатҳои касбии менеҷерҳои бонк бештар ниёз доранд. Ҳамчунин дар ин самти фаъолияти бонк унсури обрӯ ва намои бозории он муҳим аст, мавҷудияти офисҳои бонк дар маҳалҳои дурдаст аз обрӯ ва эътибори он дар бозор гувоҳӣ медиҳад. Ҳангоме, ки менеҷери бонк ба мизоҷ занг мезанад, ё тавассути дигар воситаҳои иртиботӣ ё шабакаҳои иҷтимоӣ муроҷиат мекунад, мизоҷ медонад, ки на бо ягон шахси ношинос ва шубҳанок, балки мутахассиси бонк муроҷиат мекунад, ки соҳаи фаъолияти худро хуб мефаҳмад ва минбаъд ӯ метавонад бо пайдо шудани ҳама гуна нофаҳмӣ маҳз ба ӯ барои маслиҳат ва машварат муроҷиат кунад.

Ҳамин тариқ, вазъи имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбудаи ҷалби пасандозҳо ва пешниҳоди қарзҳо, меъёри фоизҳои пасандозҳо ва қарзҳои бонкиро ба инобат гирифта метавонем тасдиқ кунем, ки барои ҷалби ҳарчи бештари захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии муносиб ва самараноки онҳо корбурди воситаҳои муосири маркетинг тадбири зарурӣ мебошад.

Дар ин маврид, вазифаҳои асосии корбурди воситаҳои маркетинг дар бонкҳои тиҷоратӣ инҳо буда метавонанд [67, с. 260]:

- таъмини кори даромадноки бонк дар шароити доимо дигаршавандаи бозори молиявию пулӣ;

- баланд бардоштани пардохтпазирии бонк ба хотири риояи манфиатҳои пасандозгузорон ва қарздиҳандагон, нигоҳ доштани обрӯи бонк дар ҷомеа ва бозор;

- ҳарчи бештар қонеъ намудани дархостҳои мизоҷон аз рӯи ҳаҷм, сохтор ва сифати маҳсулот ва хизматрасониҳои аз ҷониби бонк пешкашшаванда, ки ин шароитро барои устувории муносибатҳои тиҷоратии бонк ва мизоҷ фароҳам месозад;

- ҷустуҷӯи эҳтиёҷоти нав ба маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, гузаронидани таҳқиқоти маркетингӣ.

Мутобиқи вазифаҳои мазкур корбурди воситаҳои маркетинг дар раванди ҷалби пасандозҳо ба ноилгардии нишондиҳандаҳои баланди миқдорӣ, сифатӣ ва иҷтимоӣ нигаронида мешавад, ба мисли: шумораи пасандозгузорон, мизоҷон ва ҳисобҳои онҳо; ҳаҷми пасандозҳо, қарзҳо, сармоягузориҳо; андозаи амалиёт ва хизматрасониҳои аз ҷониби бонк анҷомдодашуда; нишондиҳандаҳои даромадҳо ва хароҷоти бонк; муҳлатҳои омодасозӣ ва коркарди ҳуҷҷатҳои зарурӣ; дараҷаи қонеъгардии пасандозгузорон ва мизоҷон ҷиҳати ҳаҷм, миқдор ва сифати хизматрасониҳо ва ғайра.

Ҳангоми таҳияи пасандози нав ё қарзи нав бонк ба эҳтиёҷоти мизоҷон таваҷҷуҳ мекунад. Одатан, пайдошавии маҳсулот ё хизматрасонии бонкии нав пас аз пайдошавии эҳтиёҷоти комилан нав ё тағироти назарраси эҳтиёҷоти мавҷудбуда сурат мегирад. Талаботи нав дар натиҷаи таҳқиқоти маркетингӣ муайян карда мешавад. Вобаста ба ин, пасандози ҷалбшаванда аз рӯи якчанд аломатҳо тавсиф карда мешавад, чун: андозаи ҳадди ақали маблағи гузошташаванда; бузургӣ ва доимияти фоиз; муҳлати камтарин; шартҳои гузоштани маблағҳои иловагии пасандоз; шартҳои гирифтани маблағи гузошташуда, аз ҷумла дархости пеш аз муҳлат барои гирифтани он.

Бо тағйир додани ин хусусиятҳо метавон намуди комилан нави маҳсулот ё хизматрасониро ба даст овард. Аммо, азбаски пасандоз ҳамчун намуди хизматрасонии бонкӣ дарозмуҳлат аст (яъне маблағ барои як давраи муайян гузошта мешавад), омилҳои муҳити берунӣ ба раванди ҷалб ва ҷойгиркунии он таъсир мерасонанд. Бинобар ин, бонк ҳангоми таҳияи маҳсулот ва хизматрасониҳои худ бояд тағйиротро дар муҳити берунӣ ба нақша гирифта, ҳамчунин роҳҳои имконпазири танзимкунии онҳоро пешбинӣ кунад, то дар ниҳоят аз татбиқи маҳсулот ва хизматрасониҳо фоида ба даст орад. Ҳамчунин бонк метавонад вобаста аз дигаршавии эҳтиёҷоти мизоҷон ва бо истифодаи шартҳои нави ҳисобкунӣ намуди нави маҳсулот ё хизматрасониро таҳия кунад.

Бо тағйир додани бузургии маблағи ҳадди ақали гузоштани пасандоз, бонк метавонад доираҳои гуногуни мизоҷонро бо шартҳои нисбатан муфид барои онҳо барои пасандозсупорӣ ҷалб намояд. Дар ин маврид, бузургии ҳадди ақали пасандоз бо меъёри фоизи пасандоз алоқаманд аст, ҳар қадаре ки маблағи ҳадди ақалали пасандозгузорӣ калон бошад, меъёри фоизи пасандоз низ зиёд аст. Бо ин бонк хароҷоти амалиётиро барои хизматрасонии як пасандоз сарфа намуда, ҳаҷми фоидаи худро зиёд мекунад ва ба мизоҷ мукофот дар шакли фоизи зиёд медиҳад. Бонк инчунин метавонад барои гурӯҳҳои гуногуни мизоҷон, аз қабили волидайни хонандагони муассисаҳои таълимии таҳсили пулакӣ, донишҷӯён, нафақахӯрон, занҳо ва дигарон шартҳои махсуси пасандозро пешниҳод кунад.

Масалан, ҶСК «Бонки Эсхата» барои пардохти маблағи таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ, харидани сару либоси мактабӣ, техника ва дигар лавозимоти хониш иқдоми махсус пешниҳод мекунад, ки дар доираи он ба ниёзмандон танҳо бо пешниҳоди шиноснома то 10000 сомонӣ қарз дода мешавад. Ҳамчунин, агар ниёзманд дар баробари таҳсил хоҳиши хариди мебел ё сафар ба хориҷа дошта бошад, ба ӯ то 30000 сомонӣ бе гарав ва зомин қарз пешниҳод карда мешавад.

ҶСК «Бонки Эсхата» барои занҳои соҳибкор хизматрасонии қарзии «Имкон»-ро пешниҳод мекунад, ки дар якҷоягӣ бо Бонки Аврупоии Таҷдид ва рушд дар доираи лоиҳаи «Занҳо дар тиҷорат» амалӣ мешавад. Мақсади қарзи мазкур дастгирии фаъолияти соҳибкории занҳо мебошад ва дар он имконияти гирифтани давраи имтиёзноки қарз (таъхири пардохти фоизҳо) баррасӣ мешавад.

Корбурди воситаҳои маркетинг дар бахши бонкӣ бояд ба таҳқиқи захираҳои пасандозию қарзӣ, таҳлили вазъи молиявии мизоҷон ва пасандозгузорон ва дар ин асос муайян кардани пешомадҳои имконияти ҷалби маблағҳои озоди мизоҷон ҳамчун захираҳои бонкӣ нигаронида шуда бошад. Дар ин маврид, чорабиниҳои маркетингӣ ба фароҳам овардани шароите равона карда мешаванд, ки барои ҷалби мизоҷони нав аз ҳисоби пасандозгузорони имконпазир, васеъ намудани доираи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки

мизоҷонро барои гузоштани маблағҳои озоди худ маҳз ба ҳамин бонк ҳавасманд мекунанд, мусоидат мекунанд.

Ҳоло дар таҷрибаи хориҷии фаъолияти бонкӣ корбурди низоми маркетинги ҳамгиро мушоҳида мешавад, ки ҳадафи он на танҳо ҷалби пасандозгузорон, балки инчунин доимо беҳгардонии сифати хизматрасонӣ ва муносибатҳои некбинона бо онҳо мебошад ва дар шароити муосири низоми бонкии мамлакат онро метавон барои беҳгардонии раванди ҷалби захираҳои молиявӣ ва ҷойгиркунии онҳо истифода бурд. Хусусияти фарқкунандаи маркетинги ҳамгиро ин аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ на танҳо ба ҷалби маблағҳои озоди пасандозгузорони имконпазир, балки инчунин ба истифода (ҷойгиркунӣ)-и самараноки маблағҳои ҷамъшуда бо ёрии низоми қарздиҳии субъектҳои иқтисодӣ ва аҳолӣ манфиатдор мебошанд. Ин зарурати рушди ҳамаҷонибаи маркетингро ҳам дар самти муносибатҳои бонк бо пасандозгузорон ва ҳам дар самти пешниҳоди маҳсулоти қарзӣ ба мизоҷон ба миён меорад. Дар ин маврид, ҳадафҳои бонк дар ин ду самти амалисозии чорабиниҳои маркетингӣ гуногун мебошанд: дар самти муносибат бо пасандозгузорон – ҷалби мизоҷон ҳамчун пасандозгузори маблағҳои озоди онҳо, дар самти пешниҳоди қарз – равона намудани захираҳои бонкӣ ба субъектҳои иқтисодие, ки маблағҳои қарзи гирифтаи худро бо манфиати ҳарчи бештар истифода мебаранд ва қодир бошанд, ки маблағҳои қарзро дар мӯҳлатҳои муқарраршуда бозпас гардонанд.

## ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО

***Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия***

Аз натиҷаи таҳқиқоти анҷомдодашуда якчанд нуктаҳои назариявӣ, тавсия ва пешниҳодҳои амалӣ оид ба таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ва таҳкими он таҳия карда шудааст. Хулосаҳои муҳимтарини таҳияшуда аз ҷумла инҳо мебошанд:

1. Устувории бонки тиҷоратӣ аломати муҳими тавсифкунандаи вазъи молиявӣ ва таъмини ин устуворӣ мебошад, ки ҳалли он рафъи мушкилоти марбут ба арзёбии суботи молиявиро дар бар мегирад. Омӯзиши ақидаҳои илмии гуногун имкон дод, ки якчанд тарзҳои тафсири ин мафҳум ва мафҳумҳои дигари бо он наздикро муайян карда, муҳтавои мафҳуми устувории молиявии бонки тиҷоратиро дар шароити буҳронӣ ва норасоии захираҳои молиявӣ ифшо кунем. Устувории молиявии бонки тиҷоратӣ ҳамчун нишондиҳандаи ҷамъбастӣ, ки дар он хосиятҳо ва таъсири ҳамаи дигар унсурҳои устувории умумии бонк ҳамбаста мешаванд, устувории молиявии низоми бонкии мамлакатро муайян мекунад [1-М; 3-М].

2. Дар марҳилаи кунунии рушди иқтисодии мамлакат масъалаҳои идоракунӣ ва баланд бардоштани устувории низоми бонкӣ ва бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун унсури асосии он аҳамияти назаррас пайдо кардааст. Вазъи мураккаби молиявии бонкҳои тиҷоратӣ аз як ҷониб, аз ҷониби дигар, - зарурати афзоиши ҳаҷмҳои сармоягузориҳо дар иқтисодиёти миллӣ масъаларо боз ҳам тезу тунд гардонда, онро ба яке аз муҳимтарин мушкилоти назариявӣ ва амалии иқтисодиёти миллӣ табдил додааст. Низоми муносиби арзёбӣ ва идоракунии устувории молиявӣ имкон медиҳад, ки бонкҳои дорои мушкилот тавассути роҳандозӣ намудани низоми пайгирӣ ва назораи онҳо бо назардошти кифоятии сармоя, идоракунии пардохтпазирӣ, сифати дороиҳо, сохтори муносиби уҳдадориҳо ва натиҷаҳои фаъолияти молиявӣ ошкор карда шаванд. Робитаи мутақобила ва вобастагии гурӯҳҳои гуногуни омилҳо имкон медиҳад, ки танҳо дар сурати истифодаи ҳамаҷониба ва бонизоми нишондиҳандаҳои

тавсифкунандаи фаъолияти бонки тиҷоратӣ арзёбии дурусти таъмини устувории молиявии он ба ҷо оварда шавад [1-М; 3-М; 8-М; 9-М].

3. Низоми бонкии имрӯз дар мамлакат фаъолияткунанда дар марҳилаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ бунёд шудааст, ки ин ба ташаккули хусусиятҳои таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ боис гардид. Хавфҳое, ки дар низоми бонкии муосир ба вуҷуд меоянд, тавассути механизми бозор худ ба худ бартараф намешаванд, бинобар ин, низоми бонкӣ ба воситаҳои нави таъмини устувории молиявӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ ниёз дорад. Яъне хусусиятҳои асосии таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ бештар ба таъсири хавфҳо дар низоми бонкӣ вобаста мебошанд. Сарфи назар аз меъёрҳои баланди фоизи қарз дар мамлакат, талаботи шахсони воқеӣ ва субъектҳои иқтисодӣ ба қарз меафзояд ва ҳоло бонкҳои тиҷоратӣ ин талаботро пурра қонеъ карда наметавонанд. Имрӯз хусусиятҳои асосии сохтори захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҳаҷмҳои ками сармояи худӣ, ҳиссаи пасти он дар дороиҳо, бартарии уҳдадориҳои кӯтоҳмуҳлат мебошанд. Гузашта аз ин, ҳиссаи ками пасандозҳо дар таркиби уҳдадориҳо ва ҳиссаи зиёди бақияи суратҳисобҳои шахсони ҳуқуқӣ, мувофиқ наомадани сохтори уҳдадориҳо, шиддатнокии масъалаи бозоргирии дороиҳои бонкҳо низ аломатҳои номатлубе мебошанд, ки аз муносиб набудани идоракунии захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ гувоҳӣ медиҳанд [2-М; 4-М; 6-М; 10-М].

4. Паёмадҳои номатлуби бӯҳрони молиявӣ боиси зарурати дарки мушкилоти мавҷуда, муайян намудани нуқтаҳои заиф дар таъмини фаъолияти босамари бонкҳои тиҷоратӣ ва такмили танзими фаъолияти онҳо ба хотири барқарорсозии баъдибӯҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон гардид. Дар робита ба ин, мушкилоти давомдори бозоргирӣ ва пардохтпазирӣ дар низоми бонкӣ ба сифати пасти захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, истифода нашудани пасандозҳо ҳамчун манбаи сармоягузорӣ ва манбаъҳои кӯтоҳмуҳлат ҳамчун сармоягузориҳои дарозмуҳлат, камбудиҳо дар идоракунии дороиҳо ва таъмини пардохтпазирии онҳо ишорат мекунанд. Коҳиш ёфтани устувории

молиявии якчанд ташкилотҳои қарзӣ, бад шудани вазъи молиявии онҳо ва ҳолатҳои аз ҷониби БМТ бозхонд шудани иҷозатномаҳои баъзе бонкҳо барои пешбурди фаъолияти бонкӣ ба коҳишёбии пасандозҳои аҳолӣ ва қарзҳои байнибонкӣ боис шуд. Вале ҳисобкунӣ ва таҳлили нишондиҳандаҳои кифоятии сармоя дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки онҳо аз қиматҳои меъёрӣ (тавсияшаванда) дар сатҳи баландтар қарор доранд. Ин аз вазъи молиявии босуботи соҳаи бонкӣ дар мамлакат гувоҳӣ медиҳад, яъне он бо вуҷуди таъсири ҳар гуна хавфҳо устувор аст [2-М; 4-М; 6-М].

5. Мушоҳидаҳои мо нишон медиҳанд, ки сарфи назар аз қиматҳои муътадили нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкӣ, ки аз ҷониби БМТ ҳисоб ва нашр мешаванд, мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ ва унсурҳои алоҳидаи он дар мамлакат зиёд мебошанд. БМТ дар доираи амалисозии пайваста ва ҳадафмандонаи сиёсати молиявию иқтисодии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон кӯшиш менамояд, ки фаъолияти самараноки низоми бонкиро дар мамлакат таъмин кунад. Вале аз сабаби ноустувориҳои умумӣ дар иқтисодиёти миллӣ хавфи коҳишёбии устувории молиявӣ ва маҳдудшавии пойгоҳи захиравии бонкҳои тиҷоратии алоҳида боқӣ мемонад. Аксари ташкилотҳои қарзӣ, ки дар давоми даҳ соли охир бо сабаби муфлисшавӣ, вайрон кардани интизоми бонкӣ, риоя накардани меъёрҳои ҳатмӣ ва роҳандозӣ намудани сиёсати пурхавфи қарзӣ фаъолияти худро қатъ намудаанд, бо мушкилоти нарасидани захираҳои молиявӣ дучор шуда буданд. Ба андешаи мо, ҳисобкунӣ, таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ, ки аз ҷониби БМТ анҷом дода мешавад, бештар хусусияти расмиётпарастӣ доранд ва натиҷаҳои онҳо ҳолати воқеии рушди низоми бонкии мамлакатро инъикос намекунанд. Бинобар ин, БМТ-ро лозим аст, ки чун бонкҳои марказии мамлакатҳои пешрафта тадриҷан ба истифодаи усулҳои арзёбии ғайрирасмии ба таҳлили сифати равандҳои тиҷоратии бонкҳо асосёфта гузарад. Таъхир дар амалисозии равишҳои нави арзёбии устувории молиявӣ дар асоси

принсипҳои нави Базел ва идоракунии самараноки хавфҳо метавонад вазъи душвори низоми бонкиро боз ҳам шадид ва амиқтар кунад [2-М; 6-М; 7-М].

6. Дар шароити муосири норасоии захираҳои молиявӣ ва талафёбии пардохтпазирӣ бонкҳои тиҷоратӣ маҷбур мешаванд, ки сиёсати нархҳои худро ҷиҳати ҷалб ва ҷойгиркунии захираҳои молиявӣ тағйир диҳанд, ки ин дар навбати худ ба сатҳи боварии мизоҷон таъсир мерасонад. Дар робита ба ин, барои онҳо мушкилоти ҷиддӣ вобаста ба тағйири сифати дороиҳо ва уҳдадориҳо ба миён меоянд, ки барои дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани бозоргирӣ, пардохттавонӣ ва устувории молиявӣ монеа месозанд. Сатҳи муосири рушди фаъолияти бонкӣ асосҳои нави методологии идоракунии захираҳои молиявӣ, пардохтпазирӣ ва таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро талаб мекунад. Барои ноил шудан ба сатҳи мақбули самаранокии пойгоҳи захиравӣ ва дарёфти иттилооти воқеъбинона оид ба дараҷаи хавфи коҳиши устувории сохтори захираҳо вобаста аз тағйирёбии муҳити фаъолияти бонк корбурди методикаи ҳамаҷонибаи таҳлил ва арзёбии нишондиҳандаҳои дахлдор зарур аст [2-М; 5-М; 8-М; 9-М].

7. Паёмадҳои буҳрони молиявии ҷаҳонӣ собит карданд, ки омӯзиши вазъ ва дурнамои рушди низоми бонкӣ барои давлат, субъектҳои соҳибкорӣ ва шахсони алоҳида аҳамияти бузург дорад. Буҳрон тавассути низоми бонкӣ ба тамоми унсурҳои иқтисодии давлат таъсир расонид. Тадбирҳои асосӣ барои ба эътидол овардани низоми бонкӣ ва таъмини устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби БМТ дар доираи амсилаи танзими низоми бонкӣ таҳия ва амалӣ карда мешаванд. Таҳқиқоти мо тасдиқ мекунад, ки амсилаи амалкунандаи танзим ва назорати бонкӣ вазифаҳои худро оид ба таъмини устувории молиявии низоми бонкӣ пурра ва самаранок иҷро намекунад. Вазифаи мазкур метавонад танҳо бо ташаккули амсилаи нави танзими низоми бонкӣ ҳамаҷониба амалӣ гардад. Таҳияи амсилаи танзим ва назорати низоми бонкӣ мавҷудият ё ташаккули амсилаи бозори бонкии босуботро тақозо мекунад. БМТ-ро зарур аст, ки талаботи стандартҳои байналмилалиро мутобиқи муқаррароти

созишномаи Базел III дар амсилаи нави танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҷорӣ намояд [5-М; 7-М; 10-М].

8. Идоракунии босамари дороиҳо ва уҳдадориҳо бидуни идоракунии захираҳо ва пардохтпазирии бонк ғайриимкон аст. Ба даст овардани даромади баландтарин барои бонкҳои тиҷоратӣ тавассути истифодаи самараноки захираҳои молиявии онҳо имконпазир аст. Таҳлили таркиб ва пӯёи дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» нишон медиҳад, ки барои таҳкими устувории молиявии бонк аз ҳисоби идоракунии муносиби дороиҳо имконият мавҷуд аст, зеро аз рӯи тамоми моддаҳои дороиҳои бонк тамоюли зиёдшавӣ мушоҳида мешавад. Идоракунии пардохтпазирӣ ҷанбаи меҳварии муайянкунандаи сатҳи самаранокии фаъолияти бонки тиҷоратӣ мебошад. Маҳз бо шарофати баланд бардоштани дараҷаи пардохтпазирӣ равандҳои идоракунии фаъолият ва устувории молиявии бонк дар шароити норасосии захираҳои молиявӣ рушд мекунанд ва идоракунии захираҳои молиявии бонк ҷиҳати таҳкими устувории молиявии он самараи бештар медиҳад. Ҳоло Кумитаи Базел меъёрҳои нави танзим ва назорат, арзёбии хавфҳо, андозаи захираҳои таъсисдодашуда, пардохтпазирии дороиҳо ва дигар нишондиҳандаҳоро ҷорӣ кардааст. Дар амалияи хориҷӣ коэффитсиентҳои пардохтпазирии фаврӣ, пардохтпазирии ҷорӣ ва пардохтпазирии дарозмуҳлат, инчунин нишондиҳандаҳои даромаднокӣ барои арзёбии таъмин ва таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ҳисоб карда мешаванд, ки тибқи натиҷаи таҳқиқот БМТ онҳоро ҳисоб ва арзёбӣ намекунад [2-М; 5-М; 7-М].

9. Сиёсати дурусти пасандозӣ дар шароити муосир аз омилҳои бисёр вобаста мебошад, ки яке аз муҳимтарини онҳо сиёсати маркетингии бонк ва дар доираи он амалӣ намудани чорабиниҳо барои ҷалби пасандозҳо ва ҷойгиркунии онҳо мебошад. Ба туфайли истифодаи воситаҳои муосири маркетинг бонк метавонад заминаҳои муносибро барои бартараф кардани норасоии захираҳои молиявии худ фароҳам созад. Сарфи назар аз вазъи номатлуби иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ дар мамлакат пӯёи қарздиҳии бонкҳо дар солҳои охир

тамоюл ба рушд дошта, ҳаҷми уҳдадориҳои пасандозии бонкҳо низ зиёд мешавад. Бо вуҷуди ин талаботи бонкҳои тиҷоратӣ ба ҷалби пасандозҳо зиёд аст, вале бо сабаби омилҳои муайян субъектҳои иқтисодӣ ва шахсони воқеӣ барои ба бонкҳо пасандоз гузоштани маблағҳои озоди худ рағбати зиёд надоранд [5-М; 8-М; 10-М].

***Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо***

1. Тамоюл ба густариши рақобат дар тамоми самтҳои фаъолияти бахши бонкии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тайи чанд соли охир ба назар мерасад, зарурати таҳияи равишҳои аз ҷиҳати илмӣ асосноки идоракунии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба муайян кардани мушкилоти устувории молиявии онҳоро ба миён овардааст. Ҳалли ин масъала барои расидан ба сатҳи сифатан нави фаъолияти низоми бонкӣ, таъмини афзоиши эътимоднокӣ, таҳкими суботи молиявии низоми миллии бонкӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодиёти миллӣ имконият фароҳам меорад.

2. Барои мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбандаи бозор ва беҳгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ ба ҷо овардани таҳлили саривақтӣ ва арзёбии омилҳои ба устувории молиявии онҳо таъсиркунанда зарур аст. Такмили низоми таҳлил ва арзёбии фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва идоракунии устувории молиявии онҳо ба баланд бардоштани суботи молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

3. Бонкҳои тиҷоратӣ бо сафарбар кардани воситаҳои пулии муваққатан озоди мизоҷон эҳтиёҷоти иқтисодиёти миллиро ба воситаҳои гардони иловагӣ қонеъ мекунанд. Бинобар ин, тадбирҳои иловагиро барои тамоюлоти мусбат дар бахши воқеии иқтисодиёт, афзоиши даромадҳои воқеии аҳолӣ ва эҳёи эътимод ба бахши бонкӣ роҳандозӣ кардан зарур аст, ки ин ба афзоиши захираҳои молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мусоидат карда, устувории молиявии бонкҳои тиҷоратиро дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ таъмин мекунад.

4. Аз натиҷаи таҳлили маълумоти омории низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида мешавад, ки нишондиҳандаҳои таъмини устувории

молиявии бонкҳои тиҷоратӣ муътадил мебошанд, вале ба хотири барқарорсозии баъдибуҳронии низоми бонкӣ қиматҳои онҳо ба беҳгардонӣ ниёз доранд. Барои ин истифодаи воситаҳои таҳкими устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ, аз ҷумла диверсификатсияи захираҳои молиявӣ, беҳгардонии сохтори сармоя, муносибгардонии таносуби даромадҳои фоизӣ ва даромадҳои дигари бонкҳои тиҷоратӣ зарур аст.

5. Ба хотири таҳкими устувории молиявии низоми бонкӣ зарур аст, ки низоми бештар самарабахши арзёбии нишондиҳандаҳои устувории молиявии бонкҳо ташкил карда шуда, ба бевосита беҳтар намудани нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳои тиҷоратии алоҳида диққати хоса додан зарур аст. Дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ барои бонкҳои алоҳида аз ҷониби БМТ роҳандозӣ намудани тадбирҳои дастгирикунанда нисбат ба тадбирҳои қатъии назорат ва танзим бештар мақбул аст.

6. Дар марҳилаи муосири рушди низоми бонкӣ аз ҷониби ҳар як бонки тиҷоратӣ таҳия ва истифодаи методикаи самарабахши истифодаи манбаъҳо ва роҳҳои таъмини пойгоҳи захиравии фаъолияти худ масъалаи мубрам аст. Ба хотири баланд бардоштани устувории молиявии худ, бонки тиҷоратӣ бояд пеш аз ҳама талаботи мизоҷонро муайян кунад ва имкониятеро ба онҳо пешниҳод кунад, ки рақибон онро надошта бошанд.

7. Дар амсилаи нави танзим ва назорати низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ мавқеи асосиро бояд масъалаҳои кифоятии сармояи худӣ ва танзими хавфҳо бо назардошти меъёрҳои бозбинишудаи Базел ишғол намоянд. Нишондиҳандаҳои нави левериҷ ва пардохтпазирӣ меъёрҳои талаботи ҳадди ақалро, ки ба хавф асос меёбад, ҳамчун тарзи таъмини маблағгузорӣ дар ҳолати буҳрон, бе дучор шудан ба хавф пурратар мекунанд. Бо ҷорӣ намудани муқарраротии Созишномаи Базел III дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон талабот ба сохтор ва сифати сармояи бонкҳои тиҷоратӣ қатъитар ва назорати идоракунии хавфҳо пурзӯр шуда, ҳамчунин талабот ба арзёбии амалиёти бозорӣ ва бонкӣ баландтар мешаванд.

8. Дар асоси таҳлили нишондиҳандаҳои пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ, инчунин арзёбии сифати дороиҳои ҶСК «Бонки Эсхата» метавон тасдиқ кард, ки бонк барои таҳкими устувории молиявии худ аз ҳисоби идоракунии муносиби пардохтпазирӣ ва даромаднокӣ захираи кофӣ дорад. Бо вуҷуди ин, роҳбарият ва менеҷменти бонк бояд тадбирҳоеро роҳандозӣ намоянд, ки ба баланд бардоштани сатҳи даромаднокии дороиҳо мусоидат кунанд. Инро метавон аз ҳисоби тақсими оқилонаи захираҳои қарзӣ – сармояи худӣ ва маблағҳои ҷалбкардашуда ба маблағҳои накд, қарзҳо ва дигар дороиҳо амалӣ кард.

9. Бо дарназардошти вазъи ҷалби пасандозҳо ва пешниҳоди қарзҳо, меъёри фоизҳои пасандозҳо ва қарзҳо тасдиқ мекунем, ки барои ҷалби захираҳои молиявӣ, инчунин ҷойгиркунии муносиб ва самараноки онҳо корбурди воситаҳои муосири маркетинг тадбири зарурӣ ба ҳисоб меравад. Чорабиниҳои маркетингӣ ба густариши доираи маҳсулот ва хизматрасониҳои бонкӣ, ки мизоҷонро барои гузоштани маблағҳои озоди худ ҳавасманд мекунанд, мусоидат мекунанд.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## 1. РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

1. Азизов, А.И. Финансовая устойчивость коммерческих банков в условиях инновационного развития экономики [Текст] / А.И. Азизов // Вестник филиала Московского государственного университета имени М.В. Ломоносова в городе Душанбе. – 2022. – Т. 2. - №1(22). – С. 75-82

2. Антонюк, О.А. Подходы к определению финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст] / О.А. Антонюк // Наука и современность. – 2014. – №28. – С. 246-249

3. Асосҳои сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https:// https://nbt.tj/files/suboti-moliyavi/sanadho

4. Аҳадов, И.Қ., Раҳимзода, Ф.М., Иброҳими, Ҳ.Ҳ. Роҳҳои таъмини устувории молиявии бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / И.Қ. Аҳадов, Ф.М. Раҳимзода, Ҳ.Ҳ. Иброҳими // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №10-2. – С. 98-104

5. Ашуров, Ғ.М., Махшулов, С.Ҷ. Таҳлили нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ дар шароити буҳрони молиявӣ [Матн] / Ғ.М. Ашуров, С.Д. Махшулов // Паёми молия ва иқтисод. – 2018. - №3(15). – С. 80-84

6. Байрам, У.Р. Преимущества и недостатки оценки финансовой устойчивости коммерческих банков [Текст] / У.Р. Байрам, А.В. Парамонов, С.И. Зикирияев // Символ науки. - 2016. - № 6. - С. 135-140

7. Бакун, Т.В., Обуховская, И.Ф. Современные тенденции банковского маркетинга: теория и практика [Текст] / Т.В. Бакун, И.Ф. Обуховская // Вестник Омского университета. Серия «Экономика». – 2014. - № 2. – С. 34-40

8. Банковская система в современной экономике: учебное пособие [Текст] / Под ред. проф. О.И. Лаврушина / 2-е изд., стер. - М.: КНОРУС, 2016. - 360 с.

9. Банковское дело. Управление и технологии: учебник [Текст] / Под ред. А.М. Тавасиева / 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. – 671 с.

10. Барномаи миёнамуҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://www.medt.tj/images/20-07-2022-5.pdf

11. Баротов, А.А. Некоторые вопросы развития банковского сектора в условиях глобализации [Текст] / А.А. Баротов // Экономика Таджикистана. – 2020. - №4-2. – С. 78-82

12. Бибикова, Е.А. Факторы, влияющие на устойчивость банков в условиях кризиса [Текст] / Е.А. Бибикова // Наука и экономика. – 20210. - №1(1). – с. 12-14

13. Бибикова, Е.А. Шекшуева, С.В., Ганцев, А.В. Инвестиционная деятельность российских коммерческих банков и их финансовая устойчивость [Текст] / Е.А. Бибикова, С.В. Шекшуева, А.В. Ганцев // Известия высших учебных заведений. Серия: экономика, финансы и управление производством. – 2020. - №2(44). – С. 3-9

14. Бирюков, А.Н. Методика анализа финансовой устойчивости банка в оценке экономической стабильности [Текст] / А.Н. Бирюков // научное обозрение: теория и практика. – 2023. – Т.13. - №2(96). – С. 226-244

15. Биткина, И.К. Особенности методических подходов исследования финансовой устойчивости кредитного сектора [Текст] / И.К. Биткина, И.А. Стурова // Вестник Московского гуманитарно-экономического института. – 2020. – № 4. – С. 75–85

16. Бобрик, М.А. Модели и методы оценки финансовой устойчивости коммерческих банков [Текст] / М.А. Бобрик // Банковское дело. - 2013. - №10. - С. 53–56

17. Бобрик, М.М. Финансовая устойчивость коммерческого банка [Текст] / М.М. Бобрик // Банковское дело. – 2011. - №8. – с. 50-52

18. Большой экономический словарь: 25000 терминов [Текст] / А.Н. Азрилиян и др. / Изд. 6-е, доп. – М.: Институт новой экономики, 2004. – 1376 с.

19. Бюллетени омори бонкӣ [Матн] / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2014. - №12(233). – 152 с.

20. Бюллетени омори бонкӣ [Матн] / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2018. - №12(281). – 124 с.

21. Бюллетени омори бонкӣ [Матн] / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2019. - №12(293). – 121 с.

22. Бюллетени омори бонкӣ [Матн] / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. - №12(305). – 122 с.

23. Бюллетени омори бонкӣ [Матн] / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. - №12(316). – 100 с., с. 30-31

24. Бюллетени омори бонкӣ [Матн] / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2022. - №12(329). – 99 с.

25. Бюллетени омори бонкӣ [Матн] / Бонки миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2023. - №12(341). – 104 с.

26. Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санаи 31 декабри соли 2023 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/upload/iblock/

27. Власенко, М. Финансовая стабильность и макропруденциальная политика центральных банков [Текст] / М. Власенко // Банкаўскі веснік, – 2018. – №10(663). - С. 62-72

28. Волошина, О.Б. Доходность банка как один из основных показателей его экономического положения [Текст] / О.Б. Волошина // Известия высших учебных заведений. Поволжский регион. – 2014. - №1(29). – С. 158-172

29. Волошина, О.В., Канищева, Н.А. Теоретические основы анализа ликвидности и платежеспособности коммерческого банка [Текст] / О.В. Волошина, Н.А. Канищева // Наука молодых: вызовы и перспективы. Сборник материалов Всероссийской с международным участием научно-практической

конференции в рамках мероприятий «Дни науки – 2021 год». - Великий Новгород, 2021. - С. 194–198

30. Вотинцева, Р.С. Современные теоретические подходы к определению понятия «финансовая устойчивость коммерческих банков» [Текст] / Р.С. Вотинцева // Экономика и право. - 2015. - №3. - С. 44–48

31. Герасимова, Е.Б. Феноменология анализа финансовой устойчивости кредитной организации [Текст]: дисс. докт. экон. наук: 08.00.12 / Герасимова Елена Борисовна. - Москва, 2007. – 371 с.

32. Герасимова, Е.Б. Анализ финансовой устойчивости банка: учебник [Текст] / Е.Б. Герасимова. – М.: ИНФРА-М, 2020. – 366 с.

33. Глотова, И.И., Томилина, Е.П. Михненко, Е.В. Проблематика финансовой устойчивости кредитной организации и методики ее оценки [Текст] / И.И. Глотова, Е.П. Томилина, Е.В. Михненко // Международный журнал экономики и образования. – 2018. – Т. 4. - №4. – С. 5-30

34. Гоголь, Д.А. Проблематика финансовой устойчивости коммерческого банка и методов ее оценки [Текст] / Д.А. Гоголь // Вестник Волгоградского государственного университета. Серия 3: Экономика. Экология. - 2011. - №2. - С. 163–167

35. Гоголь, Д.А. Развитие методов оценки и регулирования финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст]: дисс. канд. экон. наук.: 08.00.10 / Гоголь Дмитрий Александрович. – Волгоград, 2012. – 217 с.

36. Горский, М.А. Риск-ориентированный анализ финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст] / М.А. Горский // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2020. - №4. – С. 29-35

37. Горский, М.А., Решульская, Е.М. Финансовая устойчивость коммерческого банка: феномен, показатели и методы оценки [Текст] / М.А. Горский, Е.М. Решульская // Вестник Альтайской академии экономики и права. – 2020. - №3-1. – С. 29-39

38. Давтян, С.Э. Оценка ликвидности и учета риска коммерческих банков [Текст] / С.Э. Давтян // Международный журнал экспериментального образования. – 2009. - № 3. – С. 48-50

39. Дастурамали №176 «Дар бораи тартиби танзими фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/normative/

40. Дастурамали №215 «Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/normative/

41. Дастурамали №240 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфи амалиётӣ дар ташкилоти қарзии молиявӣ» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/normative/

42. Дастурамали №244 «Дар бораи захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзӣ аз рӯи пасандозҳо ва уҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/normative/

43. Дастурамали №247 «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/normative/

44. Долан, Э.Дж. Деньги, банковское дело и денежно-кредитная политика [Текст] / Э.Дж. Долан. – СПб.: Оркестр, 1994. – 496 с.

45. Захарьян, А.Г. Обеспечение комплексной финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст]: дис. канд. экон. наук: 08.00.10 / Захарьян Алла Георгиевна. - Ростов н/Д., 2005. – 188 с.

46. Зудина, Л.В., Даниловских, Т.Е. Анализ ликвидности и доходности коммерческого банка как основа оценки качества его активов [Текст] / Л.В. Зудина, Т.Е. Даниловских // Международный журнал прикладных и фундаментальных исследований. – 2015. - №7-2. – С. 289-292

47. Ибраимова, С.А. Современные теоретические подходы к определению понятия «финансовая устойчивость коммерческих банков» [Текст]

/ С.А. Ибраимова // Вестник КЭУ им. М. Рыскулбекова. – 2017. - №3(41). – С. 195-197

48. Иванов, В.В. Анализ надежности банка: практическое пособие [Текст] / В. В. Иванов. – М.: Русская деловая литература, 2006. – 320 с.

49. Иванова, О.П., Оношко, О.Ю. Понятие финансовой устойчивости коммерческого банка: современные подходы [Текст] / О.П. Иванова, О.Ю. Оношко // Актуальные направления фундаментальных и прикладных исследований / Материалы XV Международной научно-практической конференции (North Charleston, USA, 9-10 апреля 2018 года) – 2018. – С. 96-103

50. Икромов, Н.Қ. Муҳити институтсионалии танзими зиддибуҳронии бонкҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Қ. Икромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. - №1(35). – С. 159-169

51. Икромов, Ф.Н. Таҳлили вазъи қарзҳои бонкӣ ва чараёни идоракунии хавфҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Икромов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - №4-1(43). – С. 85-95

52. Икромов, Ф.Н., Икромов, Н.Қ. Стратегия ва дурнамои танзими зиддибуҳронии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Икромов, Н.Қ. Икромов // Паёми донишгоҳи технологии Тоҷикистон. – 2022. - №4-2(51). – С. 170-178

53. Икромов, Ф.Н., Икромов, Н.Қ., Содиқзода, П. Масоили солимгардонии вазъи молиявии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ф.Н. Икромов, Н.Қ. Икромов, П. Содиқзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №5. – С. 43-49

54. Илюнина, Д.А. Понятие депозитных ресурсов коммерческих банков и проблемы их стабилизации в условиях экономической турбулентности [Текст] / Д.А. Илюнина // Научный вестник: финансы, банки, инвестиции. – 2016. - №1(34). – С. 90-94

55. Илюхина, М.В., Черкашнев, Р.Ю., Федорова, А.Ю. Оценка устойчивости коммерческого банка и пути ее повышения [Текст] / М.В. Илюхина, Р.Ю. Черкашнев, А.Ю. Федорова // Известия Юго-Западного государственного университета. Серия: Экономика. Социология. Менеджмент. – 2021. - №11(5). – С. 171-181

56. Исаков, Н.Г., Никонец, О.Е. Депозитная политика современных коммерческих банков [Электронный источник] / Н.Г. Исаков, О.Е. Никонец // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2018. - №7 / Режим доступа: URL: http://e-koncept.ru/2018/184036.htm

57. Кабанова, О.В. Оценка и управление финансовой устойчивостью коммерческого банка: монография [Текст] / О.В. Кабанова. – Ставрополь: Издательско-информационный центр «Фабула», 2020. – 124 с.

58. Каримов, Б.Ҳ., Ҳаёев, Қ.А. Таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бухрони молиявӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №4-1. – С. 97-105

59. Каримов, Б.Х., Хаёев, К.А. Обеспечение финансовой устойчивости коммерческих банков Республики Таджикистан в условиях финансового кризиса [Текст] / Б.Х. Каримов, К.А. Хаёев / Актуальные вопросы экономики / Сборник статей XIV Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение». – 2023. - С. 30-35

60. Клаас, Я.А. Исследование терминологической сущности финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст] / Я.А. Клаас // Финансы и кредит, 2017. – Т. 23. - №36. – С. 2159-2173

61. Кожевникова, Н.В., Романов, С.В. Проблемы формирования ресурсной базы коммерческого банка [Текст] / Н.В. Кожевникова, С.В. Романов // Вестник ТИСБИ. – 2015. - №3. – С. 152-160

62. Колобова, Э.И., Руденко, А.М. Современные методы оценки состояния ресурсной базы коммерческих банков [Текст] / Э.И. Колобова, А.М. Руденко // Вестник Алтайской науки. – 2015. - №2. – С. 176-180

63. Кондратова, О.С. Регулятивный капитал банка: сравнительный анализ соглашений Базель II и Базель III [Текст] / О.С. Кондратова // Финансы и кредит. – 2015. - №22(646). – С. 13-19

64. Копченко, Ю.Е. Финансовые ресурсы банка в системе финансирования его деятельности [Текст] / Ю.Е. Копченко // Вестник Саратовского государственного социально-экономического университета. – 2008. - №3(22). – С. 106-109

65. Корнаухова, А.П. Финансовая устойчивость банков как фактор инвестиционной стратегии [Текст]: автореф. дисс. канд. экон. наук: 08.00.10 / Александра Петровна Корнаухова. – Самара, 2007. – 23 с.

66. Корниенко, Ю.В. Влияние глобальных процессов на финансовую устойчивость банков [Текст] / Ю.В. Корниенко // Вестник МГТУ. – 2013. – Т.16. - №2. – с. 242-247

67. Криницына, Д.Е. Особенности маркетингового подхода в деятельности коммерческого банка [Текст] / Д.Е. Криницына // Интеллектуальный потенциал XXI века: ступени познания. – 2013. - № 17. – С. 255-262

68. Куликов, Н.И., Назарчук, Н.П. Банковские ресурсы, их формирование и эффективное использование: монография [Текст] / Н.И. Куликов, Н.П. Назарчук. – Тамбов: Изд-во ФГБОУ ВПО «ТГТУ», 2014. – 108 с.

69. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бонки миллии Тоҷикистон» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/laws

70. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ» [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://mmk.tj/content/ қонуни-ҷумҳурии-тоҷикистон-дар-бораи-фаъолияти-бонкӣ

71. Лаврушин, О.И. О модернизации регулирования и новых моделях развития банковской деятельности [Текст] / О.И. Лаврушин // Экономика. Налоги. Право. – 2018. - № 3. – С. 14-19

72. Лаврушин, О.И., Фетисов Г.Г. Устойчивость прежде всего [Текст] / О.И. Лаврушин, Г.Г. Фетисов // Национальный банковский журнал. - 2005. - №1. - С. 56–60

73. Ларченко, О.В. Проблемы ресурсной базы коммерческих банков [Электронный ресурс] / О.В. Ларченко // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2017. - №9 / режим доступа: URL: https://e-koncept.ru/2017/174007

74. Лев, М.Ю., Медведева, М.Б., Лещенко, Ю.Г. Оценка устойчивости коммерческого банка в аспекте экономической и финансовой безопасности [Текст] / М.Ю. Лев, М.Б. Медведева, Ю.Г. Лещенко // Экономическая безопасность. – 2023. – Т. 6. - №1. – С. 173-200

75. Лимаева, А.А. Оценка финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст] / А.А. Лимаева // Chronos: экономические науки. – 2020. - №3(28). – С. 9-15

76. Маленко, И.С. Об аспектах обеспечения финансовой устойчивости коммерческих банков [Текст] / И.С. Маленко // Вестник Финансовой академии. – 2008. - №1(45). – С. 181-189, с. 183

77. Масленченков, Ю.С. Финансовый менеджмент в коммерческом банке: фундаментальный анализ [Текст] / Ю.С. Масленченков. - М.: Перспектива, 1996. - 160 с.

78. Махмадов, О.С. Устойчивость банковской системы и принципы ее оценки [Текст] /О.С. Махмадов // Вестник РЭУ им. Г.В. Плеханова. – 2017. - №6(96). – С. 80-89

79. Махшулов, С.Ҷ., Ҷулиев, М.Ҳ. Устувории бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ [Матн] / С.Ҷ. Махшулов, М.Ҳ. Ҷулиев // Иқтисодиёти Тоҷикистон. – 2022. - №1. – С. 115-122

80. Махшулов, С.Ҷ., Ҷулиев, М.Ҳ., Ҷиҳонова, З.А. Устувории молиявии низоми бонкӣ ва таъсири он ба рушди иқтисодиёт [Матн] / С.Ҷ. Махшулов, М.Ҳ. Ҷулиев, З.А. Ҷиҳонова // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - №1(30). – С. 169-176

81. Меликьян, Г.Г. Актуальные вопросы капитализации, устойчивости и конкурентоспособности российского банковского сектора. XVI Международный банковский конгресс [Электронный ресурс] / Режим доступа: URL: http://www http://www.cbr.ru/publ/MoneyAndCredit/Melikyan.pdf

82. Миллер, Р.Л., Ван-Хуз, Д.Д. Современные деньги и банковское дело: пер. с англ. [Текст] / Р.Л. Миллер, Д.Д. Ван-Хуз. – М.: ИНФРА-М, 2000. – 856 с.

83. Музлова, В.А., Бутрина, Ю.В. Характеристика основных методик оценки финансовой устойчивости банков [Текст] / В.А. Музлова, Ю.В. Бутрина // Научно-аналитический экономический журнал. – 2017. - №5(16). – С. 9-16

84. Муравьёв, А.К. Финансовая устойчивость коммерческого банка: методический аспект [Текст]: дисс. канд. экон. наук.: 08.00.10 / Муравьёв Андрей Константинович. – Новосибирск, 2008. – 185 с.

85. Никифоров, И.А. Понятие «финансовая устойчивость банковской системы» [Текст ]/ И.А. Никифоров // Экономика: вчера, сегодня, завтра. – 2017. – Т. 7. - №3А. – С. 227-237

86. Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳо [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/banking_system/nishondihandaho/finance_bank_pokazatel.php

87. Нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/files/suboti-moliyavi/2023/FIS%20taj.pdf

88. Новикова, А.Б. Сравнительный анализ зарубежных методик оценки финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст] / А. Б. Новикова // Знание. - 2017. - № 4-3(44). - С. 60-63

89. Нуров, М.Р. Такмили механизми устувории низоми бонкии Тоҷикистон дар шароити муосир [Матн]: дисс. номзади илмҳои иқтисодӣ: 08.00.07 / Нуров Маҳмадназар Раҷабалиевич. – Душанбе, 2023. – 176 с.

90. Обидов, Ф.С., Икромов, Н.Қ. Назария ва амалияи танзими зиддибуҳронии низоми бонкӣ [Матн] / Ф.С. Обидов, Н.Қ. Икромов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. - №6. – С. 95-103

91. Овчинникова, О.П., Бец, А.Ю. Основные направления обеспечения динамичной устойчивости банковской системы [Текст] / О.П. Овчинникова, А.Ю. Бец // Финансы и кредит. – 2006. - №22(226). – С. 2-11

92. Оев, А.Д. Масъалаҳои назариявии таҳлили устувории молиявии низоми бонкӣ / А.Д. Оев // Паёми молия ва иқтисод. – 2022. - №1(30). - С. 252-258

93. Охунов, Н.Н. Оценка устойчивости банковской системы Таджикистана [Текст] / Н.Н. Охунов // Банковское дело. – 2020. - №7. – С. 45-49

94. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 28 декабри соли 2023 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: http://www.president.tj/node/32191

95. Показатели финансовой устойчивости. Руководство по составлению. Международный валютный фонд [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дасрасӣ: https://www.imf.org/external/pubs/ft/fsi/guide/2006/pdf/rus/guide.pdf

96. Полушина, О.С. О дефиниции финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст] / О.С. Полушина // Вестник УГТУ-УПИ. Серия: экономика и управление. – 2010. - №6. – С. 112-120

97. Полянская, М.А., Антонова, М.В. Зарубежные методики оценки финансовой устойчивости банков [Текст] / М.А. Полянская, М.В. Антонова // Новая наука: Современное состояние и пути развития. – 2015. - №6-1. – С. 160-162

98. Попова, И.В., Никитина, И.П. Влияние финансового кризиса на эффективность работы банков [Текст] / И.В. Попова, И.П. Никитина // Бизнес. Образование. Право. Вестник Волгоградского института бизнеса. – 2016. - №3(36). – С. 160-163

99. Продолятченко, П.А. Политика коммерсекого банка по финансовому обеспечению деятельности [Текст] / П.А. Продолятченко // Вестник ОрелГИЭТ. – 2010. - №1(11). – С. 124-134

100. Пухов, В.И. Формирование системы управления финансовой устойчивостью коммерческого банка [Текст]: дисс. канд. экон. наук.: 08.00.10 / Пухов Владимир Игнатьевич. – Москва, 2013. – 158 с.

101. Рабаданова, Д.А. Управление кредитным риском как основа финансовой устойчивости банковского сектора региона / Д.А. Рабаданова // Проблемы современной экономики. – 2011. - №2(38). – С. 202-205

102. Рабаданова, Д.А. Оценка уровня кредитного риска банковского сектора РФ [Текст] / Д.А. Рабаданова // Вестник дагестанского государственного университета. Серия 3: Общественные науки. – 2023. – Т.38. - №2. – с. 80-86

103. Раҳматова, К.Н. Султонов, З.С. Роҳҳои беҳтар кардани амалиётҳои бонкҳои тиҷоратӣ бо қоғазҳои қиматнок: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он [Матн] / К.Н. Раҳматова, З.С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - №2-2(47). – С. 178-184

104. Решульская, Е.М. Сравнительный анализ понятий «устойчивость» и «надежность» коммерческого банка [Текст] / Е.М. Решульская // Велес. – 2019. - №8-1(74). – С. 29-38

105. Родин, Д.Я. Стратегические подходы к формированию устойчивого развития коммерческих банков в рыночной среде [Текст] / Д.Я. Родин // Terra Economicus. – 2010. – Т.8. - №2-3. – С. 58-65

106. Рустамова, Р. Роҳҳои асосии таъмини устувории низоми бонкӣ [Матн] / Р. Рустамова // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2022. - №2(41). – С. 274-278

107. Санджиева, Я.А., Пирогова, О.Е. Оптимизация структуры капитала в целях повышения эффективности управления банковскими финансовыми ресурсами [Текст] / Я.А. Санджиева, О.Е. Пирогова // Современные проблемы экономики. - 2018. - №28-1. - С. 1-26

108. Сафаров, С.З. Аломат ва принсипҳои устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2020. - №1-3(77). – С. 152-155

109. Сафаров, С.З. Арзёбии омилҳои асосии таъсиркунанда ба устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2023. - №1-4(116). – С. 236-243

110. Сафаров, С.З. Такмилдиҳии бозоргирӣ ва пардохтпазирии бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2019. - №1-4-1(68). – С. 287-290

111. Сафаров, С.З. Усулҳои баҳодиҳӣ ба устувории молиявии низоми бонкӣ дар мамлакатҳои хориҷа [Матн] / С.З. Сафаров // Паёми Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. - №1-4-2(92). – С. 176-180

112. Семенова, Н.Н., Иванова, И.А., Василькина, А.А. Оценка устойчивости развития коммерческого банка на основе метода анализа иерархий [Текст] / Н.Н. Семенова, И.А. Иванова, А.А. Василькина // Финансы: теория и практика. – 2021. - №25(4). – С. 121-135

113. Соломатина, М.И. Обеспечение финансовой устойчивости российских коммерческих банков в условиях преодоления последствий глобального финансового кризиса [Текст]: дисс. канд. экон. наук.: 08.00.10 / Соломатина Мария Игоревна. – Ростов-на-Дону, 2012. – 216 с.

114. Сопоева, И.А., Басиева, К.Р. Современные подходы к определению «финансовая устойчивость коммерческого банка» [Текст] / И.А. Сопоева, К.Р. Басиева / Современная экономика: актуальные вопросы, достижения и инновации / III Международная научно-практическая конференция. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение», 2016. - С. 84-88

115. Софронова, В.В. Финансовая устойчивость банков в условиях кризиса [Текст] / В.В. Софронов // Финансы и кредит. – 2016. - №20. – С. 24-36

116. Софронова, В.В. Финансовая устойчивость банка: учебное пособие [Текст] / В.В. Софронова. – М.: ИНФРА-М, 2020. – 272 с.

117. Стародубцева, Е.Б. Проблемы развития ресурсной базы банков [Текст] / Е.Б. Стародубцева // Финансовая аналитика: проблемы и решения. – 2012. - №47(137). – С. 2-8

118. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/upload/strategia/strategiya_tj.pdf

119. Суботи молиявӣ [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/tj/suboti-moliyavi/sharhi_umumi.php

120. Султанов, З.С., Салимов, Ш.Б., Шодиева, З.Н. Эфективная финансовая политика банка как важное условие преодоления кризисных явлений (банкротства) [Текст] / З.С. Султанов, Ш.Б. Салимов, З.Н. Шодиева // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2020. - №4(72). – С. 10-21

121. Сурина, И.В., Баркова, А.С. Анализ ликвидности и доходности коммерческого банка как основа оценки качества его активов [Текст] / И.В. Сурина, А.С. Баркова // Экономика и социум. – 2016. - №12(31). – С. 266-273

122. Сысоева, Е.Ф., Кретова, Н.А. Оценка устойчивости и надежности коммерческого банка в конкурентной среде [Текст] / Е.Ф. Сысоева, Н.А. Кретова // Вестник ВГУ. Серия: экономика и управление. – 2011. - №2. – С. 219-226

123. Тавозуни бонки Эсхата [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://eskhata.com/tj/about/reports/annual_balance.php

124. Таранова, И.В. Сущность и понятие финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст] И.В. Таранова / Путь России: экономические, социальные, культурные векторы и международный контекст / Сборник материалов XIV Международной научно-практической уонференции (г. Ставрополь, 8 февраля 2019 года). – Ставрополь: Институт дружбы народов Кавказа, 2019. – С. 158-163

125. Тимофеева, З.А. Устойчивость коммерческого банка: содержание и специфика проявления на региональном уровне [Текст] / З.А. Тимофеева // Экономические и социальные перемены в регионе: факты, тенденции, прогноз. – 2002. - №3(18). – С. 43-50

126. Тиханин, В. Б. Мониторинг финансовой устойчивости коммерческого банка [Текст]: автореф. дис. канд. экон. наук: 08.00.10 / Тиханин Василий Борисович. – Казань, 2002. – 28 с.

127. Третьякова, С.Н., Мартиросян, М.В. О дефиниции и классификации устойчивости коммерческого банка [Электронный источник] / С.Н. Третьякова, М.В. Мартиросян // Вектор экономики. Электронный журнал. – 2022. - №9 / Режим доступа: URL: https://elibrary.ru/contents.asp?id=49828498

128. Уварова, Л.Ф. Оценка финансовой устойчивости региональных коммерческих банков, их оздоровление и укрепление [Текст] / Л.Ф. Уварова // журнал правовых и экономических исследований. – 2013. - №3. – С. 147-151

129. Уличкина, И.А. Классификация банковских депозитов как основа факторного анализа инструментов их привлечения [Текст] / И.А. Уличкина // Экономика и бизнес: теория и практика. – 2018. - №6. – С. 178-192

130. Улугходжаева, Х.Р. Факторы, влияющие на финансовую устойчивость коммерческих банков Республики Таджикистан [Текст] / Х.Р. Улугходжаева // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. - №2, - С. 5-8

131. Улугходжаева, Х.Р., Мирзоев, С.С. Современное состояние коммерческих банков Республики Таджикистан [Текст] / Х.Р. Улугходжаева, С.С. Мирзоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. - №10. – С. 24-27

132. Умаров, Х.У., Обидова, М.Р. Регулирующая роль Национального банка Таджикистана в условиях неравновесного состояния денежного рынка [Текст] / Х.У. Умаров, М.Р. Обидова // Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства / Сборник научных трудов / Под общей редакцией З.О. Адамановой. – Симферополь, 2022. – С. 530-533

133. Умаров, Х.У., Иброхимов, И.Р., Боймуродов, Д.Д. Методологические аспекты финансового риска в деятельности банков [Текст] / Х.У. Умаров, И.Р. Иброхимов, Д.Д. Боймуродов // Вестник таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2019. - №8. – С. 174-182

134. Умаров, Ҳ. Бонкдории исломӣ ҳамчун таҳаввулоти муҳим дар низоми бонкии ҷаҳонӣ [Матн] / Ҳ. Умаров // Паёми молия ва иқтисод. – 2023. - №1(35). – С. 54-61

135. Уразова, С.А. Устойчивость банковской системы: сущность и механизмы воздействия [Текст] / С.А. Уразова // Деньги и кредит. - 2007. - №8. - С. 30-34

136. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). Ҷилди 2 [Матн] / Зери тахрири С. Назарзода, А. Сангинов, С. Каримов, М.Ҳ. Султон. - Душанбе. 2010. - 1095 с.

137. Фатуев, В.А., Бакаева, М.А. Формирование кредитного портфеля с учетом рисков [Текст] / В.А. Фатуев, М.А. Бакаева // Известия Тульского государственного университета. Экономические и юридические науки. – 2015. - №4-1. – С. 305-3013

138. Фетисов, Г.Г. Устойчивость коммерческого банка и рейтинговые системы ее оценки [Текст] / Г.Г. Фетисов. – М.: Финансы и статистика, 2003. – 168 с.

139. Фетисов Г. Г. Устойчивость банковской системы и методология ее оценки: монография [Текст] / Г.Г. Фетисов. – М.: Экономика, 2003. – 400 с.

140. Филин, С.В. Оценка основных факторов, оказывающих влияние на финансовую устойчивость коммерческого банка [Текст] / С.В. Филин // Вестник ТГУ. – 2008. – №5 (61). – С. 82-90

141. Филипцова, О.В. Оценка финансовой устойчивости коммерческого банка: современные подходы [Текст] / О.В. Филипцова / Наука. Исследования. Практика / Сборник избранных статей по материалам Международной научной конференции (Санкт-Петербург, 25 декабря 2019 года). – Санкт-Петербург, 2020. – С. 277-280

142. Хайрзода, Ш.К. Место и роль банковской системы в политике достижения финансовой устойчивости национальной экономики [Текст] / Ш.К. Хайрзода // Финансово - экономический вестник. 2020. №2(22). С. 7-13

143. Хайрзода, Ш.К., Баратов, А.А. Некоторые вопросы формирования системы антикризисного управления в системно значимых банках Республики Таджикистан [Текст] / Ш.К. Хайрзода, А.А. Баратов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2018. - №9. – С. 18-22

144. Хайрзода, Ш.Қ. Дигаргуншавии сохтори низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ноустувории молиявӣ [Матн] / Ш.Қ. Хайрзода // Паёми молия ва иқтисод. – 2020. - №3(23). – С. 7-18

145. Хайрзода, Ш.Қ. Рушди низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити бесуботии молиявӣ (назария, методология ва амалия) [Матн]: дисс. барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ: 08.00.10 / Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ. - Душанбе - 2021. - 430 с.

146. Хайрзода, Ш.Қ., Нуров, М.Р. Таҳлили рушди нишондиҳандаҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муаммоҳои он [Матн] Ш.Қ. Хайрзода, М.Р. Нуров // Паёми молия ва иқтисод. -2022. - №4-1(33). – С. 15-23

147. Хандруев, А.А., Васильев, А.Г. Банковская система Российской Федерации в посткризисный период: проблемы и решения [Текст] / А.А. Хандруев, А.Г. Васильев // ЭТАП: экономическая теория, анализ, практика. – 2010. - №5. – С. 11-30

148. Харитонова, Ю.А., Назаренко, Я.В. Теоретические вопросы экономической устойчивости коммерческих банков [Текст] / Ю.А. Харитонова, Я.В. Назаренко // Вестник Уральского института экономики, управления и права. – 2012. - №1(18). – С. 59-64

149. Хикматов, У.С., Сайфуллозода, С. Анализ развития основных показателей банковской системы Республики Таджикистан [Текст] / У.С. Хикматов, С. Сайфуллозода // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2019. - №3(67). – С. 41-52

150. Худаярова, Х. Маркетинг депозитных операций коммерческих банков [Текст] / Х. Худаярова // WORLD SCIENCE. – 2016. - № 8 (12). – Vol. 4. - С. 55-59

151. Хушвахтзода, Қ.Х., Давлатов, Н.А. Хусусиятҳои истифодаи захираҳои молиявию қарзии субъектҳои бахши кишоварзӣ [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, Н.А. Давлатов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. - №5. – С. 5-11

152. Хушвахтзода, Қ.Х., Оев, А.Д. Мавқеи таҳлили хавфҳои қарзӣ дар низоми бонкӣ ва аҳаммияти он ба рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.Х. Хушвахтзода, А.Д. Оев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №9. – С. 5-12

153. Чувашова, А.А. Сущность понятия «финансовая устойчивость коммерческого банка» [Текст] / А.А. Чувашова // Устойчивое развитие науки и образования. – 2018. - №4. – С. 39-42

154. Шарипов, Б.М., Нуруллоев, З.Х. Анализ конкуренции на рынке банковских услуг Республики Таджикистан и методы ее снижения // Вестник Российского экономического университета имени Г.В. Плеханова. - 2014. - №4(70). - С. 101-109

155. Шарипов, Б.М., Турсунова, Т.А. Некоторые проблемы совершенствования корпоративного управления в банковской системе Таджикистана [Текст] / Б.М. Шарипов, Т.А. Турсунова // Экономика Таджикистана. – 2022. - №3. – С. 38-43

156. Шарифзода, Н.Ш. Таҳлили захираҳои бонкҳои тиҷоратӣ ва имкони истифодаи онҳо [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2021. - №4. – С. 129-139

157. Шарифзода, Н.Ш. Таҳқиқи усулҳои баҳодиҳии захираҳои бонкӣ [Матн] / Н.Ш. Шарифзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №5. – С. 85-96

158. Шарҳи устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар семоҳаи чоруми соли 2023 [Сарчашмаи электронӣ] / Низоми дастрасӣ: URL: https://nbt.tj/files/suboti-moliyavi/2023/

159. Шульгина, М.В. Модели оценки финансовой устойчивости российских коммерческих банков в меняющихся макроэкономических условиях [Текст]: дисс. канд. экон. наук.: 08.00.10 / Шульгина Марина Вадимовна. – Москва, 2021. – 159 с.

160. Юсупов, Д.С., Исматов, Х.Х. Устойчивость банковской системы в Республике Таджикистан: проблемы и перспективы [Текст] / Д.С. Юсупов, Х.Х. Исматов // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук. 2021. – Т. 88. - №3. – С. 40-52

161. Diaconu, I.R. Determinants of Bank's Stability. Evidence from CreditCoop [Text] / I.R. Diaconu, D.C. Oanea // Procedia Economics and Finance. – 2015. – №32. – P. 488-495

162. Klapper, L.F., Berger, A.N. Bank Competition and Financial Stability [Text] / L.F. Klapper, A.N. Berger // Journal of Financial Services Research/ - 2009. - N35(2). – P. 99-118

## 2. РӮЙХАТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ

### *А. Интишорот дар нашриёҳои илмии тақризшавандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон*

[1-М]. Ҳаёев, Қ.А. Асосҳои назариявии таъмини устувории фаъолияти бонкҳо дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ [Матн] / Қ.А. Ҳаёев // Идоракунии давлатӣ. – 2022. - №4-2(59). – С. 145-149

[2-М]. Ҳаёев, Қ.А. Таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити буҳрони молиявӣ [Матн] / Б.Ҳ. Каримов, Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2023. - №4. – С. 97-105

[3-М]. Ҳаёев, Қ.А. Муҳтавои иқтисодии мафҳуми устувории бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Қ.А. Ҳаёев // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2023. - №4/1(49). – С. 142-148

[4-М]. Ҳаёев, Қ.А. Барқароршавии баъдибуҳронии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Қ.А. Ҳаёев // Паёми молия ва иқтисод. – 2024. - №1(40). – С. 210-218

[5-М]. Ҳаёев, Қ.А. Такмили амсилаи танзими низоми бонкӣ бо мақсади таъмини устувории молиявии бонкҳои тиҷоратӣ [Матн] / Қ.А. Ҳаёев // Идоракунии давлатӣ. – 2024. - №1(65). – С. 150-158

### *Б. Мақолаҳо дар дигар нашриёҳо*

[6-М]. Ҳаёев, Қ.А. Вазъи пасандозҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи густариши пандемияи «Covid-19» [Матн] / Қ.А. Ҳаёев / Вазъи низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи пандемияи коронавирус «Covid-19» / Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб, 11 декабри соли 2021).

– Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2021. – С. 194-199

[7-М]. Ҳаёев, Қ.А. Коҳиши қарзҳои ғайрифаъол – ҳадаф ва омили рушди низоми бонкӣ [Матн] / Қ.А. Ҳаёев / Тоҷикистон дар низоми муосири муносибатҳои молиявӣ-қарзии байналмилалӣ / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ (ш. Душанбе, 26 ноябри соли 2021). – Душанбе: ДДМИТ, 2021. – С. 549-553

[8-М]. Хаёев, К.А. Обеспечение финансовой устойчивости коммерческих банков Республики Таджикистан в условиях финансового кризиса [Текст] / Б.Х. Каримов, К.А. Хаёев / Актуальные вопросы экономики / Сборник статей XIV Международной научно-практической конференции. – Пенза: МЦНС «Наука и просвещение». – 2023. – С. 30-35

[9-М]. Ҳаёев, Қ.А. Хусусиятҳои таъмини устувории фаъолияти бонки тиҷоратӣ дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ [Матн] Қ.А. Ҳаёев / Рушди низоми бонкӣ ва рақамикунонии бахши молиявӣ / Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (ш. Кӯлоб, 19-20 декабри соли 2023). – Кӯлоб: Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2023. – С. 327-332

[10-М]. Ҳаёев, Қ.А. Мушкилоти таъмини устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити норасоии захираҳои молиявӣ [Матн] / Масъалаҳои рушди хизматрасониҳои бонкӣ дар шароити гузариш ба низоми нави рақамикунонии иқтисодиёт / Маводи Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии Донишгоҳи давлатии Данғара (ш. Данғара, 18-19 апрели соли 2024). – Данғара: Донишгоҳи давлатии Данғара, 2024. – С. 210-215